ТАВОНМАНДСОЗИИ ХОҶАГИҲОИ ХУРДИ ДЕҲҚОНИИ РАСТАНИПАРВАРӢ
ВА ПЕШБУРДИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

# ДАСТУРАМАЛИ РАВИШИ SHEP БАРОИ МАШВАРАТЧИЁН



## Дастурамал оид ба татбиқи равиши SHEP

Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA)

SHEP Handbook for Extension Staff A Practical Guide to the Implementation of the SHEP Approach

March 2018

# Дастурамали равиши SHEP барои машваратчиён

## Дастурамал оид ба татбиқи равиши SHEP

**МУНДАРИҶА**


| | Саҳ. |
|---|---|
| Сарсухан | 7 |
| Хонандагони муҳтарам | 9 |
| Сипосгузорӣ | 11 |
| Таҳиягарони дастурамал | 12 |
| | |
| **ҚИСМАТИ 1. КОНСЕПСИЯ** | **15** |
| **1. Консепсияи равиши SHEP** | **16** |
| 1.1. Ду аркони калидии равиши SHEP | 16 |
| 1.2. Чор қадами асосии равиши SHEP | 20 |
| 1.3. Ҷанбаҳои гендерӣ дар равиши SHEP | 22 |
| **2. Афзалиятҳои равиши SHEP** | **24** |
| 2.1. Чӣ тавр SHEP аз дигар равишҳо фарқ мекунад? | 24 |
| 2.2.Натиҷа ва таъсири SHEP | 25 |
| **ҚИСМАТИ 2. АМАЛИЯ** | **27** |
| **1. Кадами 1- Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон** | **28** |
| 1.1. Семинарҳои шиносоӣ | 28 |
| **2. Кадами 2 - Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд** | **31** |
| 2.1. Тадқиқоти муштараки базавӣ | 31 |
| 2.2. Форуми ҷонибҳои манфиатдор (машғулияти интихобӣ) | 44 |
| 2.3. Тадқиқоти бозор | 51 |
| **3. Кадами 3 - Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд** | **65** |
| 3.1. Интихоби зироатҳои зерҳадаф | 65 |
| 3.2. Таҳияи тақвими кишти зироат | 72 |
| **4. Кадами 4 - Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд** | **80** |
| 4.1. Омӯзишҳои саҳроӣ | 80 |
| **5. Машғулиятҳо оид ба пайгирӣ ва мониторинг (аз ҷумла Тадқиқоти ҷамъбастии муштарак)** | **88** |
| **6. Намунаи омӯзиш оид ба баланд бардоштани донишҳои гендерӣ** | **95** |
| **ҚИСМАТИ 3. РОҲНАМОӢ** | **102** |
| **1. Саволҳои зиёд пурсидашаванда** | **103** |
| 1.1. Саволҳо оид ба татбиқпазирӣ ва методҳои равиши SHEP | 103 |
| 1.2. Саволҳо оид ба мушкилотҳои маркетингӣ | 105 |
| 1.3. Саволҳо оид ба шаклҳои кӯмак | 106 |
| 1.4. Саволҳо оид ба ҳадаф | 107 |
| 1.5. Саволҳо оид ба ҳайати машваратчиён ва низом (система) | 108 |
| 1.6. Саволҳо оид ба захираҳои молиявӣ | 108 |
| 1.7. Саволҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ | 109 |
| **2. Маводҳо/манбаъҳои истифодагардида** | **110** |
| | |

| | |
|---|---|
| **Рӯйхати расмҳо** | |
| Расми 1 - Ду аркони калидии равиши SHEP | 16 |
| Расми 2 - Чор қадами асосии равиши SHEP | 20 |
| Расми 3 - Алоқа байни ҳавасмандкунӣ ва рушди малакаҳо | 22 |
| Расми 4 - Масъалаи гендерӣ дар равиши SHEP | 23 |
| Расми 5 - Тағйиротҳои мусбӣ пас аз истифодаи равиши SHEP | 25 |
| Расми 6 - Тадқиқоти базавӣ ба манфиати деҳқонон | 32 |
| Расми 7 – Нуқтаҳое, ки бояд дар таҳияи Тақвими кишти зироат ба назар гирифта шаванд | 73 |
| Расми 8 - Муқоисаи омӯзишҳои ба пешниҳод ва талабот асосёфта | 81 |
| Расми 9 - Рушди Камишибай дар Кения | 86 |
| Расми 10 - Варақаҳои таҳияшуда дар Руанда, Непал ва Эфиопия | 86 |
| Расми 11 - Лавҳа дар Фаластин | 87 |
| Расми 12 - Таъмини "Парвоз" тавассути пайгирӣ ва мониторинг | 88 |
| | |
| **Рӯйхати чорчӯбаҳо** | |
| Чорчӯбаи 1- Ҷадвали табдили воҳиди ченаки визуалӣ барои тадқиқоти базавӣ | 36 |
| Чорчӯбаи 2- Варақаи оид ба ҳисобу китоби хароҷот | 36 |
| Чорчӯбаи 3- Деҳқонон ба деҳқонони дигар кӯмак мекунанд | 37 |
| Чорчӯбаи 4 - Тадқиқоти базавии хоҷагиҳои деҳқонии гурӯҳӣ ва фардӣ | 37 |
| Чорчӯбаи 5 - Низоми «Супориши хонагӣ» ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои базавӣ | 38 |
| Чорчӯбаи 6 - Форуми харидорон ва фурӯшандагон | 47 |
| Чорчӯбаи 7 - Шумораи бештари деҳқонон дар форум иштирок намуданд | 47 |
| Чорчӯбаи 8 - Намоиши таҷҳизотҳо ва олоти сарфакунандаи қувваи корӣ | 48 |
| Чорчӯбаи 9 - Боздид аз ширкат ва ташкилотҳои гуногун ҳангоми тадқиқоти бозор | 54 |
| Чорчӯбаи 10 - Тамрини деҳқонон қабл аз гузаронидани тадқиқоти бозор | 55 |
| Чорчӯбаи 11 - Татбиққунандагон тадқиқоти пешакии бозорро мегузаронанд | 55 |
| Чорчӯбаи 12 - Деҳқонон зиёда аз шаш навъи зироатҳоро барои омӯзиш интихоб менамоянд | 56 |
| Чорчӯбаи 13 - Деҳқонони камсавод ҳамчун намоянда барои тадқиқоти бозор интихоб гардиданд | 56 |
| Чорчӯбаи 14 - Гузаронидани тадқиқот дар бозорҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ | 57 |
| Чорчӯбаи 15 - Интихоби зироатҳои зерҳадаф барои ду мавсими гуногун | 68 |
| Чорчӯбаи 16 - Банақшагирии буҷети кишти зироат | 68 |
| Чорчӯбаи 17 - Таҳия ҷадвали оид ба талаботи баландтарин | 76 |
| Чорчӯбаи 18 - Тақвимҳои кишти зироат барои хоҷагиҳои деҳқонони гурӯҳи ва фардӣ | 76 |
| Чорчӯбаи 19 - Хизматрасонии машваратӣ аз деҳқон ба деҳқон оид ба усулҳои истеҳсол | 84 |
| Чорчӯбаи 20 - Таъсиси қитъаҳои озмоишӣ/ хоҷагиҳои омӯзишӣ | 84 |
| Чорчӯбаи 21 - Ҳамкорӣ бо кормандони бахши хусусӣ оид ба хизматрасониҳои | 85 |

| | |
|---|---|
| машваратӣ | |



| Рӯйхати сутунҳо | |
|---|---|
| Сутуни 1 - Коҳиш додани номутаносибии иттилоот бо истифодаи аз равиши SHEP | 17 |
| Сутуни 2 - Се эҳтиёҷоти равонӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ | 18 |
| Сутуни 3 - Фармоиши гуногун, ҳадафҳои гуногун | 49 |
| Сутуни 4 - Се принсипи равиши SHEP оид ба тадқиқоти бозор | 60 |
| Сутуни 5 - Маводҳои гуногуни омӯзиш барои технологияи истеҳсолот | 86 |
| Сутуни 6 - Қиссаи шавҳаре дар хоҷагии деҳқони наздиҳавлигӣ | 100 |
| Сутуни 7 - Қиссаи зане дар хоҷагии деҳқони наздиҳавлигӣ | 100 |

## Сарсухан

*Дар самти нормализатсияи равиши SHEP барои хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ*

Равиши SHEP аслан тавассути озмоиш ва иштибоҳ дар раванди ҳамкориҳои техникии миёни Кения ва Ҷопон барои беҳтар кардани хизматрасониҳои машварати кишоварзии Кения пайдо шудааст. Ҳамкориҳо дар соли 2006 оғоз гардида, равиши SHEP ҳамчун усули инноватсионии хизматрасонии машваратии кишоварзӣ бо назардошти иқтисодиёт ва психология таҳия шудааст. SHEP як равиш оид ба густариши хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ мебошад, ки ба хоҷагиҳои деҳқонии хурд дар пешбурди фаъолияти кишоварзии ба бозор нигаронидашуда мусоидат менамояд. Лоиҳаи дар боло зикргардида оид ба хизматрасонии машваратии кишоварзӣ дар Кения, ки усули мазкурро истифода бурда, даромади кишоварзии 2,500 деҳқони зерҳадафро дар ду сол ду баробар афзоиш додааст.

Дар суханронии ифтитоҳии Конфронси 5-уми байналмилалии Токио оид ба рушди Африқо дар соли 2013, Сарвазири Ҷопон Шинзо Абэ изҳори хоҳиш намуд, ки кишоварзии Африқоро аз "Парвариш ва фурӯш" ба "Парвариш барои фурӯш" иваз намоянд. Дар робита ба ин, Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) бо Ҳукумати Кения ҷиҳати паҳн намудани донишҳо оид ба равиши SHEP миёни мансабдорони соҳаи хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ ва машваратчиёни дигар кишварҳои Африқо ҳамкорӣ намуда истодааст. Айни ҳол, зиёда аз бист кишвари Африқо равиши SHEP-ро татбиқ намуда истодаанд.

Чаро равиши SHEP дар як муддати кӯтоҳ дар саросари Африқо паҳн гардид? Ба фикри ман ин се сабаб дорад. Якум, ин соддагии шиори равиши SHEP; табдили " Парвариш ва фурӯш "ба" Парвариш барои фурӯш". Ҳар шахсе, ки таҷрибаи машғул шудан бо паҳнкунии донишҳо оид ба хизматрасонии машвартии кишоварзӣ дорад, ин паёми оддиро қабул ва дастгирӣ менамояд, чунки ин метавонад ба таври самаранок аҳамияти бозорро барои ба даст овардани фоида тарғиб намояд. Сабаби дуюм аз он иборат аст, ки равиши SHEP дорои механизмҳои дарунсохт буда, ҳавасмандии деҳқонон ва кормандон-машваратчиёни соҳаи кишоварзиро оид ба кори худ баланд мебардорад. Шиори « Дилхушӣ нест, SHEP нест» миёни татбиққунандагони равиши SHEP васеъ истифода мешавад ва дар ҳақиқат бештари деҳқонон ва кормандон-машваратчиён мегуянд, ки аз кори худ лаззат мебаранд. Сабаби сеюм бошад самаранокии “Ҳамкориҳои ҷануб бо ҷануб ” ё ҳамкорӣ миёни Кения ва дигар кишварҳои Африқо мебошад. Донишҳо оид ба равиши SHEP бори аввал дар Кения тавлид гардида, дар дигар кишварҳои Африқо ба осонӣ истифода ва татбиқ карда мешавад, яъне “Ҳамкориҳои ҷануб бо ҷануб ” ба осонӣ амалӣ мегардад. Дар робита ба ин, JICA як қатор семинарҳои байналмилалии SHEP-ро ташкил ва баргузор намуда истода, ҷиҳати эҷоди дониш оид ба хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ барои ҷонибҳои дахлдор толорҳои баргузории семинарҳоро фароҳам меорад. Мо ҳамагонро ба иштироки фаъолона дар ин чорабиниҳо даъват мекунем.

Дастурамали мазкур татбиқи хизматрасониҳои машваратии кишоварзиро қадам ба қадам инъикос менамояд, ки дар равиши SHEP истифода мегарданд. Мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки равиши дар китоби мазкур пешниҳодгардида ҳамчун меъёр барои

шахсоне, ки ба таъмини хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ машғуланд қабул мегардад, ва эҳтимол рӯзе фаро мерасад, ки деҳқонон дар саросари ҷаҳон суханони зеринро мешунаванд “Парвариш барои фурӯш? Албатта, воқеан!” Бо дар назардошти ин, мо ҳамкориро бо Шумо ҷиҳати дастгирии ҳоҷагиҳои деҳқонони хурд идома медиҳем.

Марти соли 2018

Кеничи Шишидо

Директори генералӣ

Шуъбаи Рушди Деҳот,

Агентии Ҷопон оид ба Ҳамкории Байналмиллалӣ (JICA)

**Хонандагони муҳтарам,**

Агар Шумо хоҳиши ба деҳқонон тариқи пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ кӯмак карданро дошта бошед, лутфан саволҳои зеринро ба назар гиред.

1. Оё Шумо ба деҳқонон усули кишоварзиеро тавсия медиҳед, ки дар он шароити бозор ба назар гирифта намешавад?

2. Оё Шумо барнома/лоиҳаи машваратиеро татбиқ менамоед, ки он ҳавасмандии деҳқононро ба назар намегирад?

Фикр мекунам, посух «не» аст. Агар кишоварзӣ ин воситаи ягонаи таъмини рӯзгор маҳсуб ёбад, алоқамандӣ миёни маҳсулоте (ғалладона, сабзавот, мева ва чорво), ки Шумо парвариш ва истеҳсол мекунед ва бозоре, ки онро ба фурӯш мебаоред, хеле муҳим мебошад. Агар деҳқон маҳсулотеро, ки дар бозор талабот ба он намуди маҳсулот ва сифати он зиёд аст, парвариш намояд, ӯ метавонад даромади зиёд ба даст орад. Аз ҷониби дигар, агар деҳқон бе назардошти талаботи бозор зироатро интихоб ва парвариш намояд, пас дар ин сурат ӯ наметавонад маҳсулоташро бо нархи дилхоҳаш дар бозор фурӯшад. Дар миёни хоҷагиҳои деҳқонии хурд дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ деҳқононе ҳастанд, ки бе назардошти дарки дурусти иттилооти бозор ва талаботи бозор тухмиҳоро кишт намуда, парвариш менамоянд ва онҳо бо ҳамин тариқ фаъолияти кишоварзии худро роҳандозӣ менамоянд.

Ба ғайр аз ин, меҳвари хидматрасонии машваратии кишоварзӣ дар робитаи дучониба бо деҳқонон мавҷуд аст. Аммо дар бисёр мавридҳо дар хизматарсониҳои машваратӣ, таваҷҷӯҳ на ба деҳқонон, балки бештар ба худи технологияи кишоварзӣ равона мегардад. Дар хизматарсониҳои машваратӣ хеле муҳим аст, то ки деҳқонон аввалиндараҷа бошанд, чунки онҳо иштирокчиёни бевоситаи фаъолияти кишоварзӣ маҳсуб меёбанд. Бе бовар кунонидани деҳқонон оид ба самаранокӣ ва фоиданокии усулҳое, ки машваратчиён мехоҳанд паҳн намоянд, аз эҳтимол дур нест, ки усулҳои мазкур аз тарафи деҳқонон пайваста тарғиб ва истифода шаванд. Бе ҷалби деҳқонон ва саҳми онҳо, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар шудани сифатро интизор набояд шуд.

Равиши SHEP яке аз равишҳо оид ба хизматрасони машваратии кишоварзӣ мебошад. Хусусияти он аз пешбурди кишоварзӣ ҳамчун тиҷорат, алалхусус мусоидат дар паҳнкунии иттилооти бозор миёни деҳқонон ва фурӯшандаю харидорони бозор иборат аст ва ҳамзамон равиши мазкур мушкилии надоштани маълумотро оид ба вазъи боз аз байн мебарад ва дар таҳияи як қатор машғулиятҳо бо назардошти ҳавасмандгардонии деҳқонон мусоидат менамояд. Равиши SHEP аз қадамҳои табиӣ ва мушаххаси амалисозии хизматрасони машваратии кишоварзӣ иборат аст ва он ягон чизи хос нест.

Ин равиш, ки бори аввал дар Кения таҳия шуда буд, ҳоло дар зиёда аз бист кишвар татбиқ шудааст. Деҳқононе, ки тавассути ин равиш дастгирӣ ёфтаанд, аз фаъолияти кишоварзии худ ифтихор доранд ва лаззат мебаранд. Ин деҳқонон хонаҳои худро аз нав сохтанд, мошин хариданд, фарзандони худро ба мактабҳо барои таҳсил фиристоданд, хӯроки муътадил мехуранд - онҳо дар ҳақиқат беҳтар шудани сатҳи некуаҳволӣ худро эҳсос намуданд.

Дастурамали мазкур дар асоси таҷрибаи амалии татбиқи равиши SHEP дар машғулиятҳои амалӣ оид ба хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ таҳия карда шудааст ва он ҳамчун дастур барои нафароне, ки бо пешбурди хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ машғуланд, кӯмак менамояд. Аммо, эҳтимол аст, ки дар дастурамали мазкур шарҳи муфассали усулҳо ва методҳо дарҷ нагардида бошад. Мо умедвор аз он ҳастем, ки адабиёти мазкур мувофиқ ба ҳар як ҳолати амалӣ, бо назардошти иловаҳои эҷодӣ ва мутобиқсозӣ амалӣ карда мешавад. Ба пеш! Деҳқонони ҷаҳон шуморо интизоранд.

Ҷиро Айкава

Мушовири калони JICA/ мушовири равиши SHEP

**Сипосгузорӣ / Миннатдорӣ**

Дастурамали равиши SHEP барои машваратчиён бо саҳми бузурги кормандони бахши ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои Вазорати кишоварзии Кения, ки ба татбиқи “Лоиҳаи тавонмандсозии хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва пешбурди фаъолияти онҳо барои васеъ кардани миқёси маҳаллӣ (SHEP PLUS)” ва марҳилаҳои қаблии лоиҳа (SHEP ва SHEP UP) сафарбар шуда буданд, таҳия карда шудааст. Кормандони мазкур на танҳо дар таҳияи равиши SHEP саҳм гузоштанд, балки онро пайваста такмил доданд. Илова бар ин, бахши ҳамоҳангсозии лоиҳа зиёда аз дусад (200) кормандро аз бисту ду (22) кишвари Африқо, ки ҳоло равиши SHEP-ро амалӣ намуда истодаанд, омӯзониданд. Мо дар якҷоягӣ бо деҳқонон, ҷонибҳои манфиатдори Кения дастгирии роҳбарияти олии вазорат ва сайъу кӯшиши онҳоро қадр менамоем.

| Аъзоёни бахши ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои SHEP UP/SHEP PLUS | |
|---|---|
| **Ном** | **Вазифа дар лоиҳа** |
| Франсиска Маленҷ | Ҳамоҳангсози миллии лоиҳа |
| Стефен Киоко | Растанипарварӣ ва назорати сифат |
| Коллинс Отиено | Растанипарварӣ ва назорати сифат |
| Томас Муму | Муносибати гендерӣ ва тавонмандсозии гурӯҳ |
| Флоренс Вамбубуа | Муноисбати гендерӣ ва тавонмандсозии гурӯҳ |
| Питер Оранги | Ҳамоҳангсозӣ/идораи тренингҳо |
| Элизабет Мбусия | Мониторинг ва арзёбӣ |
| Раймон Челуле | Мониторинг ва арзёбӣ |
| Антонина Лута | Идораи иттилоот |
| Стефен Нзиока | Тавонмандсозии қитъа бо истифода аз технологияи Do-nou |
| Алис Нияга | Муҳандис оид ба коркарди кишоварӣ |
| Дишон Мкая | Муҳандис оид ба ҷамъоварӣ ва истифодаи об |
| Гурӯҳи кории SHEP | |
| Джемс Огола Арим | Муовини роҳбари гурӯҳ |
| Грейс Мбусия | Растанипарварӣ ва назорати сифат |
| Флоренс Мангиолӣ | Муносибати гендерӣ ва тавонмандсозии гурӯҳ |
| Заблон Ойрере | Муносибати гендерӣ ва тавонмандсозии гурӯҳ |
| Грейс Киплагат | Идораи инфрасохтоои маҳаллӣ |

**Таҳиягарони дастурамал**

Нашри ҳуҷҷати мазкур бо номи “Дастурамали SHEP барои машваратчиён” бо ташаббуси муштараки JICA ва кишварҳои татбиккунандаи равиши SHEP имконпазир гардид. Аз ҷумла, маълумоти муфассал тавассути анҷом додани як қатор сафарҳои омӯзишӣ ба кишварҳо, аз қабили Лесото, Малави, Африқои Ҷанубӣ ва Зимбабве аз моҳи апрел то октябри соли 2017, ҷамъоварӣ карда шуд. Пас аз таҳияи лоиҳаи дастурамал аз ҷониби Гурӯҳи кории JICA, он аз ҷониби гурӯҳи таҳририи иборат аз намояндагони кишварҳои дар боло зикргардида мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шуд. Тарҳи ниҳоии дастурамал бо назардошти шарҳи гурӯҳи муҳаррирон аз ҷониби Гурӯҳи кории JICA омода ва нашр гардид. Дар зер рӯйхати аъзои ҳайати таҳририя ва гурӯҳи кории JICA, ки саҳмгузорони асосии ин дастурамал мебошанд, оварда шудааст.



Ҷаласа оид ба таҳрири дастур, ки 5-уми декабри соли 2017 дар Преториа, Африқои Ҷанубӣ баргузор карда шуд.

Иштикорчиёни ҷаласаи таҳририӣ

Хонум Лимакатсо Макоае, Сармутахассис оид ба растанипарварӣ, Вазорати кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, Лесото
Хонум Марта Мохатха, Кишоварзи ноҳия, Вазорати кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, Лесото
Ҷаноби Эндрю Чаманза, Сармутахассис оид ба агробизнес, Раёсати хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ, Малавӣ
Ҷаноби Ҷафет Чимбета Зинганӣ, Мутахассис оид ба агробизнес, Вазорати кишоварзӣ, мелоратсия ва рушди об, Раёсати хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ, Малавӣ
Харуе Китажима, Сармушовир, Лоиҳаи ба бозор нигаронидашудаи SHEP (MA-SHEP), Малавӣ
Ҷаноби Вонгани Шивамбу, Муовини директор: Дастгирии миллии хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ, Раёсати кишоварзӣ, ҷангалпарварӣ ва моҳипарварӣ, Африқои Ҷанубӣ

Хонум Мфо Мудау, Ёрдамчии директор: Дастгирии миллии хизматрасониҳои машваратии кишоварзӣ, Раёсати кишоварзӣ, ҷангалпарварӣ ва моҳипарварӣ, Африқои Ҷанубӣ
Ҷаноби Даянанд Четти, Муовини директор, Раёсати кишоварзӣ ва рушди деҳот Вилояти Квазулу Натал, Африқои Ҷанубӣ
Ҷаноби Блессинг Лушаба, Сармушовири кишоварзӣ, Раёсати кишоварзӣ ва рушди деҳот Вилояти Квазулу Натал, Африқои Ҷанубӣ
Доктор Хату Тшиколомо, Директор: Растанипарварӣ, Раёсати кишоварзӣ ва рушди деҳот,Вилояти Лимпопо, Африқои Ҷанубӣ
Хонум Сибонгиле Гифт Масвангани, Олим оид ба истеҳсолот дараҷаи B, Раёсати кишоварзӣ ва рушди деҳоти Вилояти Лимпопо, Африқои Ҷанубӣ
Ҷаноби Магадани Айлвей Томас, Сармушовири кишоварзӣ, Раёсати кишоварзӣ ва рушди деҳоти Вилояти Лимпопо, Африқои Ҷанубӣ
Доктор Ммантоа Синки Кгапхола, Директор: Хизматрасонии машваратии кишоварзӣ, Раёсат оид ба масъалаҳои кишоварзӣ, рушди деҳот, замин ва муҳити Мпулагма, Африқои Ҷанубӣ
Хонум Тандекиле Мхлабане, Муовини директор: Занҷираи арзиш (маркетинг), Раёсат оид ба масъалаҳои кишоварзӣ, рушди деҳот, замин ва муҳити Мпулагма, Африқои Ҷанубӣ
Хонум Матилда Самбо, Муовини директор: Занҷираи арзиш (макроиқтисодиёт), Раёсат оид ба масъалаҳои кишоварзӣ, рушди деҳот, замин ва муҳити Мпулагма, Африқои Ҷанубӣ
Ҷаноби Ассаҳ Мудхефӣ, Муовини директор, Вазорати замин, кишоварзӣ ва кӯчониши деҳот- Раёсати кишоварзӣ, хизматрасониҳои техникӣ ва машваратӣ (AGRITEX), Зимбабве
Хонум Ҳилда Т. Мандитсвара, Сармутахассис оид ба масъалаҳои машаваратии кишоварзӣ – Растанипарварӣ, Вазорати замин, кишоварзӣ ва кӯчониши деҳот- Раёсати кишоварзӣ, хизматрасониҳои техникӣ ва машваратӣ (AGRITEX), Зимбабве

**[Гурӯҳи кории JICA ]**
Доктор. Ҷиро Айкава, Сармушовири JICA
Ҷаноби Кейсуке Ито, Раёсати рушди деҳот, JICA
Хонум Риса Гото, Раёсати рушди деҳот, JICA
Хонум Ёко Ичикава, Раёсати рушди деҳот, JICA
Ҷаноби Тошио Муракамӣ, Дафтари JICA дар Африқои Ҷанубӣ
Хонум Юрие Комине, Дафтари JICA дар Африқои Ҷанубӣ
Хонум Ева Ндерумакӣ, Дафтари JICA дар Африқои Ҷанубӣ
Ҷаноби Такуя Ойва, Коршиноси JICA дар Африқои Ҷанубӣ
Доктор Кумико Шуто, Мушовир оид ба равиши SHEP ширкати IMG

# КОНСЕПСИЯ 1

**“Қисми 1. КОНСЕПСИЯ” ҳадафи асосии равиши SHEP-ро оид ба пайдоиш, афзалият ва таъсири воқеӣ ва натиҷаи истифодаи амалии он шарҳ медиҳад.**

# 1. Консепсияи равиши SHEP

## 1.1. Ду аркони калидии равиши SHEP

### Ду аркони калиди ҳамчун такяи равиши SHEP

Равиши SHEP ба тавонмандсозии хоҷагиҳои деҳқонии хурд дар талошҳои онҳо барои пешбурди кишоварзии ба бозор нигаронидашуда равона шудааст. Равиши мазкур иқтидори деҳқононро ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти кишоварзӣ ҳамчун тиҷорат тавассути додани малакаҳои зарурии маркетингӣ ва истеҳсолӣ, баланд мебардорад. Дар ин раванд, SHEP ба дастгирии ҳавасмандии мустақилонаи деҳқонон диққати махсус медиҳад, зеро он як ҷузъи муҳим барои ноил шудан ба худбоварии деҳқонон ва натиҷаи устуворе мебошад, ки SHEP онро пешбинӣ мекунад.

Диаграммаи дар зер овардашуда ду аркони SHEP-ро нишон медиҳад, ки ба онҳо ҳам масъалаҳои «пешбурди кишоварзӣ ҳамчун тиҷорат» ва «тавонмандсозӣ ва ҳавасмандгардонии деҳқонон» асос меёбанд. Ҳарду аркон, ки пояи муҳими равиши SHEP ба ҳисоб меравад, аз ҷониби тадқиқотчиёни академӣ дастгирӣ карда мешаванд: якум - **назарияи иқтисодӣ бо номи “Бозорҳо бо иттилооти номутаносиб (асимметрӣ)”** ва дуюм - **назарияи психологӣ бо номи “Назарияи худмуайянкунӣ”.**




Расми 1: Ду аркони равиши SHEP

### *Назарияи иқтисодӣ: “Бозорҳо бо иттилооти номутаносиб (асимметрӣ)”*

Доираи дар тарафи чап буда, стратегияи асосии SHEP-ро барои амалӣ гардонидани кишоварзии ба бозор нигаронидашуда бар хилофи кишоварзии ба истеҳсолот нигаронидашуда, инъикиос менамояд.

SHEP боварӣ дорад, ки иттилооти асимметрӣ, яъне иттилооти номутаносиб байни хоҷагиҳои деҳқонии хурд ва иштирокчиёни бозор, ба монанди харидорони сабзавот, фурӯшандагони маводи кишоварзӣ, муассисаҳои молиявӣ ва ғайра яке аз омилҳои

пуркуввати иқтисоди бесамари маҳаллӣ мебошад, ки аксар вақт хоҷагиҳои деҳқонии хурд аз онҳо зарар мебинанд.

Назарияи иқтисодӣ бо номи “бозорҳои дорои иттилооти асимметрӣ”, ки аз ҷониби барандагони Ҷоизаи Нобелӣ дар соли 2001 дар соҳаи иқтисодиёт, махсусан Ҷорҷ Акерлоф, Майкл Спенс ва Ҷозеф Э. Штиглитс пешниҳод гардидааст, ҳолати мазкурро шарҳ медиҳад. Ин назария бар он бармеояд, ки рафъи **номутаносибии иттилоот калиди ислоҳи номутавозунии қудрат дар муомилот ва ҷоннок кардани иқтисодиёти самараноки маҳаллӣ мебошад.** Дар асоси ин фаҳмиш, SHEP ба деҳқонон дар бартараф кардани проблемаи норасоии иттилоотӣ байни онҳо ва шарикони тиҷории онҳо тавассути василаҳо, аз қабили ба деҳқонон омӯзонидани тарзи гузаронидани тадкиқоти бозор, инчунин ба онҳо дар барқарор кардани робитаҳои тиҷоратӣ бо субъектҳои бозор, кӯмак мекунад (Сутуни 1).

**Сутуни 1 Коҳиш додани номутаносибии иттилоот бо истифода аз равиши SHEP**

**ПРОБЛЕМАҲОЕ,** ки дар натиҷаи номутаносибии иттилоот ба вуҷуд омадаанд.



- Савдо, яъне хариду фурӯши зироатҳо аз он сабаб ба роҳ монда нашудааст, ки харидорон истеҳсолкунандагонро пайдо карда наметавонанд ва баръакс, зироат ба талаботи бозор ҷавобгӯ нест, ва зироатҳо дар вақтҳои муайян кам таъмин карда мешаванд ва ғайра.
- Нархҳоро таҳриф кардан мумкин аст, зеро деҳқонон аз сабаби надонистани нархҳои бозор ба нархҳои ноодилонаи пасти пешниҳодгардида розӣ мешаванд.
- Муомилот доимӣ ё устувор нест, зеро харидорон ва инчунин истеҳсолкунандагон наметавонанд шабакаҳои тиҷоратиеро таъсис диҳанд, ки ба онҳо эътимод намуд.
- Хароҷоти муомилот, аз қабили хароҷоти ҷустуҷӯ ва хариду фурӯш зиёд аст, зеро надоштани муносибатҳои устувори тиҷоратӣ, ба харидорон ва ҳам истеҳсолкунандагон зарур аст, ки ҳар дафъа шарикони тиҷоратии худро пайдо кунанд.

**ҲАЛЛИ** масъалаҳо тавассути тадкиқотҳои бозор ва форуми ҷонибҳои манфиатдор, ки бо ташаббуси деҳқонони зерҳадафи равиши SHEP роҳандозӣ мегардад.

- Деҳқонон бо ҷонибҳои манфиатдори бозор робитаҳои тиҷоратӣ барқарор мекунанд.
- Деҳқонон дар бораи талаботи бозор маълумот мегиранд (оид ба зироатҳои бартаридошта, навъҳо, миқдор, сифат, давраи баландтарини талабот ва ғ.).



Расм: бозори махаллии Хисор, Тоҷикистон

**НАТИҶАҲО** пас аз коҳиш додани номутаносибии иттилоот

- Деҳқонон шабакаҳои тиҷоратии худро васеъ мекунанд ва барои интихоби шарикони тиҷоратии худ имконоти бештаре доранд.
- Деҳқонон ва ҷонибҳои манфиатдори бозор ҳолати ҳамдигарро мефаҳманд ва барои фароҳам овардани вазъияти бурднок кӯшиш менамоянд.
- Деҳқонон имкониятҳои гуногунро барои ворид шудан ба бозори кишоварзӣ кашф мекунанд.
- Деҳқонон ва ҷонибҳои манфиатдори бозор эътимодро барои тиҷорати доимӣ эҷод мекунанд.

***Назарияи психологӣ: “Назарияи худмуайянкунӣ”***

Равоншиносони амрикоӣ Эдвард Деси ва Ричард Райан се эҳтиёҷоти равониро пешниҳод намуданд, ки одамонро дар назарияи худ оид ба ангезаи инсонӣ бо номи «Назарияи худмуайянкунӣ» ҳавасманд месозанд. Тибқи назария мазкур, **вақте эҳтиёҷоти одамон ба мустақилият, салоҳият ё муносибат дастгирӣ меёбад, ҳавасманд мегарданд.** Дар доираи равиши SHEP, як қатор фаъолиятҳо тарҳрезӣ шудаанд, ки онҳо метавонанд ҳавасмандии деҳқононро ба кишоварзии ба бозор нигаронидашуда бо назардошти ин се ниёзҳои равонӣ бедор намоянд (Сутуни 2).Масалан, деҳқононро роҳнамоӣ менамояд, то ки ба таври мустақилона тадқиқоти бозорро гузаронанд, то онҳо тавонанд назорати амали худро дарк кунанд, ки ин боиси дастгирии эҳтиёҷоти онҳо ба мухторият мегардад. Дар натиҷаи бо муваффақият гузаронидани тадқиқоти бозор, деҳқонон инчунин эҳсос мекунанд, ки дар доираи ин вазифаи махсус маҳорат (малака ва дониш) пайдо намуда, малакаҳои навро аз худ кардаанд, ки ин дастгирии салоҳияти онҳо мебошад. Ниҳоят равиши SHEP аз деҳқононе, ки тадқиқоти бозорро гузаронидаанд, хоҳиш мекунад, ки ба гурӯҳи деҳқонии худ баргарданд ва натиҷаҳои тадқиқотро бо дигар деҳқонон мубодила кунанд. Ба шарофати ин раванд, деҳқонон ҳисси мансубият ва дилбастагӣ ба аъзоёни гурӯҳро эҳсос менамоянд, ки дар навбати худ ба дастгирии эҳтиёҷоти психологии онҳо ба алоқамандӣ мусоидат мекунад.

**Сутуни 2 Се эҳтиёҷоти равонӣ (психологӣ) барои баланд бардоштани ҳавасмандӣ**

**МУХТОРИЯТ**



Эҳтиёҷот ба мухторият ин хоҳиши амал кардан дар асоси ташаббуси худ мебошад, на хоҳиши аз ҷониби дигарон идора гардидан. Одамон дар бозии шоҳмот мехоҳанд шоҳмотбоз бошанд, на ин ки пиёда (пешка). Бо мақсади дастгирии эҳтиёҷоти деҳқонон ба мустақилият, ба машваратчиён оид ба хизматрасонии машваратии кишоварзӣ тавсия дода мешавад, ки ҳангоми сӯҳбат бо деҳқонон эҳтиёткор бошанд ва ҳеҷ гоҳ ба деҳқонон супориш ё амр надиҳанд, ки онҳо кореро иҷро кунанд. Онҳо инчунин бояд ба деҳқонон мақсади машғул шудан ба ҳар як фаъолияти равиши SHEP-ро фаҳмонда, онҳоро дар интихоби машғулият ва чӣ тавр амалӣ намудани он роҳнамоӣ кунанд, фикру мулоҳизаҳои онҳоро оид ба чӣ тавр иҷро кардани супориш гуш кунанд. Қабули ҳисси норозигӣ ва танқиди деҳқонон нисбат ба супориш низ муҳим аст, зеро деҳқонон эҳсос менамоянд, ки нуқтаи назари онҳо аҳамият дорад ва ин дар навбати худ ба онҳо дар асоси ташаббуси худ амал карданро мусоидат менамояд.

**САЛОҲИЯТ**



Салоҳият - ин қобилияти муоширати босамар бо муҳити зисти худ мебошад. Мо худро дар он ҳолат салоҳиятнок меҳисобем, вақте ки вазифаи пешакӣ ба нақша гирифташударо пеш аз муҳлат иҷро намоем ва он вақт эҳсос менамоем, ки қобилиятҳои мо беҳтар шуда истодааст ва талаботи мо қонеъ мегардад. Машваратчиён метавонанд эҳтиёҷоти деҳқононро ба салоҳиятнокӣ тавассути тарҳрезии вазифаҳои ҳар як машғулияти равиши SHEP дастгирӣ намоянд, то онҳо дар сатҳи дурусти душвориҳои деҳқонон қарор гиранд, ҳамзамон ба

деҳқонон кӯмак намоянд, то ки онҳо дастовардҳои худро дақиқ арзёбӣ кунанд ва ба деҳқонон сохтори возеҳеро оид ба чиро, дар кадом вақт, чӣ ва то чӣ андоза дар доираи машғулиятҳои гуногуни SHEP иҷро кардан зарур аст, пешниҳод кунанд, ки ҳадафи мушаххаси ҳар як омӯзиши равиши SHEP мебошад.

**МУНОСИБАТ**

Муносибат ин хоҳиши доштани муносибатҳои хуб бо дигарон мебошад. Муносибати байни шахси супоришдиҳанда ва шахси супоришгиранда, ки ба ҳавасмандии супоришгиранда ва муносибати ӯ ба супориш таъсири зиёд мерасонад. Барои машвартчӣ боварии деҳқононе, ки машғулиятҳои SHEP-ро анҷом медиҳанд, муҳимтарин чиз барои дастгирии муносибат мебошад. Барои ба даст овардани боварии деҳқонон ба машваратчиён тавсия дода мешавад, ки ба суханҳои деҳқонон ҳангоми иҷрои машғулиятҳои SHEP бодиққат гӯш кунанд ва ҳамеша барои расонидани кӯмаки ҷисмонӣ ва равонӣ ба деҳқонон дастрас бошанд, то ки деҳқонон тавонанд ба онҳо такя кунанд.



## *Амалисозии ду талабот оид ба таъмини устуворӣ*

Устувории SHEP дар он аст, ки тамоми фаъолияти он барои амалисозии ҳарду талаботи дар назарияҳои иқтисодӣ ва психологии дар боло зикргардида ва дар як вақт пешбинишуда тарҳрезӣ гардидааст. Аз дигар ҷиҳат, равиши SHEP кӯшиш мекунад, ки номутаносибии иттилоотро дар бозор коҳиш диҳад, дар ҳоле ки он эҳтиёҷоти равонии деҳқононро барои мухторият, салоҳият ё муносибат дастгирӣ менамояд. Бинобар сабаби мудохилаи дуҳадафа, деҳқонони зерҳадаф баъди хатми курси омӯзишии равиши SHEP метавонанд бо ташаббуси худ бе кӯмаки ҳукумат тиҷорати фаъолияти кишоварзии худро идора кунанд. Назарияи равшиши SHEP аз он иборат аст, ки худбовариро ба деҳқонон омӯзонад, то ки онҳо тавонанд тиҷорати кишоварзии худро пайваста рушд диҳанд ва сатҳи зиндагии худро бидуни эҷоди синдроми вобастагӣ беҳтар кунанд.

## 1.2. Чор қадами асосии равиши SHEP

**Чор қадами асосӣ**

Дар робита ба назарияи худмуайянкунӣ, равиши SHEP як қатор омӯзишҳоро оид ба рушди иқтидор ба деҳқонони зерҳадаф пешниҳод менамояд, то ҳавасмандии деҳқонон тавассути дастгирии се эҳтиёҷоти равонии онҳо баланд бардошта шавад. Масалан, равиши SHEP ба деҳқонон бо тартиби мувофиқ омӯзишҳои гуногун пешниҳод менамояд, ки он "Чор қадами муҳими SHEP" номида мешавад, ки дар зер шарҳ дода шудааст.

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | -Семинарҳои шиносоӣ |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)<br>- Тадқиқоти бозор |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

Расми 2: Чор қадами асоси

**Қадами 1. Фаҳмондани мақсад ба деҳқонон**

Пеш аз ҳама, равиши SHEP мубодилаи мақсад ва диди худро бо деҳқонони баҳрагиранда қадами аввалиндараҷа ва хеле муҳим мешуморад, чунки худи деҳқонон барои амалӣ намудани тиҷорати аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок ҳангоми баргузории курсҳои омӯзишӣ кӯшиши бештар ба харҷ медиҳанд. Деҳқононро зарур аст, то ки бо мақсади равиши SHEP, ки барои расидан ба он кӯшиш мекунад, боварӣ ҳосил намоянд ва бо он розӣ шаванд. Ташкили **Семинари Шиносоӣ** роҳи мушаххаси мубодилаи ин ҳадаф бо деҳқонони зерҳадаф мебошад (нигаред ба “1.1. Семинари иносоӣ” дар ҚИСМИ 2-и Дастурамали мазкур).

**Қадами 2. Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд**

Қадами дуюм - баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва дониши деҳқонон оид ба имкониятҳо ва иқтидори кишоварзӣ мебошад. Қадами мазкур бениҳоят муҳим мебошад, зеро бе доштани дониш оид ба равиши мазкур барои деҳқонон қабули ӯҳдадориҳо барои тағйир додани фаъолияти кишоварзии худ ба самти беҳтар ва ҳамзамон ҳавасманд гардидан хеле душвор аст. Дар доираи ин қадам пеш аз ҳама деҳқонон бо воқеияти тиҷорат ва бозор шинос карда мешаванд. Чорабиниҳо барои Қадами 2 аз **Тадқиқоти муштараки базавӣ, Форуми ҷонибҳои манфиатдор** (ҳамчун фаъолияти интихобӣ) ва **Тадқиқоти бозор**, ки аз ҷониби худи деҳқонон гузаронида мешаванд (нигаред ба “2.1. Тадқиқоти базавӣ”, “2.2. Форуми ҷонибҳои манфиатдор (фаъолияти интихобӣ)” ва “2.3. Тадқиқоти бозор» дар ҚИСМИ 2-и Дастурамали мазкур), иборат мебошанд. Лозим ба ёдоварист, ки Форуми ҷонибҳои манфиатдор (иштирокчиён) ҳамчун фаъолияти

интихобӣ буда, ба ибораи дигар, фаъолияте мебошад, ки дар сурати мавҷудият ва таъмини захираҳои кофии молиявӣ ва инсонӣ бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои зерҳадаф ва тасдиқи самараноки он ташкил ва гузаронида мешавад.

**Қадами 3. Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд**

Бо огоҳӣ ва донишҳои нав, ки деҳқонон дар доираи омӯзишҳои қадами дуюм ба даст оварданд, онҳо метавонанд барои тағйир додани фаъолияти кишоварзии худ қарор қабул намоянд. Қадами сеюм раванди **Интихоби Кишти зироатҳои** зерҳадаф ва таҳияи нақша бо номи «Тақвими кишти зироат» -ро дар бар мегирад, то деҳқонон тавонанд аз ҷиҳати стратегӣ маҳсулоти зироатҳои зерҳадафи худро ба дилхоҳ бозорҳои интихобкардаи худ дар вақти дуруст пешниҳод намоянд (нигаред ба “3.1. Интихоби зироатҳои зерҳадаф ва 3.2.” Таҳияи **Тақвими Кишти зироат**” дар ҚИСМИ 2-и Дастурамали мазкур оварда шудааст).

**Қадами 4. Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд**

Ҳамчун қадами охирин ба татбиққунандагони равиши SHEP роҳҳои ҳалли техникии масъалаҳоро пешниҳод менамояд ва бо ин мақсад барои зироатҳои интихобкардаи деҳқонон омӯзишҳои саҳроӣ гузаронида мешаванд, то онҳо ҳосили ба нақша гирифтаи худро истеҳсол кунанд ё ба даст оранд (нигаред ба фасли “4.1. Омӯзишҳои саҳроӣ” дар ҚИСМИ 2-и Дастурамали мазкур).

**Фаъолияти минбаъда ва мониторинг**

Пас аз анҷоми чор қадам, пайгирӣ (фаъолияти минбаъда) ва мониторинг бо мақсади таъмини устуворӣ ва тасдиқи он, ки деҳқонон донишҳои азхудкардаашонро дар тиҷорати ҳаррӯзаи кишоварзии худ истифода мебаранд, ба роҳ монда мешавад (нигаред ба «5 Пайгирӣ (фаъолияти минбаъда) ва мониторинг (аз ҷумла Тадқиқоти ҷамъбастии муштарак)» Дастурамали мазкур).

**Алоқамандии байни ҳавасмандгардонӣ ва рушди малакаҳо**

Чаро дар равиши SHEP ба ҷойи гузаштан ба қадами 4-ум, яъне ба омӯзишҳои саҳроӣ, чор қадами вақтталаб истифода карда мешавад? Чунки равиши SHEP зарур мешуморад, ки деҳқонон пеш аз ҳама бояд ҳавасманд карда шаванд, то малакаҳои навро омӯзанд ва аз худ намоянд. Дар равиши SHEP талаб карда мешавад, ки ҳангоми баргузор намудани омӯзишҳо ва чорабиниҳо алоқамандии байни ҳавасмандгардонии деҳқонон ва рушди малакаҳо ба назар гирифта шавад. Чӣ тавре дар диаграмма нишон дода шудааст, агар деҳқонон ҳавасманд набошанд, барои онҳо нававариро аз худ кардан хеле душвор мешавад. Аз тарафи дигар бошад, агар онҳо эҳсос намоянд, ки малакаҳои онҳо беҳтар шуда истодааст, сатҳи худбовариашон зиёд мешавад ва дар ин сурат дар онҳо ҷиҳати амалисозии машғулиятҳои оянда шавқ пайдо мегардад.




Расми 3: Алоқамандии байни ҳавасмандгардонӣ ва рушди малакаҳо

Чор қадами равиши SHEP ё тартиби муносиби машғулиятҳо, ки дар Кения озмоиш ва тасдиқ карда шудааст, бо назардошти алоқамандии байни ҳавасмандгардонӣ ва рушди малакаҳои деҳқонон таҳия гардидааст. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодаи он дар заминаи раванди азхудкунии малакаҳои деҳқонон ва ҳавасмандии баланди онҳо натиҷаҳои беҳтарин ба даст оварда мешаванд.

### 1.3. Ҷанбаҳои гендерӣ дар равиши SHEP

Равиши SHEP масъалаҳои гендериро ҳамчун **ҷузъи ҷудонашаванда ва муҳими идоракунии тиҷорати хоҷагиҳои хурди деҳқононии растанипарварӣ** меҳисобад. Масъали гендерӣ як ҷанбаи муҳими ноил шудан ба ҳадафи равиши SHEP, яъне беҳтарсозии шароити некӯаҳволии оила мебошад. Агар ҳангоми фаъолияти кишоварзӣ баробарии гендерӣ ба назар гирифта нашавад, ҷуфти деҳқонон (зану шавҳар) метавонанд дар қабули қарори худ ихтилоф дошта бошанд ё як нафар аз оила (зан ё шавҳар) метавонад бори гарони корҳои дилгиркунанда ва вақтталаби кишоварзиро ба дӯш гирад. Дар Кения масъалаҳои гендерӣ дар ҳар як фаъолият бодиққат баррасӣ карда шуданд ва дар натиҷа, оилаҳои деҳқонон ҳамчун иштирокчиёни фаъоли идоракунии тиҷорати хоҷагиҳои деҳқонӣ гардиданд. Ин дигаргуниҳо дар охир боиси боз ҳам беҳтар шудани некӯаҳволии онҳо гардид. Меъёрҳо ва масъалаҳои гендерӣ вобаста ба ҳар як кишвар ва минтақаҳо фарқ мекунанд. Масалан, баъзе ҷамоатҳое ҳастанд, ки одамон фикр мекунанд, ки мардон ва занон набояд дар як вохӯрӣ якҷоя иштирок намоянд. Дар дигар ҷамоатҳо эҳтимол танҳо занҳо ба кишоварзӣ машғул мешаванд, чунки шавҳарони онҳо берун аз шаҳр ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ кор ва фаъолият мекунанд. Дар ҳар сурат, чун зану шавҳар омилҳои асосии идоракунии молияи оила маҳсуб меёбанд, хеле муҳим аст, ки онҳоро ба ҳайси шарикони тиҷоратӣ барои пешбурди кишоварзӣ ҳамчун тиҷорат қабул намоем. Аз ин хотир, ба татбиқкунандагони равиши SHEP тавсия дода мешавад, ки ба муносибатҳои гендерӣ ва меъёрҳои ҷамоатҳои зерҳадаф диққати махсус диҳанд ва машғулиятҳои машваратии кишоварзиро мутобиқ ба вазъи маҳаллии ҷамоатҳо ба нақша гиранд.




Расм: вилояти Хатлон, Точикистон

Расми 4: Масъалаҳои гендерӣ дар **Зану шавҳар ҳамчун як ҷузъи**

Тавре, ки дар Расми 4 нишон дода шудааст, SHEP дар Кения масъалаҳои гендериро аз се нуқтаи назари гуногун: (1) имкониятҳои баробар, (2) таҳлили нақшҳои гендерӣ дар оила ва (3) қабули қарорҳои муштарак, баррасӣ мекунанд. Барои ба равиши SHEP ворид кардани нуқтаҳои назари болозикр, зарур аст, ки дар ҳама марҳилаҳои татбиқи SHEP маъсаъалаҳои гендерӣ баррасӣ карда шуда, ба танзим дароварда шаванд. Дастурамали мазкур баъзе аз нишондиҳандаҳои[1] муфиди гендериро дар бар мегирад, ки ба « ВАРАҚАИ САНҶИШ (ЧЕКЛИСТ)» дар ҳар як машғулияти SHEP дар боби «ҚИСМИ 2. АМАЛИЯ» дохил карда шудаанд. Агар ҷамоатҳои зерҳадаф ҳолати гендерӣ ба ҳолатҳои Кения шабеҳ бошанд, лутфан аз нишондиҳандаҳои ин дастурамал истифода намоед.

[1] Нишондиҳандаҳои дар Дастурамал номбаршуда хусусияти умумӣ дошта, на ба ҳолати ҳар як кишвар ё минтақа хос мебошанд. Аз ин рӯ, ба татбиққунандагон тавсия дода мешавад, ки масъалаҳои гендерии ҷомеаҳои зерҳадафро бо диққат мавриди омӯзиш қарор диҳанд ва беҳтарин нишондиҳандаҳоеро таҳия намоянд, ки дар кишварҳо ё минтақаҳои онҳо ба талаботи танзими гендерӣ мусоидат мекунанд.

# 2. Афзалиятҳои равиши SHEP

## 2.1. Чӣ тавр SHEP аз дигар равишҳо фарқ мекунад?

Равиши SHEP инструмент ва усулҳои мухталиферо истифода менамояд, ки аз равишҳои анъанавӣ фарқ мекунанд. Принсипи роҳнамоии SHEP ин ҳавасмандгардонӣ ва тавонмандсозии деҳқонон дар тамоми раванди амалисозии машғулиятҳо мебошад, ки дар “1.1. Ду аркони асосии равиши SHEP» шарҳ дода шудааст. Аз ин лиҳоз, равиши SHEP ҳамеша фарогири ҷанбаи мудохилаи рушди иқтидор бо таваҷҷӯҳи бештар ба **таъсиррасонӣ ва натиҷагирии фаъолиятҳо мебошад**. Нигаред ба якчанд мисолҳои мушаххаси ин **равиши ба деҳқон нигаронидашуда**, ки SHEP ба онҳо такя мекунад.



Расм Тренинги деҳқонон дар ноҳияи Файзобод, Тоҷикистон

**Семинарҳои шиносоӣ (маълумотӣ)**

- Ба деҳқонон маълумот дода мешавад, ки равиши SHEP танҳо кӯмаки техникӣ мебошад ва ба онҳо ҳеҷ гуна кӯмаки молиявӣ ё моддӣ расонида намешавад.
- Деҳқонон розӣ ҳастанд, ки дар татбиқи равиши SHEP иштирок кунанд, то ки тариқи рушд намудани тавонмандии техникии худ мустақил бошанд.

**Тадқиқотҳои базавӣ ва ниҳоӣ (ҷамъбастӣ)**

- Машваратчиён ва деҳқонон якҷоя тадқиқотҳо мегузаронанд.
- Маълумоти ҳадди ақал, вале муҳим ҷамъоварӣ карда мешавад ва худи деҳқонон метавонанд саволномаҳоро пур кунанд.

**Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)**

- Ба форум танҳо ҷонибҳои манфиатдори (иштирокчиёни) дахлдори бозор, ки бо хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ҳамкорӣ мекунанд, даъват карда мешаванд. Деҳқонон имкон пайдо мекунанд, то ки бо иштирокчиён озодона ва бо роҳат суҳбатҳои як ба яки тиҷоратӣ анҷом диҳанд.

**Тадқиқоти бозор**

- Деҳқонон аз бозорҳои ҳамсоя дидан намуда, мушоҳида мекунанд, ки ҳосили деҳқонон чӣ тавр фурӯхта мешавад. Онҳо на танҳо дар бораи нархҳо маълумот ҷамъ мекунанд, балки бо талаботи бозор, аз қабили зироатҳои фурӯхташаванда, сифат ва миқдори заруриро ошно мешаванд.
- Деҳқонон инчунин бо ҷонибҳои манфиатдори (иштирокчиёни) дахлдори бозор шинос шуда, бо онҳо шабакаҳои шахсӣ барқарор мекунанд.

**Интихоби зироати зерҳадаф ва таҳияи тақвими кишти зироат**

- Бо тавсияҳои техникии машваратчиён, худи деҳқонон дар асоси маълумоти ҷамъоваригардида оид ба вазъи бозор қарор қабул менамоянд кадом зироатро дар кадом вақт кишт кунанд.

**Омӯзишҳои саҳроӣ**

- Машваратчиён ба деҳқонон оид ба зироатҳое, ки онҳо интихоб кардаанд, омӯзиш мегузаронанд, яъне омӯзиш дар асоси талабот.

## 2.2. Натиҷа ва таъсири равиши SHEP

Таҷрибаҳо дар Кения ва инчунин дар дигар кишварҳои татбиққунандаи SHEP собит кардаанд, ки равиши SHEP метавонад ҳам ба деҳқонони зерҳадаф ва ҳам ба ҷонибҳои манфиатдори бозор ба таври мусбӣ таъсири калон расонад. Тағйиротҳои умумӣ пас аз истифодаи SHEP чунинанд:




Расми 5: Тағйироти мусбӣ пас аз

**[Тағйирот дар фаъолияти амалии кишоварзӣ]**

- Деҳқонон усулҳои парваришe, ки дар доираи равиши SHEP ба онҳо омӯзонида шудааст, ҷорӣ намуданд.
- Деҳқонон мувофиқи талаботи бозор зироатҳо ё навъҳои зироатҳоро иваз карданд.
- Деҳқонон аз тухмиҳои сертификатдор истифода намуданд.
- Деҳқонон вақти киштро тағйир доданд, то онҳо тавонанд дар давраи авҷи талабот ҳосили худро ҷамъоварӣ кунанд.
- Деҳқонон заминҳои худро барои кишти зироатҳо васеъ карданд, то онҳо ба талаботи бозор ҷавобгӯ бошанд.
- Деҳқонон барои беҳтар кардани сифати зироатҳои бозоргузар усулҳои мувофиқи идораи парвариши зироатҳоро истифода бурданд.

**[Тағйирот дар идоракунӣ ва маркетинг]**

- Деҳқонон ба таври мунтазам гузаронидани тадқиқоти бозорро оғоз карданд.
- Деҳқонон ниёзҳои бозорро пеш аз интихоби зироат барои парвариш таҳқиқ намуданд.
- Деҳқонон ба пешбурди бақайдгирии хоҷагии деҳқонӣ шурӯъ карданд.

- Деҳқонон ба тартиб додани нақшаҳо оид ба фаъолияти кишоварзӣ шурӯъ карданд.
- Деҳқонон бо харидорони эҳтимолӣ тамос барқарор намуда, тавассути телефон ба таври мунтазам маълумоти заруриро бо онҳо мубодила мекарданд.
- Деҳқонон баъзе зироатҳоро мутобиқи талаботи бозор бастабандӣ намуданд.
- Деҳқонон мизоҷони доимиро (чаканафурӯшон, яклухтфурӯшон, миёнаравҳо ва ғ.), ки боэътимод ва сазовори боварӣ буданд, пайдо намуданд.
- Деҳқонон бо ширкатҳои содиротӣ ё ширкатҳои коркарди озуқа ба бастани шартномаи кишоварзӣ шурӯъ карданд.
- Деҳқонон боварӣ ҳосил карданд, ки чанде аз аъзои гурӯҳ ба фурӯшандагон дар бор кардани ҳосил ба мошини боркаш кӯмак карданд, вақте ки онҳо барои харидани ҳосил ба хоҷагии деҳқонӣ меоянд.

**[Тағйирот дар машғулиятҳои гурӯҳии деҳқонон]**

- Гурӯҳҳои деҳқонӣ ягонагии қавитарро ташаккул доданд ва дар байни аъзоён эътимод ба вуҷуд омад.
- Гурӯҳҳои деҳқонӣ ба хариди гурӯҳӣ ва фурӯши гурӯҳӣ шурӯъ карданд.
- Аъзоёни гурӯҳҳои деҳқонӣ байни худ ҳамоҳанг мекарданд, то ки онҳо ҳамчун гурӯҳ пайваста ба бозор маҳсулот пешниҳод намоянд.
- Гурӯҳҳои деҳқонӣ бо пуле, ки аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба даст овардаанд, ба инфрасохтори асосии кишоварзӣ, аз қабили иншооти обёрӣ сармоягузорӣ намуданд.
- Гурӯҳҳои деҳқонӣ аъзогии худро васеъ намуда, расман ҳамчун кооператив ба қайд гирифта шуданд.

**[Тағйирот дар зиндагии деҳқонон]**

- Бо ба даст овардани даромади зиёд деҳқонон хона, мотосикл, мошин ё замин хариданд.
- Деҳқонон фарзандони худро ба мактабҳои хусусӣ ё дигар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олӣ фиристоданд.
- Деҳқонон даромади аз растанипарварӣ ба даст овардаи худро барои сармоягузорӣ дар корхонаҳои дигар, аз қабили сартарошхона ва дӯконҳо барои гирифтани даромади иловагӣ, истифода мекарданд.

**[Тағйирот дар муносибати оилавӣ]**

- Зану шавҳар дар бораи идоракунии хоҷагии деҳқонӣ ба мубодилаи афкор шуруъ намуда, якҷоя карор кабул карданд.
- Зану шавҳар нақшҳои гендерии худро баррасӣ намуданд ва роҳҳои тақсимоти самараноки меҳнатро ҳам дар кишоварзӣ ва ҳам дар корҳои хона пайдо карданд.
- Зану шавҳар якҷоя идора кардани буҷаи оилавии худро оғоз карданд.
- Шавҳарон шаробнуширо кам карда, вақти бештарро дар корҳои кишоварзӣ сарф карданд, ки ин боиси фароҳам овардани муносибати хуб бо занҳо гардид.
- Кӯдакон ба волидонашон дар корҳои кишоварзӣ кӯмак карданро оғоз намуданд.
- Ҷавонони деҳот ба ивази ба шаҳр барои пайдо кардани кор кӯчида рафтан, дар ҷамоат зиндагӣ намуда, деҳқониро оғоз карданд.

# ҚИСМАТИ 2: АМАЛИЯ

**“Қисмати 2.  АМАЛИЯ” ба таври муфассал шарҳ медиҳад, ки чӣ тавр машғулиятҳои равиши SHEP-ро амалӣ намуд.**

# 1. Қадами 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон

Қадами якуми равиши SHEP ин мубодилаи мақсади SHEP бо деҳқонон мебошад. SHEP равиши ба деҳқонон расондани ёрии моддию молиявӣ нест. Ин як мудохила оид ба рушди иқтидор мебошад, ки дар он деҳқононро зарур аст, то ки ҷиҳати аз худ намудани донишҳо ва малакаҳои нав тавассути иштирок дар омӯзишҳои равиши мазкур сайъу кӯшиш намояд. Ҳадафи ниҳоии равиши SHEP ин тавонмандсозии деҳқонон ҳам аз ҷиҳати техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ мебошад, то онҳо тавонанд бо тафаккури соҳибкорӣ кишоварзии ба бозор нигаронидашуда ё "кишоварзӣ ҳамчун тиҷорат"-ро роҳандозӣ намоянд. Паёми мазкур бояд ба деҳқонони зерҳадаф ба таври возеҳ расонида шавад, то онҳо барои амалисозии мақсади равиши SHEP ҳавасманд шаванд.

## 1.1. Семинарҳои шиносоӣ

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | **-Семинарҳои шиносоӣ** (Мо дар ин ҷой) |
| 2: Дониши деҳқононбаланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)<br>- Тадқиқоти бозор |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| Мониторинг ва пайгирӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

**Чаро? - Ҳадафҳо**

Мақсади ташкил ва баргузор намудани Семинарҳои шиносоӣ **мубодилаи биниш ва ҳадафи равиши SHEP бо деҳқонон**, яъне кӯмак расонидан ба онҳо барои табдил ёфтан ба деҳқонони мустақили дорои фаҳмиши соҳибкорӣ мебошад.

**Чӣ? - Шарҳ**

Пас аз интихоби деҳқонони зерҳадаф, семинарҳои шиносоӣ барои фаҳмонидани тафсилот ва мӯҳлатҳои курсҳои омӯзишии равиши SHEP ва инчунин ҳадафи равиши SHEP ташкил ва гузаронида мешаванд.



## Чӣ тавр? - Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ

- Семинари шиносоӣ як чорабинии муҳими ибтидоӣ мебошад, ки дар он татбиқкунандагон ва деҳқонон нуқтаи назари **равиши SHEP-ро мубодила менамоянд.**
- Деҳқонон дарк мекунанд ва розӣ ҳастанд, ки диди равиши мазкур **танҳотавассути ташаббусҳои худи деҳқонон** барои пешбурди фаъолияти кишоварзии ба бозор нигаронидашуда амалӣ карда шавад.
- Деҳқонон дарк мекунанд, ки равиши SHEP **танҳо як кӯмаки техникӣ аст, яъне расонидани кӯмаки молиявӣ ва моддӣ** аз ҷониби хукумат дар доира он пешбинӣ намегардад.




## Қадам - Тартиби татбиқ (вақти талабкардашуда[2] : 1-2 соат)

1. Маҷлис дар ҷое гузаронда шавад, ки деҳқонон тавонанд ба осонӣ ҷамъ шаванд, ба мисли толори ҷамоат, мактаб, хонаи роҳбари гурӯҳ ва ғайра.
2. Татбиқкунандагон, аз ҷумла, машваратчиёни масъули гурӯҳ моҳияти равиши SHEP-ро шарҳ диҳанд, то иштирокчиён тавонанд фикрҳои худро баён намоянд.
3. Шарҳи минбаъда бояд тафсилот ва мӯҳлатҳои машғулиятҳои SHEP, нақш ва ухдадориҳои деҳқононро барои хатми курси омӯзишии равиши SHEP дар бар гирад.



Расм: Ҷамоати Қаратоғ шаҳри Турсунзода, Тоҷикистон

4. Татбиқкунандагон хотиррасон намоянд, ки ҳам аъзоёни мард ва ҳам зан бояд дар омӯзишҳо баробар иштирок кунанд. Илова бар ин, аъзоён ва ҳамсарони онҳо бояд дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани фаъолият дар давоми курсҳои омӯзишии SHEP фаъолона иштирок кунанд. Татбиқкунандагон бояд ба деҳқонон ҷиҳати иштирок дар муҳокимаҳо оид ба аҳамияти баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон кӯмак намоянд.

---

[2] "Вақти талабкардашуда" раванди омодагиро, аз ҷумла таъмини ҷойи баргузории чорабинӣ, муошират бо деҳқонон, гузаронидани омӯзиши тренерон ва ғайраро дар бар намегирад.




Расм: Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Хатлон, Тоҷикистон

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ (ЧЕКЛИСТ) - Нуқтаҳое, ки пас аз ин фаъолият бояд тасдиқ карда шаванд**

- ☐ Деҳқонони зерҳадаф бо ҷадвал оид ба вақти баргузории омӯзишҳои пешбинигардида шинос шудаанд ва ба он розигии худро медиҳанд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф мефаҳманд ва мефаҳмонанд, ки нақши онҳо ҳамчун иштирокчиёни омӯзиши равиши SHEP аз чӣ иборат аст ва ҳуқуқи онҳо чист.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф метавонанд мақсади худро тасаввур намоянд ва шарҳ диҳанд, ки баъд аз ба итмом расидани курсҳои омӯзишии SHEP онҳо чиро аз худ мекунанд.
- ☐ Таносуби иштирокчиёни марду зан мутаносиб аст.
- ☐ Муҳокима оид ба баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон баргузор карда шуда, иштироки (1) ҳам мард ва ҳам зан ва (2) аъзоён ва ҳамсарони онҳо ташвиқ карда шуд.

**ҲАЛЛИ ПРОБЛЕМАҲО - Роҳҳои ҳалли мушкилотҳои зуд-зуд ба миён оянда**

**С: Деҳқонон “Маводҳои тарғиботӣ”-ро интизоранд** – Азбаски қариб ҳамаи лоиҳаҳо/барномаҳои қаблӣ ба деҳқонон як навъ маводҳои моддӣ медоданд, онҳо аз равиши SHEP низ чунин маводҳоро интизоранд. Оё онҳо иштирок дар омӯзишро қатъ мекунанд, вақте ки онҳо дарк мекунанд, ки аз ҷониби SHEP ягон кӯмаки молиявӣ ё моддӣ расонида намешавад?

**Ҷ:** Барои деҳқонони зерҳадаф хеле муҳим аст, ки дар аввал донанд ва розӣ шаванд, ки онҳо танҳо ёрии техникӣ (машваратӣ) мегиранд, на ёрии моддӣ. Ҳангоми интихоби деҳқонони эҳтимолӣ ва тамос гирифтан бо онҳо, ба таври возеҳ фаҳмидан зарур аст, ки танҳо он деҳқононе, ки мехоҳанд дар як қатор омӯзишҳо оид ба рушди иқтидор бе гирифтани ягон саҳми моддӣ иштирок кунанд, барои SHEP мувофиқанд.

**С: Барои чӣ масъалаи гендерӣ дар семинари шиносоӣ муҳокима карда мешавад? –** Барои чӣ моро зарур аст масъалаҳои баробарии гендериро дар семинари шиносоӣ муҳокима намоем? Оё мо метавонем масъалаи мазкурро дар марҳилаҳои баъди баррасӣ намоем?

**Ҷ:** Дар мавриди консепсияи равиши SHEP оид ба масъалаҳои гендерӣ, лутфан ба “1.3. Масъалаи гендерӣ дар равиши SHEP дар ҚИСМИ 1» нигаред. Дар равиши SHEP масъалаи гендерӣ бояд ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи SHEP буда, барои амалӣ намудани ҳадафи худ баррасӣ карда шавад; таъмини сатҳи баланди некӯаҳволӣ тавассути идораи мустақили хоҷагии деҳқонӣ. Ҳадафи SHEP танҳо дар он сурат амалӣ карда мешавад, ки агар баробари гендерӣ (иштироки баробари зану мард) дар қабули қарорҳо ва тамоми раванди татбиқи SHEP таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, деҳқонони зерҳадаф бояд дар ибтидои курси омӯзишии SHEP, яъне семинари шиносоӣ оид ба ин масъала огоҳ бошанд, то ки деҳқонони мард ва ҳам зан ва инчунин ҳамсарони онҳо барои таъмини иштироки фаъол ва қабули қарорҳои муштарак дар кори худ розӣ бошанд.

## 2. Қадами 2 - Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд

Қадами дуюми равиши SHEP - ин фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои деҳқонон мебошад, ки дар доираи он деҳқонон тавонанд оид ба вазъи кунунии худ огаҳии бештаре дошта бошанд ва ҳамзамон имкониятҳоеро пайдо намоянд, ки ба онҳо тиҷорати кишоварзиро пешниҳод менамояд. Ин қадаме мебошад, ки деҳқонони равиши SHEP аз он таҷрибаҳои назаррасро андӯхта ва ҳавасмандии худро ҷиҳати андешидани тадбирҳои мушаххас барои амалисозии кишоварзии ба бозор нигаронидашуда баланд мебардоранд. Аз ин хотир, ин қадам бениҳоят муҳим буда, татбиқкунандагони SHEP бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки деҳқонон омодаанд, то ки фаъолияти кишоварзиро ҳамчун тиҷорат бо истифода аз машқҳо, аз қабили тадқиқоти базавӣ ва тадқиқоти бозор, ба роҳ монанд.

### 2.1. Тадқиқоти муштараки базавӣ

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | **-Семинарҳои шиносоӣ** |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | **- Тадқиқоти муштараки базавӣ**<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)<br>- Тадқиқоти бозор |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

Мо дар ин ҷой

**Чаро?** **- Ҳадафҳо**

Тадқиқоти муштараки базавӣ ба деҳқонони зерҳадаф имконият медиҳад, ки ба вазъи кишоварзии худ аз нуқтаи назари истеҳсолот, даромад ва усули кишоварзӣ назар кунанд, то онҳо самтҳоро барои беҳтарсозӣ ба таври дақиқ муайян кунанд. Инчунин, деҳқонон аҳамияти баҳисобгирии фаъолияти кишоварзиро низ дарк хоҳанд кард. Ин

ҳолат ба татбиққунандагон имкон медиҳад, ки оид ба таҷрибаи кишоварзии баҳрагирандагони зерҳадаф маълумоти саҳеҳ ҷамъоварӣ намоянд, ки маълумоти мазкур дар марҳилаи баъдӣ барои гузаронидани мониторинги натиҷаҳои машғулиятҳои равиши SHEP истифода хоҳанд шуд.

**Чӣ?** **- Шарҳ**

Тадқиқоти муштараки базавӣ аз деҳқонони зерҳадаф талаб мекунад, ки ду намуди варақаҳои тадқиқотиро пур намоянд: (1) Тадқиқоти базавӣ Қисми 1- истеҳсол, даромад ва арзиш, (2) Тадқиқоти базавӣ Қисми 2- Усулҳои кишоварзӣ. Деҳқонон вобаста ба зарурат бо ёрии машваратчиён варақаҳоро пур мекунанд. Маълумот аз ҷониби татбиққунандагон ҷамъоварӣ ва таҳлил карда мешаванд. Хулосаҳо оид ба натиҷаҳои тадқиқоти базавӣ баъд аз дастрас шудани маълумоти таҳлилшуда ба деҳқонон пешниҳод карда мешавад.

**Чӣ тавр?** **- Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ**




- Тадқиқот бояд бештар **ба манфиати деҳқонон бошад, на нафъи ба татбиққунандагон** (Расми 6).
- Тадқиқот **бояд ба таври муштарак гузаронида шавад, чунки деҳқонони зерҳадаф иштирокчиёни асосии тадқиқот мебошанд,** на машваратчиён, ки онҳо якҷониба аз деҳқонон маълумот ҷамъоварӣ мекунанд.
- Машваратчиён ба деҳқонон дар ҳисоб кардани рақамҳои асосӣ, аз қабили ҳосили зироат, арзиш, фоида ва ғайра, ки барои идоракунии хоҷагӣ муҳиманд, кӯмак мекунанд.




Расми 6: Тадқиқоти базавӣ ба манфиати деҳқонон

**Қадам - Тартиби татбиқ (вақти талабкардашуда 3-4 соат)**

1. (Омодакунӣ) Воҳидҳои маҳаллие, ки барои савдои зироатҳои кишоварзӣ истифода мешаванд, онҳоро таҳқиқ карда, ҷадвали ченак оид ба табдили воҳидҳои маҳаллӣ ба килограмро омода кунед.
2. *Воҳӯрӣ ташкил намуда, мақсади тадқиқоти базавиро ба деҳқонон фаҳмонед. Деҳқононро оид ба чӣ тавр пур намудани ду шакли пурсишномаҳо роҳнамоӣ намоед.*



Расм: Тренинги деҳқонон дар ноҳияи Ёвон, Точикистон

Маслиҳат! *Агар деҳқонон, алалхусус онҳое, ки сатҳи саводнокиашон паст аст ва ҳангоми пур намудани пурсишномаҳо мушкилӣ доранд, аз деҳқонони босавод хоҳиш намоед, то ба онҳо кӯмак расонанд.*

3. Вобаста ба зарурат, худи деҳқонон пурсишномаҳоро бо ёрии машваратчиён пур мекунанд.
4. Агар табдил додани воҳидҳои фурӯш, ба монанди даста, халта, қуттӣ, ва ғайра ба килограм душвор бошад, ба онҳо ҷадвали табдили воҳидҳои ченак, ки қаблан аз ҷониби татбиққунандагон бо назардошти ҳолати бозори маҳаллӣ таҳия гардидааст, пешниҳод намоед.
5. Вақте ки деҳқонон пур кардани пурсишномаҳоро ба итмом расониданд, онҳоро даъват кунед, ки ҳама маълумотҳои нави ин пурсишномаро муҳокима кунанд. Мавзӯъҳои муҳокима дар бар мегиранд, аммо бо онҳо маҳдуд нестанд:
   - ✓ Оё методҳои имрӯза оид ба пешбурди қайдҳо ва баҳисобгирии фаъолияти кишоварзӣ то чӣ андоза хубанд?
   - ✓ Чӣ тавр пешбурди қайдҳо ва баҳисобгирии фаъолият ба мо дар идоракунии тиҷорати кишоварзӣ кӯмак карда метавонад?
   - ✓ Оё мо метавонем фоидаи зиёди хостаамонро ба даст орем? Оё мо ба ҷойи он, ки аз баъзе зироатҳо фоида ба даст орем, зарар мебинем?
   - ✓ Оё мо андозаи мувофиқи заминро барои парвариши зироатҳои дорои дурнамои хуби маркетинги ҷудо мекунем?
   - ✓ Оё мо дақиқ медонем, ки чӣ қадар маҳсулотро дар як халта бастабандӣ мекунем (ё қуттиҳо, бастаҳо, сатилҳо ва ғ.)? Оё харидорони мо вазни дақиқро медонанд?
   - ✓ Оё мо малакаҳои кофӣ барои парвариш дорем? Заифии мо дар чист?

6. Пас аз воҳӯрӣ, маълумотро дар ҷадвалҳо ворид, коркард ва таҳлил карда, як рӯз баъд аз воҳӯрӣ хулосаҳои худро ба деҳқонон диҳед. (Лутфан тасдиқ кунед, ки кадом корманди муассиса масъул оид ба воридкунӣ, коркард ва таҳлили маълумот мебошад.) Ҷузъҳо оид ба пешниҳоди хулосаҳо метавонанд дар бар гиранд, аммо бо онҳо маҳдуд нестанд:
   - ✓ То чӣ андоза қайдҳои деҳқонон барои таҳлили идоракунии хоҷагии деҳқонӣ хуб истифода мегарданд?
   - ✓ Кадом зироатҳо бештар парвариш ва истеҳсол карда мешаванд, кадом зироатҳо фоидаи хуб медиҳанд ва ғайра?
   - ✓ Кадом паҳлӯи усулҳои кишоварзиро деҳқонон бояд тақвият диҳанд?




Расм: Ҷамоати Регари шаҳри Турсунзода, Тоҷикистон

## ФОРМАТ - Шакли пурсишномаи тадқиқоти базавӣ

Намунаҳои пурсишномаҳо оид ба тадқиқоти базавӣ. Деҳқононро зарур аст ду намуди (формат) пурсишномаҳоро пур намояд.

1. Тадқиқоти базавӣ, Қисми 1- Истеҳсол, даромад ва хароҷот

Лутфан маълумоти соли гузаштаро оиди зироатҳои кишоварзӣ нишон диҳед.

| 1. Номи зироат ва навъи он | 2. Майдони кишти зироат, га | 3. Махсулоти дар бозор/ харидорон фурухташуда, кг | 4. Махсулоте, ки дар бозор ва харидорон аз як гектар фурӯхта мешавад, га | 5. Нархи миёна барои 1 кг/сом. | 6. Даромади умумӣ, сом. | 7. Арзиши умумии махсулот, сом. (аз ҷумла. хароҷот, наклиёт, кувван корӣ ва ғ.) | 8. Доромади соф, сом. (фоида) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 = 3 / 2 | 5 | 6 = 3 x 5 | 7 | 8 = 6 – 7 |
| 1-ум зироат: Помидор Новичок | 0,2 га | 2000 кг | 10000 кг/га | 12 сомонӣ | 24000 сомонӣ | 7500 сомонӣ | 16500 сомонӣ |
| 2-юм зироат: | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 3-юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 4-ум зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |

Лутфан ҳисоби воҳидҳо ва ҳама гуна қайдҳоро дар ҷойи холигии зер нишон диҳед.

| |
|---|
| (Масалан) 1 дона тарбуз = 10 кг, 1 дона каллакарам = 2 кг |

## 1. Қисми 2-и Тадқиқоти базавӣ, - Усулҳои кишоварзӣ

| Марҳилаҳои пеш аз кишт ва баъд аз кишт | | Давраҳо | Усулҳои кишоварзие, ки барои қабул тавсия дода мешаванд | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Омодагии пеш аз кишт | Семоҳаи 1 | Оё Шумо тадқиқоти бозорро барои муайян кардани зироат(ҳо)-и барои парвариши ҳар мавсим мегузаронед? | | |
| | | Семоҳаи 2 | Оё Шумо дар асоси натиҷаи тадқиқоти бозори гузаронидаатон тақвими кишти зироатро таҳия ва истифода мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 3 | Оё Шумо на камтар аз як маротиба дар ду сол барои парвариши сабзавот/гулҳои яксола санҷиши хок мегузаронед; ё пеш аз шинондани дарахтони мевадиҳанда/растаниҳои бисёрсола? | | |
| | | Семоҳаи 4 | Оё Шумо аз таҷрибаи истифодаи нӯриҳои тавсияшуда тавассути маводҳои органикӣ ҷиҳати таъмини маводи ғизоии асосӣ: нитроген (N), фосфор (P) ва калий (K) ҳангоми тайёр кардани пору (компост) истифода мебаред? | | |
| | | Семоҳаи 5 | Оё Шумо мавод(ҳои) тавсияшудаи ниҳолшинонии дорои як ё якчанд хусусиятҳои зеринро истифода мебаред: мубориза ба бемориҳо ва таҳаммулпазирӣ, ҳосили баланд, пухта расидани барвақт, таъми беҳтар, ҳаҷм ва мӯҳлати нигоҳдории дарозтар? | | |
| 2 | Омодасозии замин | Семоҳаи 6 | Оё Шумо як ё якчанд таҷрибаҳои зерини тавсияшудаи омодасозии заминро дар мубориза бар зидди ҳашароти зарарасон ва бемориҳо истифода мебаред: хатари нурҳои офтоб, шудгори саривақтӣ, чуқурии мувофиқи шудгор ва коҳиш додани ҳаракати хок барои тафтиш кардани ҳашароти зарраррасон ва касалиҳои аз хок паҳншаванда? | | |
| | | Семоҳаи 7 | Оё Шумо боқимондаи зироатро на камтар аз ду моҳ пеш аз кишт ба хоҷагӣ ҳангоми шудгор барои беҳтар кардани коркарди маводи ғизоӣ дохил мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 8 | Оё Шумо на камтар аз 1-2 ҳафта пеш аз шинонидан нурӣ/пору ё нуриҳои органикиро ҳамчун барномаи базавӣ дохил мекунед? | | |
| 3 | Ташкили парвариши зироатҳои кишоварзӣ (шинондан/кӯчонидан) | Семоҳаи 9 | Оё Шумо таҷрибаҳои тавсияшударо дар парвариши кӯчатҳои сабзавотҳо/гулҳои яксола ё истифодаи кӯчатҳои дарахтони мевадиҳанда/растаниҳои бисёрсола, ки дар парвардахона парвариш карда шудаанд? | | |
| | | Семоҳаи 10 | Оё Шумо фосилаи тавсияшударо оид ба шинонидан/кӯчондани растаниҳо истифода мебаред? | | |
| | | Семоҳаи 11 | Оё Шумо растаниҳо бо истофода аз меъёри тавсияшуда мешинонед/мекӯчонед. | | |
| 4 | Идоракунии парвариши зироат | Семоҳаи 12 | Оё Шумо эҳтиёҷоти обии зироатро тавассути як ё якчанд усулҳои зерини обёрӣ ба назар мегиред: обпошак, болоӣ, қатрагӣ ва ҷӯйборӣ барои қонеъ кардани талаботи ҳадди ақали оби зироат? | | |
| | | Семоҳаи 13 | Оё Шумо сари вақт барои нест кардани алафҳои бегона мубориза мебаред ва барои мубориза бо алафҳои бегона асбобҳои мувофиқро истифода мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 14 | Оё шумо таҷрибаҳои мувофиқи порӯдиҳиро иҷро мекунед: ҷадвал, намуд ва меъёри тавсияшудаи истифода ва усули истифода? | | |
| | | Семоҳаи 15 | Оё шумо ҳадди аққал ду таҷрибаҳои зерини мубориза бар зидди ҳашароти зарарасонро (IPM) истифода мебаред: фарҳангӣ, биологӣ, физикӣ ва кимиёвӣ? | | |
| | | Семоҳаи 16 | Оё Шумо истифодаи зерини бехатар ва самараноки пеститсидҳоро риоя мекунед: вояи мувофиқ, пеститсидҳои тавсияшуда ва фосилаи пеш аз ҳосил (PHI)? | | |
| 5 | Ҷамъоварии ҳосил | Семоҳаи 17 | Оё Шумо ҳадди ақал яке аз ин индексҳои ҷамъоварии ҳосилро риоя мекунед: ранг, андоза, шакл ва мустаҳкамӣ? | | |
| 6 | Коркард баъд аз ҷамъоварии ҳосил | Семоҳаи 18 | Оё Шумо аз маводҳои стандартии басту банд/нигоҳдорӣ/ҳамлу нақли хусусиятҳои зериндошта истифода мекунед: хуб нигоҳдошта, осон тозашаванда ва ҳамвор, ки зарарро кам мекунад? | | |
| | | Семоҳаи 19 | Оё Шумо яке аз ин усулҳои тавсияшудаи арзишро: тозакунӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, андозагирӣ, банду баст ё коркарди махсулот истифода мебаред? | | |
| 7 | Таҳлили даромад ва хароҷот | Семоҳаи 20 | Оё шумо хароҷоти истеҳсол ва фурӯшро қайд мекунед, даромад ва хароҷотро таҳлил менамоед? | | |
| 8 | Амалиёти коллективона (аҳлона) | Семоҳаи 21 | Оё Шумо харидории маводҳои кишоварзиро ба монанди тухмӣ, нӯриҳо минералӣ ва маводҳои химиёвӣ дар гурӯҳ анҷом медиҳед. | | |
| | | Семоҳаи 22 | Оё Шумо ҳамлу нақл ё фурӯши маҳсулотро анҷом медиҳед (фурӯши гурӯҳӣ)? | | |
| | | Семоҳаи 23 | Оё шумо ҳамчун гурӯҳ зироатҳои мақсаднокро интихоб мекунед ва стратегияҳои истеҳсол/маркетингро якҷоя бо аъзоёни гурӯҳ ба нақша мегиред? | | |

**ИННОВАТСИЯ** **- Мутобиқгардонӣ дар кишварҳо/Минтақаҳо**

Дар зер мисолҳо оид ба ислоҳоти воридкардашуда дар бархе аз кишварҳо ва минтақаҳо оварда шуданд, то ки тадқиқотҳои базавӣ дар минтақа бе ягон мушкилӣ гузаронида шаванд.

### Чорчӯбаи 1 Ҷадвали табдили воҳиди ченаки визуалӣ барои тадқиқоти базавӣ

**Таҳияи ҷадвали табдили воҳиди ченаки визуалӣ барои осон намудани табдили ченаки вазн (Малавӣ)**

<Чаро?> Деҳқонон ва харидорон маъмулан аз воҳидҳои гуногун, аз қабили халтаҳо, сатилҳо, бастаҳо барои зироатҳои мушаххас дар бозорҳои маҳаллӣ истифода мекарданд. Деҳқонон намедонистанд, ки ҳар як воҳид воқеан чӣ қадар вазн дорад.

<Чӣ тавр?> Татбиққунандагон аз бозорҳои маҳаллӣ дар даст тарозӯ ва камера дидан намуданд. Онҳо сабзавот ва меваҳои маъмулан ба фурӯш гузошташударо расм гирифта, вазнашонро месанҷиданд. Ин ҷадвали табдили воҳиди ченаки визуалӣ таҳия гардида, дар мубодилаи воҳидҳои ченаки гуногун ба килограм истифода мегардид.



Ҷадвали мубодилаи воҳиди ченаки дар Малавӣ таҳиягардида

<Натиҷаҳо?> Табдили воҳидҳои ченаки маҳаллии фурӯш ба килограм хеле осон гардида, дониши деҳқонон оид ба аҳамияти вазни фурӯш зиёд карда шуд.

### Чорчӯбаи 2 Варақаи ҳисобу китоби хароҷот

**Таҳияи варақаи иловагӣ барои ҳисобу китоби хароҷот (Малавӣ)**

< Чаро?> Деҳқонон дар илова намудани арзиши хароҷоти маводҳои кишоварзӣ ва меҳнат барои ҳисобу китоби арзиши умумие, ки дар пур намудани варақаи пурсишномаи тадқиқоти базавӣ истифода мешавад, мушкилӣ доранд.

<Чӣ тавр?> Татбиққунандагон варақаи кории (worksheet) иловагиро барои ҳисобу китоби хароҷот омода намуданд. Варақаи корӣ элементҳои хоси соҳаро, ба монанди хароҷоти нуриҳои минералӣ, тухмӣ, пестисидҳо, гербисидҳо, арзиши меҳнат, хароҷоти транспорт ва ғ. дар бар мегирад, то ки деҳқонон тавонанд ба осонӣ маълумоти заруриро пур намуда, хароҷоти умумиро муайян кунанд.



Варақа дар Малавӣ таҳия гардидааст.

<Натиҷа?> Деҳқонон тавонистанд хароҷоти умумиро бе ягон мушкилӣ ҳисоб кунанд.

## Чорчӯбаи 3 Деҳқонон ба дигар деҳқонон кӯмак мекунанд

**Деҳқонони босавод ба деҳқонони камсавод кӯмак мекунанд (Эфиопия)**



Расм: Эфиопия

<Барои чӣ?> Сатҳи саводнокии гурӯҳи деҳқонони зерҳадаф паст буда, эҳтимол онҳо ҳангоми пур намудани пурсишномаҳои татдқиқотӣ душворӣ мекашанд.

<Чӣ тавр?> Татбиққунандагон аз ҳар гурӯҳ тақрибан даҳ нафар деҳқонони босавод ва нисбатан маълумотнокро хоҳиш карданд, ки дар як ҷаласаи омӯзишӣ бо машвартчиён иштирок кунанд, то тарзи гузаронидани тадқиқоти муштараки базавиро дар доираи лоиҳаи озмоишӣ омӯзанд. Ин деҳқонони босавод бо машваратчиён ҳамкорӣ намуда, ба деҳқонони камсавод дар пур кардани варақаҳо ёрӣ расонданд.

<Натиҷаҳо?> Дар натиҷаи расонидани кӯмак, деҳқонони камсавод тавонистанд бо каме мушкилӣ тадқиқотро анҷом диҳанд. Дар натиҷа, ҳисси ягонагии деҳқонон тақвият ёфта, ин ба таъмини эҳтиёҷоти равонии деҳқонон ба муносибат мусоидат намуд.

## Чорчӯбаи 4 Тадқиқоти базавӣ барои хоҷагиҳои деҳқонии гурӯҳӣ ва фардӣ

**Гузаронидани тадқиқоти базавӣ ҳам барои хоҷагиҳои деҳқонии гурӯҳӣ ва ҳам фардӣ (Руанда ва Эл Салвадор)**



Расм: Руанда, деҳқонон дар қитъаи гурӯҳӣ

<Барои чӣ?> Баъзе аз гурӯҳҳои деҳқонони зерҳадаф ду намуди замин барои парвариши сабзавот доштанд; яке аз ҷониби гурӯҳ коркард мешуд ва дигаре бошад ба аъзои алоҳидаи гурӯҳ тааллуқ дошт. Ба татбиққунандагон лозим буд, ки вазъияти ҳарду намуди заминҳои кишоварзиро фаҳманд.

<Чӣ тавр?> Азбаски форматҳои тадқиқоти базавӣ асосан барои заминҳое, ки аз ҷониби хоҷагиҳои алоҳидаи фардӣ идора карда мешаванд, тарҳрезӣ шуда буданд, татбиққунандагон дар ҳолатҳои зарурӣ баъзе саволҳоро тағйир доданд ва тадқиқотро барои гурӯҳи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инчунин аъзоёни алоҳида гузарониданд.

<Натиҷаҳо?> Ҳам деҳқонон ва ҳам татбиққунандагон тавонистанд вазъияти кунунии хоҷагиҳои гурӯҳӣ ва хоҷагиҳои фардиро дарк кунанд. Деҳқонон ҳавасманд шуданд, ки коркарди ҳарду намуди заминҳои киштро беҳтар кунанд.

## Чорчӯбаи 5 Низоми “Супориши хонагӣ” ҳангоми гузаронидани тадқиқот

**Ҷорӣ намудани низоми “Супориши хонагӣ” барои ҷамъоварии маълумот ва ҷалби устувори ҳамсар ба ин фаъолият (Малавӣ ва Непал)**



Расм: Малавӣ

<Чаро?> Ҳангоми гузаронидани тадқиқоти базавӣ татбиққунандагон муайян карданд, ки бисёре аз деҳқонон рақамҳо, аз қабили хароҷоти истеҳсолот ва ҳаҷми фурӯш дар даст надоранд. Одатан ба онҳо лозим меомад, ки ба хона раванд, то қайдҳои худро тафтиш кунанд ё аз аъзоёни оилаашон хоҳиш кунанд, ки рақамҳои дақиқро диҳанд. Анҷом додани тадқиқоти базавӣ дар як қитъа дар давоми як рӯз душвор буд.

<Чӣ тавр?> Татбиққунандагон барои гузаронидани тадқиқоти базавaӣ сессияҳои дурӯзаро ташкил ва баргузор намуданд. Дар рӯзи аввал, онҳо ба деҳқонон фаҳмонданд, ки чӣ гуна маълумот лозим аст ва ба онҳо барои гирифтани маълумоти дақиқ аз хона "супориши хонагӣ" доданд. Дар мавриди Непал, татбиққунандагон аз деҳқонон хоҳиш карданд, ки ҳамчун “супориши хонагӣ” бо ҳамсаронашон дар хона кор карда, варақаро пур кунанд. Деҳқонон рӯзи дуюм боз ҷамъ омада, варақаҳои худро супурданд.

<Натиҷаҳо?> Маълумотҳои дақиқтар ва боэътимод ҷамъоварӣ карда шуданд. Зану шавҳар якҷоя кор карда, вазъи имрӯзаи кори хоҷагии деҳқониро фаҳмида, бо ҳамин ҳисси ягонагӣ ва масъулияти муштараки онҳо ҳамчун воҳиди роҳбарикунандаи хоҷагӣ беҳтар гардид.

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ (ЧЕКЛИСТ) - Масъалаҳое, ки пас аз гузаронидани ин машғулият бояд тасдиқ карда шаванд**

- ☐ Деҳқонони зерҳадаф вазъи кунунии истеҳсолот ва фурӯшро дарк намуда, проблемаро муайян менамоянд ва онро бартараф мекунанд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф сатҳи техникии худро оид ба истеҳсол ва маркетинг дарк намуда, проблемаро муайян менамоянд ва онро ҳалл мекунанд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф зарурати пешбурди қайдҳоро, баҳисобгирӣ ва ҳам сабти фаъолияти кишоварзиро дарк намуда, дар онҳо хоҳиши пешбурди қайдҳо пайдо мегардад.
- ☐ Таносуби иштирокчиёни мард ва зан ба танзим даровардa мешавад.
- ☐ Маълумоти гендерӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда мешавад.
- ☐ (ихтиёрӣ) Ҳамсарони аъзоён ҷалб карда мешаванд.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО - Роҳҳои ҳалл барои масъалаҳои зуд-зуд бамиёноянда**

**С: Баҳисобгирӣ ба таври васеъ амалӣ карда намешавад** – Хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ба таври васеъ фаъолияти худро сабт намекунанд. Оё онҳо метавонанд воқеан пешбурди сабт ё баҳисобгирии фаъолиятро омӯзанд ва аз он манфиат гиранд?

**Ҷ:** Дуруст аст, ки бештари хоҷагиҳои деҳқонии хурд фаъотияти худро сабт намекунанд. Қадами аввалине, ки ба онҳо тавсия дода мешавад, фаҳмидани аҳамияти нигоҳдории сабтҳо тавассути таҷрибаи иштирок дар тадқиқоти базавӣ мебошад. Ба татбиққунандагон тавсия дода мешавад, ки онҳоро ташвиқ кунанд, ки маълумоти асосӣ, аз қабили фурӯши маҳсулот ва хароҷоти тухмӣ, нуриҳои минералӣ, пестисидҳо ва ғайраро дар шакли хеле содда, ба монанди баҳисобгирии яквақта сабт кунанд. Барои деҳқонон пешбурди сабтҳо ва ба ҳисоб гирифтани фаъолияти хоҷагӣ ва ҳисобу китоби муҳосибӣ манфиатовар хоҳад буд.

**С: Оё деҳқонони камсавод аз ӯҳдаи иҷрои ин кор баромада метавонанд? -** Ҳатто деҳқонони соҳибмаълумот ҳангоми ҳисобу китоби рақамҳое, ки барои тадқиқоти базавӣ зарур аст, ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Оё деҳқонони камсавод супоришҳои тадқиқотро иҷро карда метавонанд?

**Ҷ:** Деҳқонони камсавод дар пур намудани пурсишномаҳо назар ба деҳқонони босавод бештар ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аммо ин ба таври автоматӣ чунин маъно надорад, ки онҳо нисбат ба деҳқонони босавод аз масъалаҳои идоракунии хоҷагии худ камтар маълумот доранд. Онҳо танҳо малакаҳои саводнокӣ надоранд, ки фаҳмиши худро дар коғаз гузоранд. Аз аъзоёни гурӯҳи босавод ё аъзоёни оилаи онҳо, аз қабили ҳамсарон ё фарзандонашон барои пур кардани варақаҳо кӯмак пурсед. Деҳқонони камсавод низ метавонанд бо ёрии аъзоёни оилаи худ ҳар рӯз ҳисобу китобро анҷом диҳанд.

**С: Маълумот на он қадар боэътимод аст -** Ҳарчанд деҳқонон барои пур кардани маълумот кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, аммо баъзе маълумотҳо ҳанӯз ҳам намерасанд ё воқеан дақиқ нестанд. Оё ман бояд аз гирифтани маълумот аз онҳо даст кашам, зеро эътимоднокӣ ва дақиқии маълумот он қадар баланд нест, чӣ тавре ки ман интизор будам?

**Ҷ:** Тадқиқоти базавии муштараки равиши SHEP ду ҳадаф дорад: (1) баланд бардоштани огоҳии деҳқонон оид ба вазъи кунунии кишоварзии онҳо ва (2) ҷамъоварии маълумоти боэътимод аз деҳқонон. Мо мехостем, ки Шумо донед, ки пеш аз ҳама ноил шудан ба ҳадафи аввал, баланд бардоштани огоҳӣ тавассути гузаронидани пурсиш хеле муҳим мебошад. Аз тарафи дигар, тавре ки ба Шумо маълум аст, таъмини эътимоднокӣ ва саҳеҳии маълумот ҳангоми ҷамъоварии маълумот дар саҳро ҳамеша мушкил аст. Махсусан дар рафти тадқиқоти базавӣ, ба даст овардани дақиқии хеле баланд душвор аст, зеро бисёре аз деҳқонон то ҳол ҳисобу китоби дақиқро пеш намебаранд. Мо бояд босабр бошем ва деҳқононро ташвиқ намоем, ки тадриҷан ба пешбурди сабтҳо ва баҳисобгирӣ шурӯъ кунанд, то дар замони гузаронидаи тадқиқоти ниҳоӣ эътимоднокӣ ва саҳеҳии маълумот баланд гардад.

**С: Деҳқонон хоҳиши пешниҳоди маълумотро надоранд –** Деҳқонон воқеан хоҳиши пур кардани маълумотро доранд. Аммо онҳо намехоҳанд маълумотро оид ба даромадашон ошкор намоянд. Чӣ кор бояд кард?

**Ҷ:** Маҷбур кардани деҳқонон оид ба пешниҳод намудани маълумот кори хуб нест, агар онҳо худро нороҳат ҳис кунанд ё ба онҳо хуш наояд. Бе пешниҳод намудани маълумот, деҳқонон ҳанӯз ҳам имконият доранд, ки дониши худро оид ба идоракунии хоҷагии деҳқонӣ баланд бардоранд. Аз ин рӯ, яке аз ду ҳадафи тадқиқоти базавӣ, ки дар боло

шарҳ дода шудааст, ҳадди ақҷал яке аз он иҷро шудааст. Инчунин, аз дигар деҳқонон пурсед, ки оё онҳо омодаанд маълумотро пешниҳод кунанд, то Шумо тавонед барои коркард ва таҳлили маълумоти боэътимодро дастрас намоед.

**Тадқиқоти ибтидоӣ, қисми 1. -Истехсолот, даромад ва харочот (☐ хоҷагии деҳқонӣ / ☐ замини наздиҳавлигӣ)**

| | |
|---|---|
| Сана: | |
| Н о м и ноҳия/шаҳр | |
| Н о м и ҷамоат: | |
| Н о м и хоҷагии деҳқонӣ: | |
| Масоҳати умумии хоҷагии деҳқони (га): | |

| | |
|---|---|
| Н о м и деҳқон: | |
| Мақом дар хоҷагӣ: | ☐ Р о ҳбар / ☐ Аъзо |
| Ҷинс: | ☐ М а р д / ☐ Зан |
| Синну сол: | |
| Тел. No.: | |
| Масоҳати киштшаванда (га): | |

Лутфан маълумоти соли гузаштаро оиди зироатҳои кишоварзӣ нишон диҳед.

| 1. Номи зироат ва навъи он | 2. Майдони кишти зироат, га | 3. Маҳсулоти дар бозор/ харидорон фурухташуда, кг | 4. Маҳсулоте, ки дар бозор ва харидорон аз як гектар фурӯхта мешавад, га | 5. Нархи миёна барои 1 кг/сом. | 6. Даромади умумӣ, сом. | 7. Арзиши умумии маҳсулот, сом. (аз ҷумла. харочот, наклиёт, қувваи корӣ ва ғ.) | 8. Доромади соф, сом. (фоида) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 = 3 / 2 | 5 | 6 = 3 x 5 | 7 | 8 = 6 – 7 |
| 1--юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 2-юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 3-юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 4-ум зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |

Лутфан ҳисоби воҳидҳо ва ҳама гуна қайдҳоро дар ҷойи холигии зер нишон диҳед.

| |
|---|
| |

## Тадқиқоти ибтидоӣ, қисми 1. -Истехсолот, даромад ва хароҷот (☐ хоҷагии деҳқонӣ / ☐ замини наздиҳавлигӣ)

| | |
|---|---|
| Сана: | Н о м и деҳқон: |
| | Мақом дар хоҷагӣ: ☐ Р о ҳбар / ☐ Аъзо |
| Н о м и ноҳия/шаҳр | Ҷинс: ☐ М а р д / ☐ Зан |
| Н о м и ҷамоат: | Синну сол: |
| Н о м и хоҷагии деҳқонӣ: | Тел. No.: |
| Масоҳати умумии хоҷагии деҳқони (га): | Масоҳати киштшаванда (га): |

Лутфан маълумоти соли гузаштаро оиди зироатҳои кишоварзӣ нишон диҳед.

| 1. Номи зироат ва навъи он | 2. Майдони кишти зироат, га | 3. Маҳсулоти дар бозор/ харидорон фурухташуда, кг | 4. Маҳсулоте, ки дар бозор ва харидорон аз як гектар фурӯхта мешавад, га | 5. Нархи миёна барои 1 кг/сом. | 6. Даромади умумӣ, сом. | 7. Арзиши умумии маҳсулот, сом. (аз ҷумла. хароҷот, наклиёт, қувваи корӣ ва ғ.) | 8. Доромади соф, сом. (фоида) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 = 3 / 2 | 5 | 6 = 3 x 5 | 7 | 8 = 6 – 7 |
| 1-ум зироат: Помидор Новичок | 0,2 га | 2000 кг | 10000 кг/га | 12 сомонӣ | 24000 сомонӣ | 7500 сомонӣ | 16500 сомонӣ |
| 2-юм зироат: | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 3-юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 4-ум зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |

Лутфан ҳисоби воҳидҳо ва ҳама гуна қайдҳоро дар ҷойи холигии зер нишон диҳед.

(Масалан) 1 дона тарбуз = 10 кг, 1 дона каллакарам = 2 кг

## Тадқиқоти базавӣ: Қисми 2 – Усулҳои кишоварзӣ

Сана:_____/______/_______
Номи ноҳия: ________________________/номи ҷамоат_________________
Ному гурӯҳи деҳқонон:_______________
Ному насаби деҳқон:__________________________Мард/зан__________Рақами телефон:_______ _______________

* Лутфан ба саволҳои зерин ҷавобҳои “ҲА” ё “НЕ”-ро интихоб намоед. Маълумоти иловагиро дар ҳошия нависед.

| Марҳилаҳои пеш аз кишт ва баъд аз кишт | | Давраҳо | Усулҳои кишоварзие, ки барои қабул тавсия дода мешаванд | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Омодагии пеш аз кишт | Семоҳаи 1 | Оё Шумо **тадқиқоти бозорро** барои муайян кардани зироат(ҳо)-и барои парвариш ҳар мавсим мегузаронед? | | |
| | | Семоҳаи 2 | Оё Шумо дар асоси натиҷаи тадқиқоти бозори гузаронидаатон **тақвими кишти** зироатро таҳия ва истифода мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 3 | Оё Шумо на камтар аз як маротиба дар ду сол барои парвариши сабзавот/гулҳои яксола **санҷиши хок** мегузаронед; ё пеш аз шинондани дарахтони мевадиханда/растаниҳои бисёрсола? | | |
| | | Семоҳаи 4 | Оё Шумо аз таҷрибаи истифодаи **нӯриҳои** тавсияшуда тавассути маводҳои органикӣ ҷиҳати таъмини моводи ғизоиии асосӣ: нитроген (N), фосфор (P) ва калий (K) ҳангоми тайёр кардани пору (компост) истифода мебаред? | | |
| | | Семоҳаи 5 | Оё Шумо мавод(ҳои) **босифати тавсияшудаи ниҳолшинонии** дорои як ё якчанд хусусиятҳои зеринро истифода мебаред: мубориза ба бемориҳо ва таҳаммулпазирӣ, ҳосили баланд, пухта расидани барвақт, таъми беҳтар, ҳаҷм ва мӯҳлати нигоҳдории дарозтар? | | |
| 2 | Омодасозии замин | Семоҳаи 6 | Оё Шумо як ё якчанд таҷрибаҳои зерини тавсияшудаи **омодасозии заминро** дар мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва бемориҳо истифода мебаред: хатари нурҳои офтоб, шудгори саривақтӣ, чуқурии мувофиқи шудгор ва коҳиш додани ҳаракати хок барои тафтиш кардани ҳашароти зараррасон ва касалиҳои аз хок паҳншаванда? | | |
| | | Семоҳаи 7 | Оё Шумо **боқимондаи зироатро на камтар** аз ду моҳ пеш аз кишт ба хоҷагӣ ҳангоми шудгор барои беҳтар кардани коркарди моводи ғизоӣ дохил мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 8 | Оё Шумо на камтар аз 1-2 ҳафта пеш аз шинонидан нурӣ/пору ё нуриҳои органикиро ҳамчун барномаи базавӣ дохил мекунед? | | |
| 3 | Ташкили парвариши зироатҳои кишоварзӣ (шинондан/кӯчонидан) | Семоҳаи 9 | Оё Шумо таҷрибаҳои тавсияшударо дар **парвариши кӯчатҳои** сабзавотҳо/гулҳои яксола ё истифодаи кӯчатҳои дарахтони мевадиҳанда/растаниҳои бисёрсола, ки дар парвардахона парвариш карда шудаанд? | | |
| | | Семоҳаи 10 | Оё Шумо **фосилаи** тавсияшударо оид ба шинонидан/кӯчондани растаниҳо истифода мебаред? | | |
| | | Семоҳаи 11 | Оё Шумо **растаниҳо бо истофода аз меъёри** тавсияшуда мешинонед/мекӯчонед. | | |
| 4 | Идоракунии парвариши зироат | Семоҳаи 12 | Оё Шумо эҳтиёҷоти **обии зироатро тавассути як ё якчанд усулҳои зерини обёрӣ** ба назар мегиред: обпошак, болоӣ, қатрагӣ ва ҷӯйборӣ барои қонеъ кардани талаботи ҳадди ақали оби зироат? | | |
| | | Семоҳаи 13 | Оё Шумо сари вақт барои нест кардани алафҳои бегона мубориза мебаред ва барои **мубориза бо алафҳои бегона** асбобҳои мувофиқро истифода мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 14 | Оё шумо таҷрибаҳои **мувофиқи порӯдиҳиро** иҷро мекунед: ҷадвал, намуд ва меъёри тавсияшудаи истифода ва усули истифода? | | |
| | | Семоҳаи 15 | Оё шумо ҳадди аққал ду **таҷрибаҳои зерини мубориза бар зидди ҳашароти зараррасонро (IPM)** истифода мебаред: фарҳангӣ, биологӣ, физикӣ ва кимиёвӣ? | | |
| | | Семоҳаи 16 | Оё Шумо истифодаи зерини бехатар ва самараноки пеститсидҳоро риоя мекунед: вояи мувофиқ, пеститсидҳои тавсияшуда ва фосилаи пеш аз ҳосил (PHI)? | | |
| 5 | Ҷамъоварии ҳосил | Семоҳаи 17 | Оё Шумо ҳадди ақал яке аз ин **идексҳои ҷамъоварии ҳосилро** риоя мекунед: ранг, андоза, шакл ва мустаҳкамӣ? | | |
| 6 | Коркард баъд аз ҷамъоварии ҳосил | Семоҳаи 18 | Оё Шумо аз **маводҳои стандартии басту банд/нигоҳдорӣ/ҳамлу нақли хусусиятҳои зериндошта** истифода мекунед: хуб нигоҳдошта, осон тозашаванда ва ҳамвор, ки зарарро кам мекунад? | | |
| | | Семоҳаи 19 | Оё Шумо яке аз ин усулҳои тавсияшудаи арзишро: **тозакунӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, андозагирӣ, банду баст ё коркарди махсулотро истифода мебаред?** | | |
| 7 | Таҳлили даромад ва хароҷот | Семоҳаи 20 | Оё шумо хароҷоти истеҳсол ва фурӯшро қайд мекунед, **даромад ва хароҷотро таҳлил менамоед?** | | |
| 8 | Амалиёти коллективона (аҳлона) | Семоҳаи 21 | Оё Шумо харидории маводҳои кишоварзиро ба монанди тухмӣ, нуриҳои минералӣ ва маводҳои химиёвӣ дар гурӯҳ анҷом медиҳед. | | |
| | | Семоҳаи 22 | Оё Шумо ҳамлу нақл ё фурӯши махсулотро анҷом медиҳед (фурӯши гурӯҳӣ)? | | |
| | | Семоҳаи 23 | Оё шумо ҳамчун гурӯҳ зироатҳои мақсаднокро интихоб мекунед ва стратегияҳои истеҳсол/маркетингро якҷоя бо аъзоёни гурӯҳ ба нақша мегиред? | | |

## 2.2 Форуми ҷонибҳои манфиатдор (Фаолияти ихтиёрӣ)

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | -Семинарҳои шиносоӣ |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>**- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)**<br>- Тадқиқоти бозор<br>Мо дар ин ҷой |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

Эзоҳ: Ин "Фаъолияти ихтиёрӣ" мебошад ва маънои онро дорад, ки фаъолияти мазкур дар он сурат анҷом дода шавад, агар (1) татбиқкунандагон боварӣ дошта бошанд, ки ин машғулият хеле самаранок аст, албатта бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои зерҳадаф (2) ва барои амалисозии чунин фаъолият захираҳои кофии инсонӣ ва молиявӣ мавҷуд аст.

### ЧАРО? - Ҳадафҳо

Форуми ҷонибҳои манфиатдор ду ҳадаф дорад: (1) ин ба деҳқонон нишон медиҳад, ки растанипарварӣ метавонад барои онҳо чӣ **имконияти тиҷоратиро фароҳам** оварад, ва (2) ин ба онҳо дар **барпо намудани алоқаи тиҷоратӣ** бо ҷонибҳои манфиатдори (иштикорчиёни) гуногуни бозор, ки ба хариду фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, кӯмак менамояд.

### ЧӢ? - Шарҳ

Форуми нимрӯзаи ҷонибҳои манфиатдори (иштирокчиёни) намояндагони гурӯҳҳои зерҳадафи деҳқонии равиши SHEP ва иштирокчиёни бозорро, аз қабили таъминкунандагони маводи кишоварзӣ, харидорон (тоҷирон, миёнаравҳо, яклухтфурӯшон, чаканафурӯшон ва ғ.), ширкатҳои коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, содироткунандагони зироат, ширкатҳои логистикӣ, муассисаҳои молиявӣ, ташкилотҳои ҷамъияти ва ғайраро даъват намуда, бо ҳам ҷамъ меоварад. Деҳқонон аз дӯконҳои иштирокчиёни бозор дидан карда, тавассути сӯҳбатҳои тиҷоратӣ мубодилаи маълумот мекунанд.

## Чӣ тавр? - Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ




- Дар назар ба чорабиниҳои васеъмиқёс, аз қабили Ярмаркаи кишоварзӣ ё Рӯзи кишоварзӣ, Форуми ҷонибҳои манфиатдор (иштирокчиён) бояд **шумораи иштирокчиёнро маҳдуд кунад**, то ки муошират байни иштирокчиёни интихобшуда осон гардад.
- Танҳо он ҷонибҳои манфиатдори бозор, ба мисли тоҷирони маҳаллӣ, ки шарикони тиҷоратии ояндаи гурӯҳҳои деҳқонии равиши SHEP хоҳанд буд, даъват карда шаванд.
- Машваратчиён бояд ба деҳқонон кӯмак расонанд, то онҳо тавонанд бо ҷонибҳои манфиатдори бозор сӯҳбатҳои самараноки корӣ анҷом диҳанд.
- **Маълумот оид ба фаъолияти ҷонибҳои манфиатдор (иштирокчиён)** бояд пешакӣ мубодила карда шавад, то иштирокчиён дарҳол бидуни аз даст додани вақти зиёд дар Форум сӯҳбатҳои кориро оғоз кунанд.

## ҚАДАМ - Тартиботи татбиқ (вақти лозимӣ 3-4 соат)

1. (Омодагӣ) Банд кардани толори маҷлис барои баргузории Форуми ҷонибҳои манфиатдор (иштирокчиён). Маслиҳат! *Агар имконияти истифодаи биноҳи ҳукуматӣ барои баргузории форум бошад, дар ин сурат харҷи иҷораи толор албатта камтар хоҳад буд.*
2. (Омодагӣ) Ҷонибҳои манфиатдори маҳаллиро муайян намуда, ба форум даъват намоед. Маслиҳат! *Танҳо ҳамон ҷонибҳои манфиатдори маҳаллиро даъват намоед, ки хоҳиши бо деҳқонони зерҳадаф ҳамкорӣ намуданро доранд.*
3. (Омодагӣ) Аз гурӯҳҳои деҳқонон хоҳиш намоед, ки аз миёни деҳқонони аъзо ду мард ва ду занро барои иштирок дар форум ба ҳайси намояндагони гурӯҳ интихоб намоянд. Маслиҳат! *Бояд боварӣ ҳосил кунед, ки деҳқонони ҳам мард ва ҳам зан ҳамчун намоянда интихоб карда шаванд, зеро гурӯҳе, ки аз ҳарду ҷинс иборат аст, метавонанд ҳангоми муошрати худ бо ҷонибҳои манфиатдори бозор назари худро васеъ кунанд.*
4. (Омодагӣ) Маълумотро оид ба иштирокчиён қабл аз баргузории форум мубодила намоед. Аз гурӯҳи деҳқонон хоҳиш намоед, ки намунаи маҳсулоти худро бо худ оранд. Намунаҳои маҳсулоти онҳо дар стендҳо гузошта мешаванд.
5. (Омодагӣ) Дар макони багузории форум, мисол, дар толори маҷлисгоҳи ҳукумат хоначаҳои алоҳида бо мизу курсиҳо барои иштирокчиён омода намоед. Маслиҳат! *Хоначаҳои алоҳида бояд ба қадри кофӣ мизу курсӣ барои нишасти иштирокчиён дошта бошанд, то ки иштирокчиён тавонанд озодона дар муҳокимарониҳо бе халалдор шудан, иштирок намоянд.*
6. Ҳангоми баргузории форум, машваратчиён бояд намояндагони хоҷагиҳои деҳқониро ҳамроҳӣ намуда, бо мақсади мубодилаи маълумот ва оростани сӯҳбатҳои тиҷоратӣ бо ҷонибҳои мафиатдори бозор, аз дӯкончаҳои онҳо дидан намоянд.
7. Пас аз анҷоми Форум намояндагони ҳар як гурӯҳ дар гурӯҳи худ вохӯрӣ оид ба ибрози фикру мулоҳиза ташкил мекунанд, то он чизеро ҳангоми иштирок дар Форум аз худ

намудаанд, мубодила кунанд.

Мо ҳамин навъҳои помидорро чанд соли охир аст парвариш мекунем. Шумо ба ин таваҷҷӯҳ доред?



Ман намедонистам, ки дар ин ноҳия ин қадар истеҳсолкунандагони помидор зиёданд. Ман ҳамеша помидорро аз воридоткунандагон мехаридам. Ман бояд дар бораи харидани помидори тару тоза аз Шумо фикр кунам.

## Коҳиш додани ассиметрияи иттилоот



**Деҳқон**

Мо намедонистем, ки навъҳои гуногуни тухмиҳои сертификатдор дар бозори маҳаллӣ дастрасанд.

↔

**Мағозаи тухмиҳо**

Мо тухмиҳои хушсифатро меорем, лекин шумораи ками деҳқонони маҳаллӣ ба дӯкони мо меоянд. Мо хеле хурсанд ҳастем, ки дар форум бо муштариёни эҳтимолии худ вохӯрдем.

Мо хабар надоштем, ки муассисаҳои молиявӣ ба деҳқонон қарз медиҳанд. Онҳо ба мо омӯзонданд, ки чӣ тавр барои гирифтани қарзҳои хурд ҳамчун гурӯҳ дархост кунем.

↔

**Муассисаҳои хурди молиявӣ**

Мо омодаем ба деҳқонон ҷиҳати пешбуриди фаъолияти тиҷоратии кишоварзӣ қарз диҳем ва мо хеле хушҳолем, ки бо ин гурӯҳҳои деҳқонон имрӯз вохӯрӣ дорем.

Ман фаҳмидам, ки барои харидорон дар бозори маҳаллӣ дастрас намудани сир душвор аст. Бинобар ин, мо бояд сир парвариш намоем.

↔

**Чаканафурӯшон**

Мо аз шунидани он, ки деҳқонони маҳаллӣ нақша доранд сир парвариш намоянд, хеле хушҳол гардидем. Мо мехоҳем фурӯши сирро дар мағозаамон зиёд намоем.




**Ҷонибҳои манфиатдори бозор**

**Инноватсия** - **Мутобиқгардонӣ дар Кишварҳо/Минтақаҳои Гуногун**

Бархе аз кишварҳо форумҳои ҷонибҳои манфиатдорро дар муқоиса бо Кения ба тарзи дигар ташкил ва баргузор намуданд, ки дар зер мисолҳо оварда шудааст.

**Чорчӯбаи 6: Форуми харидорон - фурӯшандагон**

**Форуми харидорон ва фурӯшандагон – танҳо харидорон ва фурӯшандагонро даъват мекунанд (Непал ва Малавӣ)**

<Чаро?> Миёни деҳқонон ва харидорони маҳсулоти кишоварзӣ ҳисси нобоварӣ ва нофаҳмии амиқ вуҷуд дошт.

<Чӣ тавр?> Ба ҷои ташкил намудани Форуми ҷонибҳои манфиатдор (иштирокчиён), татбиққунандагон Форуми харидорон – фурӯшандагон ташкил намуданд, ки дар он танҳо харидорон ва фурӯшандагон иштирок намуданд.



Расм: Малавӣ

<Натиҷаҳо?> Иштирокчиён бештар ба муҳокимаронӣ таваҷҷӯҳ намуда, аз вазъи якдигар огаҳии бештар пайдо намуданд. Онҳо ҳисси нобоварӣ ва нофаҳмии миёни худро бартараф намуда, роҳҳои ҳалли мушкилотро ҷустуҷӯ намуданд, то ки ба манфиати тарафҳо бошад.

**Чорчӯбаи 7: Теъдоди зиёди намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ дар форум иштирок намуданд**

**Теъдоди зиёди намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ дар форум иштирок намуданд (Малавӣ, Эфиопия)**

<Чаро?> Деҳқонони зерҳадаф дар Малавӣ ва Эфиопия ба муошират бо ҷонибҳои манфиатдори бозор эътимоди кам доштанд. Илова бар ин, фикр мекарданд, ки онҳо донишҳои аз тренингҳо омӯхтаашонро ба дигар аъзоёни гурӯҳ фаҳмонда наметавонанд.

<Чӣ тавр?> Татбиққунандагон зиёда аз чор нафар намояндагонро аз ҳар як гурӯҳ барои иштирок дар Форум даъват мекарданд.



Расм: Малавӣ

<Натиҷаҳо?> Деҳқонон ҳангоми сӯҳбат бо ҷонибҳои манфиатдори бозор худро хуб ҳис мекарданд. Пас аз иштирок дар Форум, онҳо тавонистанд озодона ва ба таври муфассал таҷрибаи азхуднамудаашонро дар вохӯриҳои баргузорнамуда дар сатҳи ҷамоат ба дигар аъзоёни гурӯҳ мубодила кунанд.

**Чорчӯбаи 8: Намоиши таҷҳизот ва олоти сарфакунанди қувваи корӣ**

**Намоиши таҷҳизот ва олоти сарфакунанди қувваи корӣ дар Форум (Фаластин)**



Расм: Фаластин

<Чаро?> Меҳнати вазнин махсусан барои деҳқонзанҳо дар Фаластин яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ба ҳисоб мерафт.

<Чӣ тавр?> Татбиқкунандагон корхонаҳоеро даъват намуданд, ки ба фурӯши асбобу таҷҳизоти гуногуни кишоварзии сарфакунандаи қувваи меҳнат машғул буданд.

<Натиҷаҳо?> Гурӯҳҳои деҳқонӣ чунин асбобу таҷҳизоти кишоварзиеро харидорӣ намуданд, ки самаранокии фаъолияти кишоварзии онҳоро зиёд намуд. Албатта, истифодаи асбобу таҷҳизоти сарфакунандаи қуввaи меҳнат мушкилии занони деҳқонро ҳалл намуд.

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ (ЧЕКЛИСТ) - Масъалаҳое, ки пас аз гузаронидани ин машғулият бояд тасдиқ карда шаванд**

- ☐ Аъзоёни гурӯҳ оид ба хулоса ва натиҷаҳои форум аз намояндагони хоҷагиҳои деҳқонии худ, ки дар форум иштирок кардаанд, маълумот мегиранд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф оид ба имкониятҳои гуногуни тиҷоратии кишоварзӣ/растанипарварӣ огаҳӣ пайдо мекунанд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф шабакаҳои тиҷоратии худро бо ҷонибҳои манфиатдори бозор, ки ба форум даъват гардида буданд, васеъ мекунанд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф бо ҷонибҳои манфиатдори бозор, ки ба форум даъват гардида буданд, робита баркарор мекунанд.
- ☐ Таносуби иштироки мардону занони ҷонибҳои манфиатдори бозор таъмин карда мешавад.
- ☐ Таносуби иштироки мардону занони намояндагони гурӯҳҳои деҳқонон таъмин карда мешавад.
- ☐ Таносуби мардону занони иштироккунандагони ҷаласа оид ба баррасии натиҷаи форум, ки дар гурӯҳи деҳқонон ташкил карда шудааст, таъмин карда мешавад.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО - Роҳҳои ҳалл барои масъалаҳои зуд-зуд бамиёноянда**

**С: Хоҳиши иштирок**– Ҷонибҳои манфиатдори бозор ба монанди тоҷирон, фурӯшандагон ва ғайра ҷиҳати иштирок дар форум чандон таваҷҷӯҳ надоранд. Чӣ метавонад онҳоро ҳавасманд гардонад, то ки онҳо дар форум омада иштирок намоянд?

**Ҷ:** Онҳо асосан ба форум бо мақсади васеъ намудани шабакаҳои тиҷоратии худ меоянд. Дар хотир доред, ки онҳо одамони хеле серкоранд. Агар онҳо аз иштирок дар форум манфиат набинанд, ба мисли ҳолате, ки ҳангоми иштирок дар форум онҳо танҳо бо шумораи хеле маҳдуди гурӯҳҳои деҳқонон дар форум шинос мешаванд, ва дар ин сурат онҳо таваҷҷӯҳи

худро гум мекунанд. Дар чунин мавридҳо, дидани шахсони манфиатдори бозор ба таври инфиродӣ ҳангоми тадқиқоти бозор ба ҷойи ташкили форум беҳтар аст.

**С: Муҳокимаҳои на он қадар фаъол** – Деҳқонон дар муҳокимаҳо бо ҷонибҳои манфиатдори бозор иштироки фаъол надоранд. Аз чӣ сабаб?

**Ҷ:** Якчанд сабабҳо метавонанд вуҷуд дошта бошанд. Деҳқонон метавонанд аз ҳад зиёд асабонӣ бошанд, ба худ на он қадар боварӣ дошта бошанд ва ё одат накардаанд, ки бо касе берун аз ҷамоати худ сӯҳбатҳои расмӣ анҷом диҳанд. Дар чунин ҳолатҳо мушовирон бояд ба онҳо дарҳол кӯмак расонанд, то ҳарду ҷонибҳо тавонанд муҳокимаҳои фаъол дошта бошанд.

**С: Муҳокимаҳо қобили қабул нестанд -** Харидорон ва деҳқонон ба ҳамдигар шикоят мекунанд, ба мисли «харидорон ба маҳсулот арзиши одилона намедиҳанд» ё «деҳқонон аксар вақт маҳсулоти пӯсидаро дар таги халта пинҳон мекунанд». Онҳо наметавонанд баҳсҳои ҳалкунандаи мушкилот миёни худ дошта бошанд. Чӣ бояд кард?

**Ҷ:** Ба татбиққунандагон тавсия дода мешавад, ки дар оғози форум ба иштирокчиён фаҳмонанд, ки форум ҷойи якдигарро айбдор кардан нест. Ин барои иштирокчиён имконияте мебошад, ки роҳҳои ҳалли проблемаҳои онҳоро таъмин менамоянд. Дар Непал татбиқунандагон дар оғози форум бо иштирокчиён машғулияти пленарӣ ҳуҷуми ақлӣ ташкил намуданд, то ки масъалаҳои умумии тиҷоратиро муайян кунанд. Баъдан ҳангоми сӯҳбатҳои рӯ ба рӯ аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки ҳалли проблемаҳоро мавриди диққат қарор диҳанд, то ки онҳо тавонанд роҳҳои ҳалли барои тарафҳо манфиатоварро пайдо намоянд.

Форуми иштирокчиён дар Кения пас аз тадқиқоти базавии муштарак, яъне дар марҳилаҳои аввали омӯзиши равиши SHEP ташкил ва баргузор карда шуд. Аз дигар тараф, бархе аз кишварҳо аз қабили Эфиопия форуми иштирокчиёнро баъд аз интихоб намудани зироатҳои зерҳадаф аз ҷониби деҳқонон, баргузор менамоянд. Агар форум аз рӯи вақтҳои гуногун ва тартиби гуногун гузаронида шавад, ҳадафи он ҳам бояд фарқкунанда бошад, чӣ тавре ки дар зер инъикос ёфтааст.

**[Форум дар марҳилаи аввал ташкил карда шудааст]**




**[Форум пас аз интихоби зироатҳои зерҳадаф ташкил карда шуд]**




Эзоҳ: Чун ҷонибҳои манфиатдори бозор оид ба зироатҳои интихобнамудаи деҳқонон маълумот доранд ва аз фаъолияти гурӯҳи деҳқонон огаҳ ҳастанд, қабл аз баргузории форум, онҳо мехоҳанд дар форум иштирок намуда, бо деҳқонон ҳамчун шарикони эҳтимолии тиҷоратии худ вохӯриҳо дошта бошанд.

## 2.3. Тадқиқоти бозор

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | - Семинарҳои шиносоӣ |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)<br>- **Тадқиқоти бозор**<br>Мо дар ин ҷо |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

### БАРОИ ЧӢ - Ҳадафҳо

Дар равиши SHEP тадқиқоти бозор на аз ҷониби кормандони ҳукуматӣ ё коршиносони беруна, балки аз ҷониби худи деҳқонон гузаронида мешавад. Ҳадафи асосии равиши SHEP ин гузаронидани тадқиқоти бозор бо ташаббуси худи деҳқонон мебошад, **ки ин як роҳи ҳавасмандгардонии деҳқонон ба ҳисоб меравад, ки онҳо тавонанд дар амал таҷриба намуда, дарк намоянд, ки бозорҳо чӣ тавр фаъолият мекунанд ва аз истеҳсолкунандагон чиро талаб менамоянд.** Ҳамзамон, тавассути гузаронидани тадқиқотҳои бозор, деҳқонон **метавонанд бо бозингарони мухталифи бозор**, аз қабили яклухтфурӯшон, чаканафурӯшон, миёнаравҳо ва ғайра робита барқарор кунанд ва шабакаҳои байнишахсии худро васеъ намоянд, ки чунин амал метавонад ба эҷоди вазъи **бурднок миёни онҳо ва ҷонибҳои манфиатдори бозор мусоидат кунанд.**

### ЧӢ - Шарҳ

Намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳо интихоб шудаанд, барои аз худ намудани малакаи гузаронидани тадқиқотҳои бозор дар омӯзишҳо иштирок мекунанд. Омӯзиш (1) аз тавзеҳот дар бораи тарзи гузаронидани тадқиқотҳои бозор ва (2) ташкили таҷрибаи гузаронидани тадқиқоти воқеии бозор дар бозорҳои маҳаллӣ иборат аст. Пас аз иштирок дар омӯзиш, намояндагони деҳқонон ба дигар аъзоёни гурӯҳ натиҷаи тадқиқоти бозор ва инчунин тарзи гузаронидани онро меомӯзонанд, то гурӯҳ тавонад ҳатто пас аз анҷоми машғулиятҳои равиши SHEP тадқиқоти бозорро мустақилона идома диҳад. Бояд дар хотир дошт, ки татбиқкунандагони равиши SHEP ба деҳқонон танҳо имкон медиҳанд, ки тадқиқоти бозор «амалия»-ро гузаронанд. Интизор меравад, ки пас аз «амалия» деҳқонон борҳо тадқиқоти «воқеӣ»-и бозорро гузаронанд, ки онро худи деҳқонон бидуни кӯмаки кормандони ҳукуматӣ анҷом медиҳанд.

**Чӣ тавр?** **- Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ**




- Тадқиқоти бозор аз ҷониби худи деҳқонон бо истифода аз пурсишномаҳо **гузаронида мешавад**, на аз тарафи кормандони ҳукуматӣ.

- Ҳадафи гузаронидани тадқиқоти бозор ин ҷамъоварии маълумот на **танҳо оидба нархҳои бозор**, балки маълумот оид ба сифат ва теъдоди маҳсулот, тағйирёбии мавсимии нархҳо, ҳаҷми фурӯхташаванда, усули пардохти маблағҳо ва ғ. мебошад.

- Ҳангоми тадқиқоти бозор ба деҳқонон тавсия дода мешавад, ки бо иштирокчиёни бозор, ки онҳо вомехӯранд **алоқаи тиҷоратӣ баркарор намоянд**.

- Деҳқонон бояд дарк намоянд, ки тадқиқоти бозор аз ҷониби **онҳо мустақилона ва ба таври мунтазам** бе кӯмаки кормандони ҳукуматӣ гузаронида мешавад.

**ҚАДАМ** **- Тартиби татбиқ (вақти лозимӣ 3-4 соат)**

1. (Омодагӣ) Аз деҳқонон хоҳиш кунед, ки намояндагони худро (мусоҳибачӣ, қайдкунанда ва вақтсанҷ) интихоб намоянд, ки онҳо дар омӯзишҳо оид ба тадқиқоти бозор иштирок хоҳанд кард.
   *Маслиҳат!* _*Ҳам мардон ва ҳам занон бояд ҳамчун намоянда интихоб карда шаванд. Барои осон намудани омӯзиш деҳқонони босаводро интихоб кардан ба мақсад мувофиқ аст. Аммо таҷрибаи пештара нишон медиҳад, ки бо ёрии кофии деҳқонони босавод деҳқонони камсавод ҳам ҳамчун намояндагони гурӯҳ кор карда метавонанд.*_
2. (Омодагӣ) Аз роҳбарони бозорҳое, ки деҳқонон нақша доранд дар он ҷо тадқиқоти бозор гузаронанд, бояд иҷозат гирифт. Агар татбиқкунандагони равиши SHEP ва мушовирон бо тарзи фурӯши зироатҳо дар бозор чандон ошно набошанд, дар байни татбиқкунандагон пеш аз он, ки деҳқононро ба бозор баранд, тадқиқоти пешакии бозор гузаронед. Рӯзҳои мувофиқтарини ҳафта ё вақти рӯзро муайян ва интихоб кунед, то деҳқонон тавонанд маълумоти заруриро самаранок ҷамъоварӣ кунанд.
3. Тренинг оид ба омӯзонидани тарзи гузаронидани тадқиқоти бозор, аввал лексияҳо ва баъдан, машқи амалии тадқиқоти бозор дар бозори наздик, ташкил намоед.
4. Маълумотеро, ки деҳқонон аз бозор ҷамъ кардаанд, таҳлил кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки маълумотро дар давоми як муддати муайян (масалан, дар давоми як ҳафта пас аз тадқиқоти бозор) бо дигар аъзоёни гурӯҳ мубодила кунанд, то боварӣ ҳосил намоед, ки маълумот ба ҳамаи аъзоёни гурӯҳ дастрас гардидааст.



Расм: Бозори маҳаллӣ Н. Фархор, Тоҷикистон

Маслиҳат! *<u>Муайян кардан зарур аст, ки барои мубодилаи иттилоот бо дигар деҳқонон вақти лозимӣ ҷудо карда шудааст. Машваратчиён бояд ба намояндагони гурӯҳҳо дар ташкили вохӯриҳо оид ба мубодилаи иттилоот кӯмак расонанд.</u>*

Мо навъҳои гуногуни карамро чанд соли охир аст, ки парвариш мекунем. Оё Шумо ба ин таваҷҷӯҳ доред?



Ман намедонистам, ки дар ин ноҳия ин қадар истеҳсолкунандагони карам зиёданд. Ман ҳамеша карамро аз воридкунандагон мехаридам. Ман бояд карами тару тозаро минбаъд аз Шумо харидорӣ намоям.

Расм: бозори марказӣ, Турсунзода Тоҷикистон

**Коҳиш додани нобаробарии иттилоот**



Деҳқон

| Деҳқон | | Ҷонибҳои манфиатдори бозор |
|---|---|---|
| Мо намедонистем, ки ин қадар сабзавот аз кишварҳои ҳамсоя воридот мешаванд. Мо метавонем дар оянда ин зироатҳоро дар сатҳи маҳал таъмин кунем. | ⟷ | Мо намедонистем, ки деҳқонони маҳаллӣ сабзавоти баландсифат истеҳсол мекунанд. Мо метавонем маҳсулоти маҳаллиро аз онҳо харидорӣ кунем, на аз воридкунандагон. |
| Мо қаблан ба мӯҳлати нигоҳдории маҳсулот аҳамият намедодем. Аз ин баъд, мо бояд ба ин масъала бештар диққат диҳем, то харидорон қаноатманд гарданд. | ⟷ | Мо наметавонистем ба деҳқонони маҳаллӣ нархи баланд пешниҳод кунем, зеро ҳосили онҳо ҳамеша зуд вайрон мешавад. Агар онҳо ба мо як маҳсулоти беҳтарро фурӯшанд, мо бештар шод мешудем, ки нархи хариди худро боло мебарем. |
| Мо дар поёни халта қаламфури пӯсидаро дар бозор дидем. Харидорон хеле норозӣ буданд. Дафъаи оянда ҳангоми бастабандии қаламфури мо бояд эҳтиёткор бошем. | ⟷ | Моро деҳқонон одатан бо гузоштани қаламфури пӯсида дар поёни халта фиреб медоданд. Умедвор аз он ҳастем, ки эътимоди мо ба истеҳсолкунандагон зиёд мегардад. |





Ҷонибҳои манфиатдори бозор

## ШАКЛ (ФОРМАТ) - Пурсишнома барои тадқиқоти бозор

Намунаи пурсишнома барои тадқиқоти бозор дар зер оварда шудааст. Ғайр аз пур намудани сутунҳои ҷадвал, деҳқонон метавонанд маълумоте, ки онҳо зарур мешуморанд, ҷамъоварӣ намоянд. Дар ин сурат, ба онҳо дастур диҳед, ки маълумоти ҷамъоваригардидаро дар як гӯшаи пурсишнома қайд кунанд.

| Ном ва тафсилоти тамоси дилери маҳсулот | Маҳсулот ва навъҳои он | Талаботи бозор ба сифати маҳсулот | Талаботи аз ҳама баланд (моҳ) | Шумора (кг) ва басомади (рӯзона/ ҳафтаина, ғ.) таъминот | Ҷойи истеҳсолкунӣ | Нархи воҳиди харид (доллари ИМА/кг) | Усули пардохт | Шатрҳои пардохт | Масъалаҳои маркетингӣ | Хоҳиши дилерон ҷиҳати хариди маҳсулот аз гурӯҳҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |

**ИННОВАТСИЯ** - **Мутобиқгардонӣ дар кишварҳо/минтақаҳои гуногун**

Дар зер мисолҳо оид ба роҳҳои инноватсиони мутобиқгардонӣ, ки дар кишварҳо ва минтақаҳои дорои шароити иҷтимоӣ-иқтисодии аз Кения фарқунанда истифода гардиданд, оварда шудааст. Ба туфайли ин тағйирот, онҳо назар ба натиҷаҳои пешбинишуда, натиҷаҳои бештаре ба даст оварданд.

**Чорчӯбаи 9 Боздид аз ширкат ва ташкилотҳои гуногун ҳангоми тадқиқоти бозор**

**Боздид аз ширкат ва ташкилотҳои гуногун ҳангоми тадқиқоти бозор (Лесото, Танзания ва Зимбабве)**

<Чаро?> Гурӯҳи татбиқи равиши SHEP дар самти захираҳои молиявӣ ва инсонӣ маҳдудиятҳои ҷиддӣ дошт. Бинобар ин, ташкил ва баргузор намудани Форуми ҷонибҳои манфиатдор бо сабаби маҳдудияти захираҳо ғайри имкон буд.

<Чӣ тавр?> Ҳангоми машғулиятҳои амалӣ оид ба гузаронидани тадқиқоти бозор, татбиқкунандагон аз ширкатҳо ва ташкилотҳои гунонгун ба монанди ширкатҳои таъминкунандаи маводҳои кишоварзӣ, ширкатҳои содироткунанда, беморхонаҳо, мактабҳо, ятимхонаҳо ва супермаркетҳо ва ғ. дидан намуданд, ки ташриф ба онҳо он қадар зарурат надошт, лекин дар ҳамон шаҳрҳо ё дар наздикии онҳо ҷойгир буданд. Деҳқонон тавонистанд ба ғайр аз фурӯшандагони бозор, бо дигар ҷонибҳои манфиатдори бозор вохӯранд.

<Натиҷаҳо?> Натиҷае , ки Форуми ҷонибҳои манфиатдор бояд меовард, тавассути ин усул бе харҷи захираҳои молиявию инсонӣ барои ташкили форуми расмӣ ба даст омад.

## Чорчӯбаи 10 Тамрини деҳқонон пеш аз тадқиқоти бозор гузаронида мешавад

**Тамрини деҳқонон пеш аз тадқиқоти бозор гузаронида мешавад (Тоҷикистон)**

<Чаро?>  Дар минтақаҳои зерҳадаф бештари деҳқонон маҳсулоти худро танҳо ба миёнаравҳо, ки ба хоҷагиҳои деҳқонии парвариши сабзавоти онҳо меомаданд, мефурӯхтанд. Онҳо қаблан ҳеҷ гоҳ бо касе дар бозор сӯҳбат намекарданд.  Онҳо ҳангоми додани саволҳо ба одамон асабонӣ мешуданд.



Расм: бозори маҳаллӣ Н. Ҳисор, Тоҷикистон

<Чӣ тавр?> Баъд аз баргузор намудани омӯзишҳо ҷиҳати гузаронидани тадқиқоти бозор, татбиққунандагон аз намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ хоҳиш намуданд, ки  тариқи истифодаи бозиҳои нақшӣ додани саволҳоро машқ кунанд. Дар бозиҳои нақшӣ, бархе аз онҳо нақши деҳқонон ва дигарон нақши фурӯшандагонро бозиданд.

<Натиҷаҳо?> Ҳангоми иҷрои машқҳо оид ба тадқиқоти бозор ва саволу ҷавоб, деҳқонон худро роҳат ҳис намуда, боварии онҳо ба худ зиёд гардид. Онҳо тавонистанд бо як маҳорати баланд ва боварӣ маълумоти хостаашонро аз харидорон гиранд.

## Чорчӯбаи 11 Татбиққунандагон тадқиқоти пешакии бозорро мегузаронанд

**Татбиққунандагон тадқиқоти пешакии бозорро мегузаронанд (Салвадор, Африқои Ҷанубӣ)**

<Чаро?> Татбиққунандагон бо вазъи бозорҳои маҳаллӣ шинос набуданд.

<Чӣ тавр?> Татбиққунандагон пешакӣ ба бозорҳо рафта, харидорони эҳтимолиро муайян карданд, яъне онҳое, ки мехоҳанд аз гурӯҳи хоҷагиҳои деҳқонии хурд сабзавот харидорӣ намоянд. Инчунин, онҳо харитаҳои бозорҳоро омода  намуданд, ки барои деҳқонон пайдо намудани харидорони эҳтимолӣ бо истифода аз ин харитаҳо осон гардад.



Харитаи бозор ва маълумот оид ба харидорон, ки аз ҷониби татбиққунандагон равиши SHEP дар Салвадор омода гардидааст.

<Натиҷаҳо?>  Деҳқонон ҳангоми машқҳо оид ба гузаронидани тадқиқоти бозор тавонистанд ба осонӣ ва дар як муддати кӯтоҳ ҷойгиршавӣ ва худи харидоронро, ки бо онҳо мехоҳанд ҳамкорӣ кунанд, муайян намоянд.

## Чорчӯбаи 12 Деҳқонон зиёда аз шаш навъи зироатҳоро барои омӯзиш интихоб мекунанд

**Деҳқонон зиёда аз шаш навъи зироатҳоро барои омӯзиш интихоб мекунанд (Салвадор, Африқои Ҷанубӣ)**

<Барои чӣ?> Минтақаи зерҳадаф ба сатҳи баланди хатарҳои вобаста ба иқлим ва ҳашароти зарраррасон/касалиҳо дар истеҳсоли зироат дучор шуд. Диверсификатсияи зироат яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи кишоварзони ин минтақа буд. Ҳамин тариқ, деҳқонони зерҳадаф ба омӯзиши имкониятҳои молиявӣ ва техникии навъҳои гуногуни зироатҳо бо мақсади идоракунии хавфҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд.



Расм: Салвадор

<Чӣ тавр?> Дар ҳоле, ки дар ибтидо ба деҳқонон дастур дода шуда буд, ки панҷ зироати зерҳадафро интихоб карда, ҳангоми гузаронидани тадқиқоти бозор ин зироатҳоро таҳқиқ кунанд, инчунин, ба онҳо тавсия дода шуд, ки дар ҷараёни тадқиқоти бозор беш аз шаш зироатро интихоб намоянд, то татбиқкунандагон зарурати диверсификатсияи зироатҳоро дарк кунанд.

<Натиҷаҳо?> Деҳқонон пас аз тадқиқоти бозор тавонистанд зироатҳои эҳтимолиро барои парвариш пайдо кунанд, ки бо онҳо қаблан шинос набуданд. Татбиққунандагон ба деҳқонон тавассути омӯзонидани усулҳои истеҳсоли хоси зироатҳои нав, ки деҳқонон онҳоро ҳамчун зироатҳои зерҳадафи худ интихоб намуданд, дастгирӣ карданд. Ҳамин тариқ, деҳқонон тавонистанд ба диверсификатсияи зироатҳо машғул шаванд.

## Чорчӯбаи 13 Деҳқонони камсавод ҳамчун намояндагон барои тадқиқоти бозор интихоб гардиданд

**Деҳқонони камсавод ҳамчун намояндагон барои тадқиқоти бозор интихоб гардиданд (Эфиопия, Африқои Ҷанубӣ)**

<Чаро?> Бештари деҳқонони зерҳадафи минтақаи интихобгардида камсавод буданд ва он нафарони ҳавасманди аъзоёни гурӯҳ, ки гурӯҳро роҳнамоӣ мекарданд, ба таври зарурӣ босавод буданд.

<Чӣ хел?> Гурӯҳи деҳқонон ҳам деҳқонони камсавод ва ҳам босаводро ҳамчун намояндагони гурӯҳ барои гузаронидани машқҳо оид ба тадқиқоти бозор интихоб намуданд.



Расм: Эфиопия

<Натиҷаҳо?> Деҳқонони босаводу камсавод иқтидори гуногун нишон доданд. Масалан, деҳқонони босавод ҳангоми муоширaт бо одамони ношинос эътимоди бештар доштанд. Инчунин онҳо бе душворӣ воҳӯриҳои худро қайд карданд. Аммо, аз дигар тараф деҳқонони камсавод хотираи хуб дошта, хеле мушоҳидакор буданд. Онҳо якдигарро кӯмак ва пурра намуда, ҳамчун тадқиқотчиён дастаи хубро ташкил карданд. Ғайр аз ин, ба сифати намояндагони гурӯҳ интихоб намудани деҳқонони камсавод аз ҷиҳати психологӣ на танҳо ба онҳое, ки интихоб нашудаанд, балки ба ҳамкорони камсаводи онҳо дар гурӯҳ қувва мебахшид.

## Чорчӯбаи 14  Гузаронидани тадқиқоти бозор ҳам дар бозорҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ

**Гузаронидани тадқиқоти бозор ҳам дар бозорҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ (Зимбабве, Африқои Ҷанубӣ)**

<Чаро?> Минтақаи зерҳадаф ду бозори аз якдигар фарққунанда дошт: бозори расмӣ ба монанди супермаркетҳо ва бозори ғайрирасмӣ, аз қабили бозорҳои маҳаллӣ дар ҳавои кушод. Бозингарон ва талаботи ин ду намуди бозорҳо хеле гуногун буданд.



Расм: Салвадор

<Чӣ хел?> Татбиққунандагон ду шакли машғулиятҳо (сесия)-ро оид ба тадқиқоти бозор ташкил намуданд; яке барои бозори расмӣ ва дигар барои бозори ғайрирасмӣ. Онҳо аввал дар бозори ғайрирасмӣ тадқиқотро гузарониданд, ки деҳқонон бо он ошно буданд, ва баъдан тадқиқот дар бозори расмӣ гузаронида шуд.

<Натиҷаҳо?> Деҳқонон дарк намуданд, ки бозорҳои мухталиф аз ҷиҳати навъ, сифат ва шумораи зироатҳо афзалиятҳои хоси худро доранд. Онҳое, ки бо бозори расмӣ шинос набуданд, аллакай омӯзиши онро тариқи рафтан ба супермаркетҳо бо мақсади муқоиса намудани имкониятҳои бозорҳои расмӣ ва ғайрирамӣ шурӯъ намуданд.

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ (ЧЕКЛИСТ) - Масъалаҳое, ки пас аз гузаронидани ин машғулият тасдиқ карда мешаванд**

- ☐ Аъзоёни гурӯҳ оид ба хулоса ва натиҷаҳои машғулиятҳои тадқиқотҳои бозор, ки аз ҷониби намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар машғулиятҳо иштирок кардаанд, маълумот мегиранд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф бояд донанд, ки тадқиқотҳои гузаронидашудаи бозор ин маротиба “таҷрибавӣ” буда, тадқиқотҳои аслии бозор бояд аз ҷониби онҳо ба таври мунтазам ва бе кӯмаки кормандони ҳукуматӣ гузаронида шаванд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф тафсилоти алоқаи ҷонибҳои манфиатдори бозорро, ки бо онҳо ҳангоми тадқиқоти бозор вохӯрданд, нигоҳ медоранд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф бо ҷонибҳои манфиатдори бозор, ки ба форум даъват гардида буданд, робита барқарор мекунанд.
- ☐ Таносуби иштироки мардону занони намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ таъмин карда мешавад.
- ☐ Таносуби иштироки мардону занони намояндагони гурӯҳҳои деҳқонон таъмин карда мешавад.
- ☐ Таносуби мардону занони иштирокчиёни тадқиқот оид ба баррасии натиҷаи машғулиятҳо, ки дар гурӯҳи деҳқонон ташкил карда шудааст, таъмин карда мешавад.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО - Роҳҳои ҳалл барои масъалаҳои зуд-зуд бамиёноянда**

**С: Бозори маҳаллӣ хеле хурд аст** – Бозорҳои маҳаллии ба деҳқонони зерҳадаф наздикбуда хеле хурд буда, танҳо дар онҳо картошка ва пиёз мефурӯшанд. Паз аз гузаронидани тадқиқот дар он ҷой, деҳқонон каме рӯҳафтода шуданд, чунки онҳо натавонистанд чизи наверо аз худ кунанд. Чӣ тавр ман ин масъаларо ҳалл карда метавонам?

**Ҷ:** Ҳатто як бозори хурди маҳаллӣ метавонад маълумоти зиёд ва муфидро барои деҳқонон диҳад. Масалан, агар мусоҳиба мувофиқ гузаронида шавад, ҷонибҳои манфиатдори бозор метавонанд ба деҳқонон маълумотро, аз қабили тағирёбии мавсимии талабот, тағйирёбии солонаи нарх, пайдоиши маҳсулоти гуногун вобаста ба фаслҳо, шакл, навъ, андозаи зарурӣ ва ғайра пешниҳод намоянд. Инчунин, деҳқонон метавонанд тариқи мунтазам гузаронидани тадқиқотҳои бозор муносибатҳои худро бо бозингарони бозори маҳаллӣ мустаҳкам намоянд. Аз ин рӯ, одатан дидан намудан аз наздиктарин бозори маҳаллӣ барои гузаронидани машғулиятҳо оид ба тадқиқоти бозор як оғози хуб мебошад. Аммо, агар Шумо ва деҳқонон зарур шуморед, ки боздид аз бозорҳои гуногун, масалан, бозорҳои наздик ба шаҳрҳои калон ба мақсад мувофиқ аст, Шумо метавонед чунин корро анҷом диҳед. Пас аз гузаронидани як тадқиқоти бозор дар чунин бозорҳо, деҳқонон эҳтимолан боздид аз бозорҳоро идома медиҳанд, агар боварӣ дошта бошанд, ки вақт ва хароҷоти нақлиёт барои ин кор арзанда аст. Нуктаи муҳими дигар ин аст, ки “бозор” танҳо маънои бозори ҷисмониро надорад. Бозорҳо метавонанд фурӯшандагони кӯча ё муассисаҳо, аз қабили мактабҳои маҳаллӣ, беморхонаҳо, зиндонҳо ва ғайра бошанд. Агар деҳқонон эҳсос кунанд, ки аз бозорҳои наздикбуда маълумоти муфид дастрас карда наметавонанд, онҳо кӯшиш кунанд, то ки бо чунин харидорони эҳтимолӣ дар маҳалли худ тамос гиранд.



Расм: Тадқиқоти бозор Бозори Меҳргон дар Душанбе, Тоҷикистон

**С: Дастрас кардани маълумот оид ба нархҳо душвор аст –** Савдогарон дар бозорҳо маълумотро оид ба нархҳои аслии фурӯш ё хариди маҳсулот намедиҳанд. Онҳо оид ба даромади худ маълумотро махфӣ нигоҳ медоранд. Оё ягон роҳи хуби дастрас намудани маълумот оид ба нархҳо мавҷуд аст?

**Ҷ:** Табиист, ки савдогарон хоҳиши паҳн кардани маълумотро оид ба даромади худ надоранд. Нисбат ба саволҳое, ки Шумо ба савдогарон оид ба даромади онҳо медиҳед, Шумо метавонед бо як усули боодобона ба онҳо саволҳои умумӣ ба монанди тағйирёбии солонаи нарх оид ба маҳсулоти махсусро пешниҳод кунед. Инчунин, Шумо имкон доред аз харидорон пурсед, ки онҳо барои харидани маҳсулоти зерҳадафи Шумо чӣ қадар пул пардохт намуданд.

**С: Сатҳҳои гуногуни ҳавасмандӣ дар гурӯҳи деҳқонон -** Дар ҳоле, ки намояндагони гурӯҳ пас аз анҷоми бомуваффақияти машқҳои тадқиқоти бозор аз эҳтиёҷот ва талаботҳои бозор хеле хуб огоҳ мебошанд, аммо ба назар чунин мерасад, ки дигар аъзоёни гурӯҳ ҳавасманд нестанд. Чаро?

**Ҷ:** Оё боварӣ доред, ки намояндагони гурӯҳҳо маълумоти ҳангоми машқҳои тадқиқоти бозор ба даст овардаро ба дигар аъзоёни гурӯҳ тақсим намуданд? Додани маълумот ба дигар аъзоёни гурӯҳ бояд ҳатмӣ бошад, то ки онҳо истифодаи маълумоти муфидро ба монополия надароранд, яъне танҳо барои худашон истифода накунанд. Лутфан оид ба ин масъала қоида ё тартиберо муқаррар кунед, ки мисол, намояндагон бо мақсади мубодилаи маълумоти дастрасгардида як ҳафта пас аз тадқиқот бояд вохӯрии гурӯҳӣ ташкил намоянд.

## Сутуни 4: Се принсипи равиши SHEP оид ба тадкиқоти бозор



Тадкиқоти бозор дар доираи равиши SHEP аз се «принсип»-и хеле муҳим иборат буда, ба дастгирии эҳтиёҷоти равонии деҳқонон ба мустақилият ва салоҳият диққати махсус медиҳанд. Се принсип инҳоянд: ҷамъ овардани маълумот, ки (1) ба вазъияти деҳқонон мувофиқ аст, (2) аз нуқтаи назари деҳқонон, (3) аз ҷониби деҳқонон, то деҳқонон имкониятҳо ва интихоби намуди тиҷоратро омӯзанд ва ё кашф кунанд. Баръакси мафҳуми маъмулии тадкиқоти бозор, дар равиши SHEP тадкиқоти бозор на танҳо барои ба даст овардани нархҳои бозорро дар бар мегирад, балки баръакс, он дар бораи дарёфти имконот ва интихоби намуди тиҷорат мебошад. Се принсипи равиши SHEP дар тадкиқоти бозор дар диаграммаи зер нишон дода шудааст, ки дар он муқоиса байни мисолҳо оид ба мувофиқат кардан ва накардан дар ҳар як принсип шарҳ дода мешавад.




Аз се принсипи равиши мазкур, эҳтимол аз ҳама муҳим элементи тадкиқотҳои "аз ҷониби деҳқонон гузаронидашуда" мебошад. Инчунин, мустақилият ва иштироки деҳқонон дар тадкиқотҳои бозор барои муваффақиятҳои фаъолияти равиши SHEP хеле муҳим ба ҳисоб меравaнд. Дар доираи тадкиқоти бозор равиши SHEP, на танҳо маълумот оид ба нархҳои бозор, балки иттилооти бисёрҷанбаи бозор ба даст оварда мешавад, ки воқеан барои ошкор кардани "донишҳои пинҳонӣ"-и бозор пешбинӣ шудааст. Барои дастрас, эҳсос ва дарк намудани донишҳои пинҳонӣ, зарур аст бо онҳое, ки



чунин дониши пинҳонӣ доранд табодули таҷриба намуда,  ҳамсӯҳбат шавем. Вобаста ба ин, деҳқононро зарур аст, то ки худ ба бозор рафта, бо иштирокчиёни бозор, аз қабили харидорон, миёнаравҳо, фурӯшандагон ва ғайра суҳбатҳои мустақим дошта бошанд ё фаъолияти онҳоро мушоҳида намояд. Аз ин рӯ, барои деҳқонон муҳим аст, ки худ  тадқиқотҳои бозорро гузаронанд.

Ҳадафи тадқиқотҳои равиши SHEP ошкор намудани донишҳои пинҳонӣ оид ба вазъи бозор, ки барои деҳқонони зерҳадаф мувофиқ ва муфид мебошад. Ба таври дигар, ҳадафи тадқиқоти бозор равиши SHEP ин истифода ва мубодилаи донишҳои пинҳонии худи деҳқонон ва донишҳои пинҳонии бозор мебошад. Донишҳои пинҳонии деҳқонон ва иштирокчиёни бозор ба таври самаранок муттаҳид карда шуда, донишҳои навро дар раванди тадқиқоти бозор ташкил мекунанд.

Дар зер суханони деҳқононе, ки бо истифода аз се принсип  тадқиқотҳои бозорро бо муваффақият гузаронидаанд.



Расм: Хоҷагии деҳқонӣ дар ҷамоати Заргари вилояти Хатлон дар машғулиятҳои SHEP иштирок намуд, Тоҷикистон

- Мо дарк намудем, ки мо бояд ҳосили сабзиро нисбат ба пештара барвақтар ҷамъоварӣ намоем. Чунки сабзии андозаи хурддошта таъми хубтар дошта, нисбат ба сабзиҳои андозаашон калон бо нархи баландтар фурӯхта мешаванд.
- Мо фаҳмидем, ки мо бояд субҳи барвақт, вақте ки берун торик аст, ҳосили сабзиро ҷамъоварӣ кунем. Сабзиҳое, ки бо ин тарз ҷамъоварӣ мегарданд, дарозтар нигоҳ дошта мешаванд. Харидорон чунин сабзиҳоро бештар харидорӣ намуда, ба мо арзиши зиёдтар медиҳанд.
- Мо фаҳмидем, ки таъмин намудани бозор бо маҳсулот ба таври доимӣ дар давоми мавсим назар ба он, ки дар як вақт ба миқдори зиёд таъмин карда мешавад, хавфи камтар дорад.
- Мо боварӣ ҳосил намудем, ки тухмии сертификатсияшуда ва тухмии гибридӣ метавонад ҳосили сабзавоти хушсифаттар диҳад, ки мо метавонем онҳоро бо нархи баландтар фурӯшем.
- Мо фаҳмидем, ки банақшагирии вақти шинонидани тухмиҳо низ муҳим аст.  Мо бояд тухмиҳоро дар вақти лозима шинонем ё навъҳои тухмии зудпазакро истифода намоем, то ки дар моҳҳои талабот зиёдбуда ҳосилро ҷамъоварӣ кунем.



Расм: Тоҷикистон

- Мо дарк кардем, ки дар бозори яклухтфурӯшӣ навъҳои гуногуни карам, ки мӯҳлати нигоҳдории онҳо дароз аст, харидорӣ бештар доранд. Баръакси ин, дар бозори чакана ба карамҳои гуногуне, ки таъми ширин ва ширадор доранд ва барои омода намудани хӯриш мувофиқанд, миёни харидорон бартарӣ доранд, гарчанде, ки мӯҳлати нигоҳдории он кӯтоҳтар аст.
- Мо имкон пайдо намудем, то бо миёнаравҳо ҳангоми тадқиқоти бозор вохӯрем.  Мо тавонистем оид ба андозаҳои мувофиқи картошкаҳо маълумот ба даст орем. Пас аз ин,  миёнаравҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ пайваста ташриф оварда, то ки картошкаҳои моро бо нархи баландтар харидорӣ намоянд.
- Ҳангоми тадқиқоти бозор, мо фаҳмидем, ки миёни маҳсулотҳои гуногуни аз банана

омодашуда, кулчаҳои қандини бананадор дар маҳалл хеле машҳӯр аст. Пас аз ин, мо истеҳсоли бастаҳои хурди кулчаҳои қандини бананадорро, ки дар бозор дастрас набуд, шурӯъ намудем. Баста дар мағозаи гурӯҳии мо беҳтарин маҳсулоти бештар фурӯхташаванда гардид ва бештари кӯдакони маҳалл ин бастаи кулчаҳои қандинро дӯст медоранд.

- Чаканафурӯш ба мо гуфт, ки ӯ хоҳиши харидани маҳсулот аз хоҷагиҳои хурди деҳқониро надорад, чунки онҳо ҳангоми бор намудани маҳсулот ва харидории маҳсулоти онҳо аз хоҷагиҳои деҳқонии онҳо ба ӯ кӯмак намекунанд. Аз дигар тараф, истеҳсолкунандагони миёна ва калон бошанд, ҳамеша нафаронеро доранд, ки ба мо кӯмак мекунанд. Баъд аз шунидани ин қисса, мо боварӣ дорем, ки аъзоёни гурӯҳ ба чаканафурӯшон ҳангоми бор кардани маҳсулот кӯмак менамоянд. Акнун чаканафурӯшон аз мо маҳсулот харидорӣ менамоянд.

Барои баъзеҳо, маълумоте, ки деҳқонон дар ҷараёни тадқиқоти бозор ба даст овардаанд, ки дар боло нишон дода шудааст, шояд хеле ночиз бошад. Аммо, агар Шумо ба моҳияти иттилоот бодиққат назар андозед, Шумо инро дарк мекунед, маълумоте, ки деҳқонон ба даст овардаанд, метавонад аз ҷониби деҳқонон (1) фавран ва (2) бо захираҳои ҳадди ақали иловагӣ истифода шаванд. Аз ин рӯ, истифодаи ин гуна маълумот ба деҳқонон муваффақиятҳои хурд меорад. Муваффақиятҳои хурди афзоянда барои расидан ба ҳадафҳои калон бо мурури замон муҳиманд.



**Пурсишномаи тадқиқоти бозор**

Сана:_____/______/_______
Номи ноҳия: _______________________/номи ҷамоат_________________
Номи гурӯҳи деҳқонон:_______________
Тадқиқоти бозор гузаронида шуд (ному насаби намояндаи гурӯҳи деҳқонон):____________________________

| Ном ва тафсилоти тамоси дилери маҳсулот | Маҳсулот ва навъҳои он | Сифати маҳсулот ва талаботи бозор ба он | Талаботи аз ҳама баланд (моҳ) | Шумора (кг) ва басомади (рӯзона/ ҳафтаина, ғ.) таъминот | Нархи воҳиди харид (доллари ИМА/кг) | Усули пардохт | Шатрҳои пардохт | Масъалаҳои маркетингӣ | Хоҳиши дилерон ҷиҳати хариди маҳсулот аз гурӯҳҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

**Мисол Пурсишномаи Тадқиқоти Бозор**

Сана:_____/______/_______
Номи ноҳия: _______________________/номи ҷамоат_________________
Номи гурӯҳи деҳқонон:_______________
Тадқиқоти бозор гузаронида шуд (ному насаби намояндаи гурӯҳи деҳқонон):____________________________

| Ном ва тафсилоти тамоси дилери маҳсулот | Маҳсулот ва навъҳои он | Сифати маҳсулот ва талаботи бозор ба он | Талаботи аз ҳама баланд (моҳ) | Шумора (кг) ва басомади (рӯзона/ ҳафтаина, ғ.) таъминот | Нархи воҳиди харид (доллари ИМА/кг) | Усули пардохт | Шатрҳои пардохт | Масъалаҳои маркетингӣ | Хоҳиши дилерон ҷиҳати хариди маҳсулот аз гурӯҳҳо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Mr. S. K. Mwai (0722-xxxxxx) | Помидор (ҳар гуна навъ) | - Андозаи миёна -Нимпухта | Март, Апрел ва Май | 1,000 кг/ҳафта | 1 доллари ИМА | Накдӣ | Накдӣ ҳангоми таҳвил | Анбори номувофиқи нигоҳдорӣ | Хоҳиш |
| Ms. J. O. Ouma (0736-xxxxxx) | Помидор (навъи J) | - Андозаи калон -Нимпухта | Апрел ва Май | 2,500 кг/ҳафта | 1,20 доллари ИМА | Чеки пул | Ду ҳафта баъд аз таҳвил | Анбори номувофиқи нигоҳдорӣ | Хоҳиш |
| Ms. O. J. Aduu (0720-xxxxxx) | Помидор (навъи J) | - Андозаи миёна -Нимпухта | Декабр ва Январ | 2,500 кг/ҳафта | 1,20 доллари ИМА | Накдӣ | Як ҳафта баъд аз таҳвил | Вуҷуд надорад | Хоҳиш нест |
| | | | | | | | | | |

## 3. Қадами 3 - Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд

Пас аз амалӣ намудани имкониятҳои тиҷоратӣ дар Қадами 2, деҳқонон ба қадами навбатӣ, Қадами 3 мегузаранд, ки дар он ҷо онҳо оид ба тиҷорати растанипарварӣ қарорҳои муҳим қабул мекунанд. Қарорҳои онҳо аз нақшаи онҳо оид ба кадом вақт, дар кадом миқдор ва сифат парвариш намудани кадом навъи зироат ва ғайра иборат аст. Қарорҳо ба розигии аъзоёни гурӯҳ асос ёфта, амалҳои гуногуни дастаҷамъона барои мусоидат намудан ба истеҳсолоти самаранок ва маркетинг аз ҷониби аъзоёни гурӯҳи деҳқонон баррасӣ ва мувофиқа карда мешаванд. Нақши татбиққунандагони SHEP на аз он иборат аст, ки барои деҳқонон қарор қабул кунанд, балки ба деҳқонон дар қабули қарорҳои дуруст тавассути пешниҳоди мувофиқ роҳнамоӣ ва додани донишҳои коршиносӣ оид ба кишоварзӣ кӯмак расонанд.

### 3.1. Интихоби зироати зерҳадаф

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | -Семинарҳои шиносоӣ |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)<br>- Тадқиқоти бозор |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - **Интихоби зироати зерҳадаф** (Мо дар ин љо)<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

**БАРОИ ЧӢ** - **Ҳадафҳо**

Интихоби зироати зерҳадаф бо он мақсад гузаронида мешавад, то ки гурӯҳҳои деҳқонон тавонанд ба таври коллективӣ навъи махсуси зироатҳоро муайян намоянд, ки талабот дар бозор ба онҳо зиёд аст. Деҳқонон ба мувофиқа мерасанд, ки зироатҳои интихобкардаро истеҳсол намуда, ба фурӯш бароранд.

**ЧӢ** - **Шарҳ**

Гурӯҳҳои деҳқонон зироатҳои кишоварзиро дар асоси хулосаҳои ҳангоми тадқиқоти бозор бадастовардаи худ интихоб менамоянд. Гурӯҳҳо зироатҳои писандидаи худро мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода, ҷиҳати парвариши он ҳамчун гурӯҳ ба мувофиқа мерасанд. Машваратчӣ ҳамчун коршиноси истеҳсоли зироатҳо ба гурӯҳи деҳқонон оид ба раванди интихоби зироатҳо маслиҳати зарурӣ медиҳад.

## Чӣ тавр? - Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ

- Гурӯҳи деҳқонон имкониятҳои оянда фаъолияти кишоварзии худро муҳокима намуда, **оид ба интихоби зироатҳои зерҳадафи худ дар асоси машғулиятҳои қаблии равиши SHEP, махсусан тадқиқоти бозор, қарор қабул мекунанд.**

Баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандӣ



Мо дар рафти тадқиқоти бозор маълумоти муфид гирифтем. Мо хурсандем, ки акнун метавонем кадом зироатро, ки барои парвариши мо беҳтар аст, интихоб намоем.

Дастгирии мустақилият

- Машваратчӣ **маслиҳат ва пешниҳодҳои судманд медиҳад, махсусан дар самти устувории агро-экологии зироатҳои мушаххас**, то ки деҳқонон тавонанд қарори дуруст қабул кунанд.



Мо метавонем зироатҳои мувофиқтаринро интихоб кунем, зеро машваратчиён ба мо маълумоти илмӣ доданд, ки мо чунин маълумот надоштем. Мо аз гирифтани чунин маслиҳат хеле хурсандем.

Дастгирии салоҳият ва муносибат

## ҚАДАМ - Тартиботи татбиқ (вақти лозимӣ 2-3 соат)

1. Ҷаласа ташкил намоед ва агар шароит мувофиқ бошад, аъзоёнро бо ҳамсаронашон даъват намоед. Маслиҳат! *Даъвати ҳамсарони аъзоён ба қабули қарорҳои муассир мусоидат мекунад, зеро ҳамсарон дар истеҳсоли сабзавот саҳми қавӣ доранд.*
2. Аз гурӯҳи деҳқонон хоҳиш кунед, ки натиҷаҳои тадқиқоти бозорро муҳокима кунанд ва маълумотро оид ба баъзе аз зироатҳои дар оянда парваришшаванда дар Варақаи интихоби зироатҳои зерҳадаф пур кунанд.
   Маслиҳат! *Барои пур кардани варақа, ба деҳқонон лозим меояд, ки ба натиҷаҳои тадқиқоти бозор ва тадқиқоти базавӣ такя кунанд. Он ҳуҷҷатҳоро ҳангоми интихоби зироати зерҳадаф ба деҳқонон диҳед.*
3. Гурӯҳи деҳқонон афзалиятҳо ва нуқсонҳои интихоби зироатҳои номбаршударо ҳамчун зироати мақсаднок баррасӣ мекунанд. Зироатҳои ҳамчун зерҳадаф интихобшаванда бояд парвариши осон, ба шароити парвариши маҳаллӣ мувофиқ, арзон ва дорои талаботи техникии мувофиқ бошанд.
   Маслиҳат! *Машваратчиён бояд оид ба мутобиқати истеҳсолот ва масъалаҳои техникӣ маслиҳат диҳанд, то деҳқонон зироатҳоро танҳо аз рӯи даромаднокӣ интихоб накунанд.*
4. Ҳар як аъзои гурӯҳ барои зироатҳои дилхоҳи худ овоз медиҳад (овоздиҳии пинҳонӣ) – дар варақаи овоздиҳӣ номи зироатҳои 1-ум ва 2-юми афзалиятноки худро менависанд. Аксарият, ба мақсад мувофиқ аст, ки зиёда аз 70% аъзоёни гурӯҳ дар ин раванд иштирок кунанд, то аъзоёни гурӯҳ дар байни худ созиш ҳосил кунанд. Сипас барои зироати дуюм, раванди дар боло зикршударо такрор кунед. Зироатҳоро мувофиқи шумораи овозҳо гурӯҳбандӣ кунед ва ду ё се зироатро интихоб кунед.
   Маслиҳат! *Машваратчиён бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки аъзоёни бонуфӯзи гурӯҳ, ба монанди роҳбарони гурӯҳ, аъзоёни солхӯрда ё аъзоёни соҳибмаълумот дар қабули қарори гурӯҳ таъсир нарасонанд.*




Расм: Тренинги деҳқонон дар ҷамоати Ҷиликули ноҳияи Дӯстӣ, Точикистон

**ШАКЛ (ФОРМАТ) - Варақаи интихоби зироати зерҳадаф**

Варақаи интихоби зироатҳои зерҳадаф дар зер оварда шудааст. Шумораи қаторҳо/навъҳое, ки бояд таҳлил карда шаванд, аз натиҷаҳои тадқиқоти бозор вобаста аст. Бо вуҷуди ин, аз маҳдудиятҳои вақт огоҳ бошед. Таҳлили ҳамаи зироатҳое, ки деҳқонон дар ҷараёни тадқиқоти бозор таҳқиқ кардаанд, шояд вақти зиёдро талаб кунад. Дар ин ҳолат, барои таҳлили муфассал аз ҳама зироати умедбахшро интихоб намоед.

| Навъи зироат | Дар маҳал истеъмол мешавад ё не | Таҷрибаи парвариши ин навъи зироат | Моҳи кишт ва давраи пухта расидан | Мушкилотҳои асосии парвариш | Ҳосили миёнаи фурӯхта-шаванда дар як гектар | Нархи миёнаи воҳид (доллари ИМА/кг) | Даромади умумӣ дар як гектар | Хароҷоти парвариш/ истеҳсол | Даромади софи тахминӣ дар як гектар | Бозори асоси барои фурӯш | Талаботи бозор (сифат ва миқдор) | Эзоҳ | Рейтинг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |

## ИННОВАТСИЯ - Мутобиқгардонӣ дар кишварҳо/минтақаҳои гуногун

Дар зер мисолҳо оид ба роҳҳои инноватсионии мутобиқгардонии интихоби зироатҳои зерҳадаф, ки дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногун истифода гардидаанд, оварда шудаанд.

### Чорчӯбаи 15 Интихоби зироатҳои зерҳадаф барои ду мавсими гуногун

**Интихоби зироатҳои зерҳадаф барои ду мавсими гуногун ( Руанда)**

<Чаро?> Руанда ду мавсими асосӣ барои истеҳсоли сабзавот дорад ва зироатҳои дар ҳар мавсим парваришшуда хеле фарқ мекунанд.

<Чӣ хел?> Тадбиккунандагон аз гурӯҳҳои деҳқонон хоҳиш карданд, ки барои ҳар мавсим зироати зерҳадафро интихоб кунанд.

<Натиҷа?> Деҳқонон тавонистанд зироатҳои беҳтаринро барои ҳар як мавсим интихоб намоянд. Онҳо акнун метавонанд назар ба пештара беҳтар ба нақша гиранд.



Расм: Руанда

### Чорчӯбаи 16 Банақшагирии буҷети парвариши зироат

**Банақшагирии буҷети парвариши зироат (Фаластин)**

<Чаро?> Барои интихоби мувофиқи зироатҳои зерҳадаф, деҳқонон мехостанд даромаднокии баъзе зироатҳои асосиро ба таври муфассал таҳқиқ кунанд.

<Чӣ тавр?> Гурӯҳҳои деҳқонон, ки аз ҷониби машваратчиён дастгирӣ мешуданд, ҳисобу китоби даромад ва арзиши баъзе зироатҳои асосиро дар асоси малакаҳои адабӣ ва ҳисобдории деҳқонон анҷом доданд ва «банақшагирии буҷети зироат»-ро, ки таҳлили даромаднокии зироати мушаххас ба ҳисоб мерафт, гузарониданд.



Расм: Фаластин

<Натиҷа?> Деҳқонон оид ба дуруст интихоб намудани зироати зерҳадаф боварӣ зиёд пайдо карданд. Машғулият оид ба ҳисобкунӣ, инчунин малакаҳои идоракунии тиҷорати деҳқононро такмил дод.

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ (ЧЕКЛИСТ)- Масъалаҳое, ки пас аз гузаронидани ин машғулият бояд тасдиқ карда шаванд**

- ☐ Деҳқонони зерҳадаф усулҳои интихоби зироати мақсаднокро мефаҳманд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф акнун дарк менамоянд, ки на танҳо даромаднокӣ, балки шароити агро-экологӣ, инчунин малакаҳои техникӣ ва иқтидори молиявии онҳо ҳангоми интихоби зироатҳо барои парвариш бояд ба назар гирифта шаванд.
- ☐ Гурӯҳҳои деҳқонони зерҳадаф ба мувофиқа расиданд, ки дар оянда итихоби зироатҳои зерҳадафро худ ба таври мунтазам ба роҳ мемонанд.
- ☐ Таносуби иштироки мардону занон таъмин карда мешавад.
- ☐ Таносуби сифати иштироки мардону занон дар қабули қарорҳо таъмин карда мешавад.
- ☐ (Интихобӣ) Дар қабули қарорҳо ҳамсарони аъзоён иштирок мекунанд.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО - Роҳҳои ҳал барои масъалаҳои зуд-зуд бамиёноянда**

**С: Шумораи баробари овозҳо** - Чӣ бояд кард, агар якчанд зироатҳо ҳамчун зироатҳои зерҳадаф шумораи баробари овозҳоро гиранд?

**Ҷ:** Деҳқононро хоҳиш кунед, ки такроран овоз диҳанд. Ин маротиба онҳо танҳо ба зироатҳое овоз медиҳанд, ки шумораи баробари овозҳоро гирифта буданд.

**С: Ташвишҳо оид ба зиёд шудани таъминот** – Ин масъала маро нигарон мекунад, ки интихоби ду ё се зироати зерҳадаф ба зиёд шудани таъминот маҳсулоти мазкур дар бозори маҳаллӣ бурда мерасонад, ки дар натиҷа нархи ин маҳсулот паст мегардад.

**Ҷ:** Дар рафти тадқиқоти бозор, деҳқонон дар баробари маълумотҳои дигар, ичунин маълумотҳоро оид ба миқдори зироатҳое, ки бозори зерҳадаф аз худ карда метавонад, ҷамъ мекунанд. Бинобар ин, деҳқонон бояд муайян кунанд, ки барои кадом бозор чӣ қадар маҳсулот ва дар кадом вақт лозим аст. Интихоби якчанд зироати зерҳадаф бозори маҳаллиро пур намекунад, то он даме ки деҳқонон медонанд, ки кай ва чӣ миқдор маҳсулот бояд ба бозор пешниҳод кунанд.

**С: Зироатҳои интихобнагардида** – Деҳқонон аз ман пурсиданд, ки оё онҳо метавонанд зироатҳоеро парвариш намоянд, ки онҳо ҳамчун зироатҳои зерҳадаф аз ҷониби гурӯҳ интихоб нагардиданд. Ман бояд чӣ ҷавоб диҳам?

**Ҷ:** Интихоби зироатҳои зерҳадаф маънои онро дорад, ки деҳқонон метавонанд дар омӯзишҳои интенсивии истеҳсолӣ оид ба он зироатҳо, ки аз ҷониби машваратчиён гузаронида мешаванд, иштирок намоянд. Гурӯҳҳои деҳқонон инчунин метавонанд масъалаи гузаронидани маркетинги коллективиро барои он зироатҳои интихобшуда ба нақша гиранд. Аз дигар тараф, деҳқонон озоданд ҳар гуна зироати дигарро мувофиқи хоҳишашон руёнанд. Масъала дар он аст, ки онҳо наметавонанд омӯзиши мушаххаси зироат ва имкониятҳои банақшагирии гурӯҳиро барои парвариши чунин зироатҳо гиранд.

**Варақаи интихоби зироати зерҳадаф**

Сана: ________________________

Номи ноҳия: __________________________ Номи ҷамоат:________________________

Номи гурӯҳи деҳқонон: ________________________________

| Навъи зироат | Дар маҳал истеъмол мешавад ё не | Таҷрибаи парвариши ин навъи зироат | Моҳи кишт ва давраи пухта расидан | Мушкилотҳои асосии парвариш | Ҳосили миёнаи фурӯхта-шаванда дар як гектар | Нархи миёнаи воҳид (доллари ИМА/кг) | Даромади умумӣ дар як гектар | Хароҷоти парвариш/ истеҳсол | Даромади софи тахминӣ дар як гектар | Бозори асоси барои фурӯш | Талаботи бозор (сифат ва миқдор) | Эзоҳ | Рейтинг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |

**Намуна Варақаи интихоби зироати зерҳадаф**

Сана: ________________________

Номи ноҳия: ___________________________ Номи ҷамоат:__________________________

Номи гурӯҳи деҳқонон: _________________________________

| Навъи зироат | Дар маҳал истеъмол мешавад ё не | Таҷрибаи парвариши ин навъи зироат | Моҳи кишт ва муҳлати пухта расидан | Мушкилотҳои асосии парвариш | Ҳосили миёнаи фурӯхта-шаванда дар як гектар | Нархи миёнаи воҳид (доллари ИМА/кг) | Даромади умумӣ дар як гектар | Хароҷоти парвариш/ истеҳсол | Даромади софи тахминӣ дар як гектар | Бозори асоси барои фурӯш | Талаботи бозор (сифат ва миқдор) | Эзоҳ | Рейтинг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сабзӣ / Нант | Ҳа | Ҳа | Май ва Июл<br>3 моҳ | Ҳашароти зараррасони сабзӣ (Rust Fly) (Ҳашароти зараррасон, ки ба реша таъсир мерасонад) | 10,000 | 0.20 | 2,000 | 825 | 1,175 | Бозори X<br>Бозори Y | Бозори X: 300кг рӯзи панҷшанбе<br>Бозори Y: 200кг рӯзи душанбе | Андозаи хурдро дар деҳа фурӯхтан мумкин, ба касалӣ тобовар | 3 |
| Исфаноҷ | Ҳа | Ҳа | Март/<br>3 моҳ | Нархи гарони тухмӣ | 22,500 | 0.15 | 3,375 | 1,000 | 2,375 | Бозори X<br>Бозори Y | Бозори Y: 500 кг рӯзи душанбе<br>Чаканафурӯш Z: 100 кг рӯзи чоршанбе | Чаканафурӯш Z ба хоҷагӣ меояд | 1 |
| Пиёзи баҳорӣ | Ҳа | Ҳа | Феврал/Июн/<br>1 моҳ | Вуҷуд надорад | 5,000 | 0.10 | 500 | 75 | 425 | Бозори X<br>Бозори Y | Бозори X: 600 кг рӯзи сешанбе<br>Бозори Y: 100 кг рӯзи душанбе | Парвариши осон | |
| Карам | Ҳа | Ҳа | Март/<br>3 моҳ | Пӯси сиёҳ (доғи барг) | 20,000 | 0.15 | 3,000 | 1,000 | 2,000 | Бозори X<br>Бозори Y | Бозори X: 600 кг рӯзи сешанбе<br>Бозори Y: 200 кг рӯзи душанбе | дар деҳа фурӯхтан мумкин | 2 |
| | | | | | | | | | | | | | |

## 3.2. Таҳияи тақвими кишти зироат

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | - Семинарҳои шиносоӣ |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдори бозор (интихобӣ)<br>- Тадқиқоти бозор |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- **Таҳияи тақвими кишти зироат** ← Мо дар ин ҷо |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

**БАРОИ ЧӢ** - **Ҳадафҳо**

Таҳияи тақвими кишти зироатҳо ба гурӯҳи деҳқонон имкон медиҳад, ки корҳои ояндаро ҳамчун гурӯҳ аз ҷиҳати истеҳсол ва фурӯши зироатҳои зерҳадаф, ки дар машғулияти қаблӣ интихоб шудаанд, ба нақша гиранд.

**ЧӢ** - **Шарҳ**

Гурӯҳҳои деҳқонон нақшаи солонаи истеҳсол ва инчунин чорабиниҳои маркетингиро дар гурӯҳ бо назардошти зироатҳои зерҳадафи қаблан интихобкардаи онҳо тартиб медиҳанд. Нақша мазкур чорабиниҳои дастаҷамъонаро оид ба истеҳсол ва фурӯши зироатҳо ва инчунин дигар чорабиниҳои гурӯҳӣ, ки ба тиҷорати кишоварзии гурӯҳҳо мусоидат мекунанд, дар бар мегирад.

**Чӣ тавр?** - **Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ**

- Гурӯҳҳои деҳқонон роҳи беҳтарини амалисозии тиҷорати устувори кишоварзиро тавассути таҳияи нақшаи мушаххаси солонаи истеҳсол ва фурӯш барои парвариши зироатҳои зерҳадаф муҳокима ва муайян мекунанд. Нақша инчунин дигар чорабиниҳоро дар бар мегирад, ки бояд ҳамчун гурӯҳ амалӣ карда шаванд, ки ба гирифтани даромади бештар аз растанипарварӣ мусоидат мекунанд (Расми 7).
- Машваратчиён бояд боварӣ дошта бошанд, ки бо назардошти иқтидори кунунии гурӯҳи деҳқонон нақша воқеӣ ва татбиқшаванда аст.

Баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандӣ



Ҳоло мо боварӣ дорем, ки аз ӯҳдаи парвариши зироатҳои зерҳадафро бо муваффақият мебароем. Мо метавонем фаъолиятҳои гуногуни истеҳсолӣ ва маркетингиро ҳамчун гурӯҳ ба нақша гирем

Дастгирии мухтория



Машваратчӣ ба мо маслиҳатҳои зарурӣ медиҳанд, то ки мо тавонем як нақшаи ҳақиқӣ тартиб диҳем. Мо ба ӯ боварӣ дорем, зеро маслиҳатҳои ӯ фарогири масъала мебошанд ва мо метавонем як нақшаи хубро тартиб диҳем

Дастгирии салоҳият ва муносибат

**Тақвими кишти зироат ин меҳвари кори гурӯҳӣ мебошад**




Расми 7 Нуктаҳое, ки бояд дар тақвими кишти зироат ба назар гирифта шаванд.

**ҚАДАМ - Тартиботи татбиқ (вақти лозимӣ 2-3 соат)**

1. Мувофиқи формати тақвими зироат, гурӯҳҳои деҳқонӣ дар навбати аввал бояд қарор қабул кунанд, ки онҳо оид ба зироатҳои зерҳадаф чӣ тағйирот ворид кардан мехоҳанд. Тағйирот, ҳам дар истеҳсол ва ҳам дар маркетинг, тағйир додан ва ё хушсифат намудани зироатҳо/навъҳо, сифат, миқдор, вақти ҷамъоварии ҳосил, харидорон ва ғайраро, аз қабили бастабандӣ, дар бар мегирад.

2. Пас аз қабули қарор оид ба ворид намудани тағйирот, гурӯҳҳои деҳқонон нақшаи солонаи худро, ки дар он чорабиниҳои ҳармоҳа дар робита ба (1) истеҳсол, (2) маркетинг ва идоракунии тиҷорат ва (3) дигар машғуляитҳои гурӯҳӣ оид ба зироатҳои зерҳадаф муайян карда мешаванд, тартиб медиҳанд.
   *Маслиҳат!* *Машваратчиён ба гурӯҳи деҳқонон кӯмак мекунад, ки онҳо донишҳои дар доираи машғулиятҳои қаблии равиши SHEP азхуднамударо, аз қабили иттилооти бозор, малакаи пешбурди сабтҳо ва ғайраро ба хотир оранд, то ки онҳо тавонанд ин донишҳоро дар банақшагирии чорабиниҳои мушаххас истифода намоянд.*

Агар мо хоҳем навъи помидорҳоро тағйир диҳем, мо бояд хариди гурӯҳиро оғоз намоем, зеро чунин кор метавонад хароҷоти хариди тухмӣ ва нуриҳои минералиро кам кунад.



Дуруст аст. Мо бояд сарфа кардани маблағҳоро ҳамчун дар якҷоягӣ гурӯҳ барои харидории маводҳоикишоварзӣ оғоз намоем.

Инчунин, ҳамчун гурӯҳ мо метавонем ҳангоми ҷамъоварии ҳосил масъалаи ташкили нақлиётро ҳалл кунем.

Расм: Хоҷагии деҳқонӣ дар шаҳри Ҳисор, Тоҷикистон

**Коҳиш додани ассиметрияи иттилоот**



Деҳқон

Мо метавонем миёни аъзоён вақтҳои гуногуни парвариши зироатҳоро муайян кунем. Дар ин сурат мо метавонем ҳамчун гурӯҳ бозорро пайваста бо пиёз таъмин намоем.

↔

Хеле хуб мешавад, агар деҳқонони маҳаллӣ тавонанд дар давоми сол бозорро бо пиёз таъмин намоянд.

Пеш мо танҳо навъҳои анъанавиро парвариш мекардем. Аммо ҳоло бошад ҳамчун гурӯҳ мо метавонем навъҳои навро барои мавсими оянда дар участкаҳои хурд парвариш намоем. Дар натиҷаи муваффақ гардидан, мо метавонем майдони киштро васеъ намоем ва бозорро бо маҳсулоти бештар таъмин кунем.

↔

Ин навъи назар ба навъи анъанавӣ (маҳаллӣ) бештар харидорӣ мегардад. Аммо на ҳамаи деҳқонон онро парвариш менамоянд. Мо ба таъминоти бештар ниёз дорем.




Манфиатдори бозор

## ШАКЛ (ФОРМАТ) - Тақвими кишти зироат

Дар зер шакл (формати) тақвими кишти зироат оварда шудааст. Пеш аз ҳама, гурӯҳҳо бояд ба хулоса оянд, ки онҳо чиро мехоҳанд тағйир ё такмил диҳанд ва дар чоркунҷаҳои мувофиқе, ки дар болои ҷадвал нишон дода шудаанд, интихоб намоянд. Сипас, онҳо чорабиниҳои мушаххасро вобаста ба моҳ ҷиҳати истеҳсол ва маркетинги зироатҳои зерҳадаф тартиб медиҳанд. Инчунин, онҳо метавонанд дигар машғулиятҳои мувофиқро, ки ба истеҳсол ва фурӯши зироатҳо мусоидат менамоянд, муайян кунанд. Агар гурӯҳ бо зиёда аз се зироати зерҳадаф кор кунад, дар тақвим як сатри дигар илова кунед, то ки зироатҳои бештарро ба он ворид намоед.

Мо беҳтар намуда истодаем ва/ё тағйир дода истодаем ☐зироат/навъ, ☐сифат, ☐миқдор, ☐вақти ҳосилғундорӣ, ☐ харидорон, ☐ дигар (муайян кунед: )

| Моҳ | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсол | Зироати 1-ум ( ) | | | | | | | | | | | |
| | Зироати 2-юм ( ) | | | | | | | | | | | |
| | Зироати 3-юм ( ) | | | | | | | | | | | |
| Идораи бозор ва тиҷорат | | | | | | | | | | | | |
| Машғулиятҳои гурӯҳӣ/дигар | | | | | | | | | | | | |

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ (ЧЕКЛИСТ)- Масъалаҳое, ки пас аз гузаронидани ин машғулият бояд тасдиқ карда шаванд**

- ☐ Деҳқонони зерҳадаф усулҳои интихоби тартиб додани тақвими кишти зироатро мефаҳманд.
- ☐ Ҳар як аъзои гурӯҳ дарк менамояд, ки мувофиқи тақвими кишти зироат маъсули иҷрои кадом амалиёт ва нақш мебошанд.
- ☐ Гурӯҳҳои зерҳадаф ба мувофиқа расиданд, ки дар оянда ба таври мунтазам тақвими кишти зироатро худ тартиб медиҳанд.
- ☐ Таносуби иштироки мардону занон таъмин карда мешавад.
- ☐ Таносуби сифати иштироки мардону занон дар қабули қарорҳо таъмин карда мешавад.
- ☐ (Интихобӣ) Дар қабули қарорҳо ҳамсарони аъзоён иштирок мекунанд.

**ИННОВАТСИЯ - Мутобиқгардонӣ дар кишварҳо/минтақаҳои гуногун**

Дар зер мисолҳо оид ба роҳҳои инноватсионии мутобиқгардонии таҳияи тақвими кишти зироат оварда шудааст.

## Чорчӯбаи 17 Тахияи ҷадвал оид ба талаботи баландтарин

**Тахияи ҷадвал оид ба талаботи баландтарин (Танзания)**

<Чаро?> Барои фаҳмидани он, ки зироатҳо кай истеҳсол карда мешаванд, то дар бозор нархҳои баландтар ба даст оранд, деҳқонон тағйирёбии солонаи нархи зироатҳои асосиро таҳқиқ карданд.
<Чӣ тавр?> Гурӯҳҳои деҳқонон, ки аз тарафи машваратчиён дастгирӣ карда шуда буданд, тақвими оддиеро тартиб доданд, ки он нишон медод, ки кадом моҳ ба ҳосил нисбат ба дигар моҳҳо нархи баландтар дода мешавад. Ҳамин тавр, онҳо дар тақвим фаслҳои баландтарини талабот/нархҳои баландро қайд карданд.
<Натиҷаҳо?> Бо намоиш додани ин тақвим дар идораи деҳа, бисёре аз деҳқонон тавонистанд, ки дар асоси он зироатҳои эҳтимолиро барои фурӯш дар тӯли як сол, аз ҷумла навъҳои зироатҳои истеҳсолшаванда ва мӯҳлатҳои ҷамъоварии ҳосилро муайян кунанд.

| Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сабзӣ | Сабзӣ | | | | | | | | | |
| | Брокколи | Брокколи | | | | Брокколи | Брокколи | Брокколи | Брокколи | Брокколи | Брокколи |
| | Гулкарам | Гулкарам | | | | Гулкарам | Гулкарам | Гулкарам | Гулкарам | Гулкарам | Гулкарам |
| | Коху | Коху | Коху | | | Коху | Коху | Коху | Коху | Коху | Коху |
| | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) | | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) | Тсукинӣ (таррак) |
| Виазӣ (бех) | Виазӣ (бех) | Виазӣ (бех) | Виазӣ (бех) | Виазӣ (бех) | | | | | | | Виазӣ (бех) |
| | Помидор | Помидор | Помидор | Помидор | Помидор | | | | | | |
| Нахӯд | Нахӯд | Нахӯд | Нахӯд | Нахӯд | Нахӯд | | | | | | Нахӯд |
| Лаблабу | Лаблабу | Лаблабу | Лаблабу | Лаблабу | | | | | | | |
| | | | Каламфури сабз | Каламфури сабз | Каламфури сабз | | | | | | |
| | Лӯбиё | Лӯбиё | | | | | Лӯбиё | Лӯбиё | | | |
| Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ | Каламфури балгарӣ |
| Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина | Райҳон ва пудина |

Ҷадвал оид ба талаботи баландтарин, ки дар ноҳияи Лушотои Танзания таҳия карда гардидааст.

## Чорчӯбаи 18 Тақвимҳои кишти зироат барои хоҷагиҳои деҳқонии гурӯҳӣ ва инфиродӣ

**Таҳияи тақвимҳои кишти зироат барои хоҷагиҳои деҳқонии гурӯҳӣ ва инфиродӣ (Салвадор ва Непал)**

<Чаро?> Гурӯҳҳои деҳқонӣ дар Салвадор ва Непал ҳам хоҷагиҳои деҳқонии гурӯҳӣ ва ҳам хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ барои кишти сабзавот доранд. Деҳқонон мехостанд, ки барои ҳар ду намуди хоҷагӣ нақша тартиб диҳанд.



Расм: Непал

<Чӣ хел?> Деҳқонон ду намуди тақвими кишти зироатро таҳия намуданд: якто барои хоҷагиҳои деҳқонии гурӯҳӣ, дигараш бошад барои хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ.

<Натиҷаҳо?> Деҳқонон тавонистанд, ки бо истифода аз ду намуди тақвими парвариши зироат фаъолиятҳои кишоварзии худро ба нақша гирифта, самаранок амалӣ намоянд.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО - Роҳҳои ҳалл барои масъалаҳои зуд-зуд бамиёноянда**

**С: Дар як вақт кишт кардан лозим аст?** – Оё тартиб додани тақвими кишти зироатҳо маънои онро дорад, ки ҳамаи аъзоёни гурӯҳ бояд як зироатро дар як вақт кишт кунанд?

**Ҷ:** Зарур нест. Масалан, гурӯҳ метавонад миёни худ мувофиқа кунад, ки вақтҳои киштро дар байни аъзоён тақсим кунанд, то онҳо тавонанд муддати тӯлонӣ микдори доимии маҳсулотро ҷамъоварӣ кунанд. Чунин банақшагирӣ бояд аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ ҳангоми таҳияи тақвими кишти зироат анҷом дода шавад, то онҳо тавонанд эҳтиёҷоти бозори зерҳадафро хубтар қонеъ гардонанд.

**С: Вақти кишт алакай гузаштааст –** Вақте деҳқонон тақвими кишти зироатро таҳия менамуданд, алакай вақти кишти баъзе зироатҳо гузашта буд. Ман бояд ба деҳқонон чӣ тавсия диҳам?

**Ҷ:** Тартиб додани тақвими зироат пеш аз оғози мавсими кишт мувофиқи мақсад аст. Аммо бо сабабҳои гуногуни маъмурӣ ё техникӣ ин корро кардан ғайри имкон аст. Деҳқононро ташвиқ кунед, ки дар мавсими кишти оянда зироатро кишт ва истеҳсол кунанд, агар дар ин мавсими оянда имконпазир набошад. Боварӣ дошта бошед, ки Шумо ба деҳқонон усулҳои парвариш ё истеҳсоли ҳамаи зироатҳои интихобнамудаи онҳоро дар вақти зарурӣ меомӯзонед.

**Тақвими кишти зироат**

Сана: ________________________

Номи ноҳия: __________________________ Номи ҷамоат: _________________________

Номи гурӯҳи деҳқонон: ________________________________

Мо беҳтар намуда истодаем ва/ё тағйир дода истодаем ☐зироат/навъ, ☐сифат, ☐миқдор, ☐вақти ҳосилғундорӣ, ☐ харидорон, ☐ дигар (муайян кунед:_________________________________________________________________________________________)

| Моҳ | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсол | Зироати 1-ум ( ) | | | | | | | | | | | |
| | Зироати 2-юм ( ) | | | | | | | | | | | |
| | Зироати 3-юм ( ) | | | | | | | | | | | |
| Идораи бозор ва тиҷорат | | | | | | | | | | | | |
| Машғулиятҳои гурӯҳӣ/дигар | | | | | | | | | | | | |

**Намунаи Тақвими кишти зироат**

Сана: ___________________________

Номи ноҳия: _____________________________ Номи ҷамоат: ____________________________

Номи гурӯҳи деҳқонон: ____________________________________

Мо беҳтар намуда истодаем ва/ё тағйир дода истодаем ☐зироат/навъ, ☐сифат, ☐миқдор, ☐вақти ҳосилғундорӣ, ☐ харидорон, ☐ дигар (муайян кунед:_________________________________________________________________________________________________)

| Моҳ | | Июл | Август | Сенятбр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсол | Зироати 1-ум (Помидор) | | Омодасозии замин<br>Ниҳолхона | Кӯчат кардани ниҳолҳо | Нурипошии якум<br>Мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳо | Нурипошии дуюм<br>Мубориза бар зидди алафҳои бегона | Ҷамъоварии ҳосил/ тозакунӣ/ андозабандӣ (сортировка)/ бастабандӣ | | | | | | |
| | Зироати 2-юм (Карам) | | | | | | | | | | | | |
| | Зироати 3-юм (Лаблабу/ Картошка ) | | | | | | | | | | | | |
| Идораи бозор ва тиҷорат | | Тадкикоти бозори X ва бозори Y | Пешбурди қайдҳоро барои ин мавсим оғоз кунед | Пайваста бо харидорони эҳтимолӣ дар тамос бошед. | | | Ташкили ҳамлу нақли махсулот ва фурӯшӣ гурӯҳӣ | Таҳлил даромади бадастомада | | | | | |
| Машғулиятҳои гурӯҳӣ/дигар | | Табдил додани майдони кишти ҷуворимакка ба майдони сабзавот | Хариди гурӯҳии тухмӣ ва нуриҳо | Тоза намудани каналҳои обёрикунӣ | | | Ҷамъ намудани ҳаққи аъзогӣ дар гурӯҳ | | | | | | |

## 4. Қадами 4 - Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд

Қадами 4-ум ин қадами ниҳоии равиши SHEP мебошад, ки дар доираи он ба деҳқонон дониш ва малакаҳои зарурӣ оид ба парвариши зироатҳои дар бозор талаботдошта омӯзонида мешавад. То ин вақт, деҳқонон бояд хоҳиши зиёди аз худ намудани донишҳоро дошта бошанд, чунки онҳо аллакай бо имкониятҳои бозор роҷеъ ба зироатҳои зерҳадаф, ки онҳо интихоб кардаанд, шинос ҳастанд. Мундариҷаи омӯзишҳои техникӣ бояд хусусан фарогири эҳтиёҷоти деҳқонон бошад, то онҳо тавонанд ба осонӣ технологияро қабул намуда, онро дар таҷрибаи кишоварзии худ истифода намоянд. Ба ибораи дигар, ташкили омӯзиш дар асоси талабот, назар ба омӯзиш дар асоси пешниҳод, натиҷабахш буда, калиди муваффақиятҳо мебошад.

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | - Семинарҳои шиносоӣ |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)<br>- Тадқиқоти бозор |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | **- Омӯзишҳои саҳроӣ** Мо дар ин ҷо |
| Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ) | |

### 4.1. Омӯзишҳои саҳроӣ

**БАРОИ ЧӢ** **- Ҳадафҳо**

Омӯзишҳои саҳроӣ барои паҳн кардани малакаҳо ва донишҳои зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани раванди истеҳсоли амалии зироатҳои зерҳадаф, ки деҳқонон интихоб кардаанд, пешбинӣ шудааст. **Ин як омӯзиши ба талабот асосёфта мебошад.**

**ЧӢ** **- Шарҳ**

Машваратчиён омӯзишҳоеро ташкил менамоянд, ки ҳангоми иштирок дар ин омӯзишҳо деҳқонон малакаҳо, усулҳо ва донишҳоеро аз худ мекунанд, ки барои парвариш ва истеҳсоли зироатҳои зерҳадаф заруранд. Омӯзишҳо бояд амалӣ бошанд ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ё дар наздикии онҳо бо мақсади машғулиятҳои озмоишӣ ва амалӣ гузаронда шаванд.

**Чӣ тавр?** **- Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ**




- Омӯзишҳо бояд ба эҳтиёҷоти деҳқонон равона гарданд. Он ҷое, ки деҳқонон ба омӯзишҳои бештар ниёз доранд, вақти зиёд ҷудо намоед ва он ҷое, ки деҳқонон аллакай оид ба мавзӯъҳо маълумот доранд, вақти камтар ҷудо намоед.
- Омӯзиш бояд бо маводҳои осонфаҳм, аз қабили флипчарт, плакатҳо, буклетҳо ва дигар маводҳо гузаронида шавад.
- Агар омӯзиш воқеан бо истифода аз равиши ба талабот асосёфта гузаронида шавад, сатҳи азхудкунии усулҳои нав аз ҷониби деҳқонон дар муқоиса ба омӯзишҳои ба пешниҳод асосёта бояд ба таври назаррас баланд бошад (Расми 8).




Расми 8: Муқоисаи омӯзишҳои ба пешниҳод ва талабот асосёфта

**ҚАДАМ** **- Тартиби татбиқ (вақти лозимӣ 6-7 соат[3])**

1. (Омодагӣ) Машваратчиён бояд дониш ва малакаҳои барои омӯзиши деҳқонон зарурро дошта бошанд. Агар худи машваратчиён ба омӯзиш эҳтиёҷ дошта бошанд, татбиққунандагон бояд барои онҳо омӯзиши тренеронро (ТОТ) қабл аз баргузории омӯзшҳои деҳқонон, ташкил намоянд.
2. Машваратчиён вобаста ба ҳар як мавзӯъ омӯзишҳои иборат аз лексияҳо, машғулиятҳои

[3] Ин омӯзиши иборат аз 6-7 нест, ки дар як рӯз гузаронида шавад. Омӯзишҳои кӯтоҳ аз қабили омӯзишҳои яксоата, ки дар давоми якчанд рӯз гузаронида мешаванд ва дар умум омӯзишҳо 6-7 соатро ташкил мекунанд.

амалӣ ва озмоиширо бо истифода аз маводҳои самараноки таълим мегузаронанд.
*Маслиҳат!* *Ҳамсарони аъзоёнро ба омӯзиш даъват намоед, агар онҳо ба парвариш ва истеҳсоли зироатҳо машғул бошанд.*

3. Мавзӯъҳои омӯзиш бояд ба эҳтиёҷоти парвариши зироати зерҳадаф ва эҳтиёҷоти худи деҳқонон оид ба рушди иқтидори онҳо мувофиқат намоянд. Хулоса, мавзӯъҳои омӯзиш бояд аз рӯи се самт ба категорияҳо ҷудо карда шаванд: (1) усулҳои умумии парвариш ва истеҳсоли зироатҳо ва коркарди баъд аз ҳосилғундорӣ, (2) усулҳои мушаххаси парвариши зироат, ва (3) малакаҳои менеҷерӣ, аз ҷумлаи баҳисобгирӣ, банақшагирии буҷа оид ба парвариши зироат, ва пешбурди сабтҳои фаъолияти кишоварзӣ.

Ман оид ба аз худ ва татбиқ намудани усулҳои нав шавқи зиёд дорам, чунки ман медонам бозор дар он ҷо аст.



Гарчанде, ки ман камсавод бошам, ман омӯзишро ба осонӣ мефаҳмам, чунки он амалӣ буда, озмоишҳои зиёдеро дар бар мегирад.

Ман ҳамсарамро барои иштирок дар омӯзиш бо худ овардам, чунки дар парвариши сабзавотҳо мо ҳарду саҳмгузорем.

**Коҳиш додани ассиметрияи иттилоот**



Деҳқон

Мо мехостем, ки навъҳои нави помидорро истеҳсол кунем, лекин мо намедонистем чӣ тавр ин корро ба роҳ монем. Акнун ки мо чӣ тавр истеҳсол намудани онро омӯхтем, мо метавонем бо ин навъи маҳсулот бозорро таъмин намоем.

Талабот ба навъҳои нави помидор хеле зиёд аст, лекин ҳеҷ гоҳ ба таври кофӣ бозор бо ин масҳулот таъмин нагардидааст. Мо умедвор аз он ҳастем, ки мо дар оянда метавонем чунин навъҳоро аз деҳқонон харидорӣ намоем.

Мо оид ба мубориза самаранок бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиҳо ҳангоми истеҳсоли карам дониш ва малакаҳои навро омӯхтем. Дар натиҷа сифати карамҳои истеҳсолнамудаи мо беҳтар гардид.

Мо карамро аз деҳқонони маҳаллӣ харидорӣ менамоем, аммо баргҳои карамҳои онҳо ҳамеша пур аз нуқсон аст. Бинобар сифати паст, мо ба онҳо нархи баланд дода наметавонем.




Манфиатдори бозор

## МИСОЛ - Намунаи модули омӯзишӣ

Дар зер намунаи модули омӯзишии саҳроӣ барои гурӯҳи деҳқонон, ки ду зироати зерҳадафро интихоб намуданд, оварда шудааст.

| | |
|---|---|
| Сессияи 1 | **Истеҳсоли зироати зерҳадафи 1-ум**: усулҳои мушаххас оид ба зироати 1-ум |
| Сессияи 2 | **Истеҳсоли зироати зерҳадафи 2-юм**: усулҳои мушаххас оид ба зироати 2-юм |
| Сессияи 3 | **Омодагии пеш аз парвариш**: санҷиши хок, нурипошӣ ва таъмини маводҳои босифат барои кӯчати ниҳолҳо |
| Сессияи 4 | **Омодасозии замин**: машғулиятҳо оид ба омодасозии замин (соларизатсия - безараргардонии хок бо гармии тавлидшуда аз энергияи офтобӣ), истифодаи боқимондаи растаниҳо ва истифодаи заминавӣ |
| Сессияи 5 | **Кишти зироат**: парвариши ниҳолҳо, масофаи байни ниҳолҳо ҳангоми шинондан/кӯчат кардан, муаяйн намудани меъёри истифодаи нӯриҳои минералӣ |
| Сессияи 6 | **Идораи кишти зироат** (растанӣ): мубориза бар зидди алафҳои бегона, нурипошӣ, усулҳои мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон, истифодаи бехатар ва самараноки пеститсидҳо |
| Сессияи 7 | **Ҷамъоварии ҳосил ва корҳо пас аз он**: нишондиҳандаҳои ҳосил, зарфҳо (контейнерҳо)/маводҳои бастубанд ва методҳои илова намудани арзиш |
| Сессияи 8 | **Малакаҳои идоракунӣ**: баҳисобгирӣ, банақшагирии буҷаи зироат, пешбурди сабтҳои фаъолияти кишоварзӣ |

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ - Масъалаҳое, ки пас аз гузаронидани ин машғулият бояд тасдиқ карда шаванд**

- ☐ Деҳқонони зерҳадаф дониш ва малакаҳои техникии дар доираи тренингҳо омӯзондашударо мефаҳманд ва аз худ мекунанд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф ҳангоми татбиқи усулҳои дар доираи тренингҳо омӯзондашуда ба мушкилиҳои техникӣ, молиявӣ ё иҷтимоӣ дучор намешаванд. (Дар сурати ба мушкилӣ дучор шудан, проблемаҳоро муайян кунед, бо деҳқонон машварат намуда, ба онҳо маслиҳатҳои мувофиқ диҳед. Ғайр аз ин, ба татбиққунандагони SHEP хулосаҳои худро пешниҳод кунед, то ки онҳо тавонанд дар оянда маводҳо ва модулҳои омӯзишҳои худро такмил диҳанд.)
- ☐ Таносуби иштироки мардону занон таъмин карда мешавад.
- ☐ Иштироки ҳамсарони аъзоён ташвиқ карда мешавад.
- ☐ Аз истифодаи усулҳо ва маводҳои омӯзишии интенсивии гендерӣ ва қолабҳои гердерӣ худдорӣ намоед.
- ☐ Ҳангоми таҳияи усули омӯзиш имкониятҳои деҳқонони босавод ва камсавод ба таври зарурӣ ба назар гирифта шавад.
- ☐ Методҳои ё асбоб/таҷҳизоти сарфакунандаи қувваҳои меҳнатӣ, махсусан барои занҳо муаррифӣ карда мешаванд.

**ИННОВАТСИЯ** - **Мутобиқгардонӣ дар кишварҳо/минтақаҳои гуногун**

Дар зер мисолҳо оид ба роҳҳои инноватсионии мутобиқгардонии омӯзишҳои саҳроӣ оварда шудааст.

**Чорчӯбаи 19 Хизматрасонии машваратии аз деҳқон ба деҳқон оид ба усулҳои истеҳсол**

Омӯзишҳо бо истифода аз усули аз деҳқон ба деҳқон (Руанда, Эфиопия)

<Чаро?> Ҳукумати Руанда равиши Мактаби саҳроии деҳқониро барои паҳн кардани усули истеҳсолот миёни деҳқонон ҷорӣ намуд. Дар он ҷо масъалаи норасоии шумораи машваратчиён барои фарогирии тамоми деҳқонони зерҳадаф низ вуҷуд дошт.



<Чӣ хел?> Намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳар як гурӯҳ ҷамъ омада, малакаҳои навро меомӯзанд. Сипас онҳо ба ҷамоати худ баргашта, донишҳои азхуднамудаи худро ба дигар деҳқонон дар қитъаҳои озмоишӣ омӯзонданд.

Расм: Кения

<Натиҷа?> Ба мушкилоти норасоии машваратчиён нигоҳ накарда, деҳқонони зерҳадаф тавонистанд усулҳои парвариш ва истеҳсоли зироатҳоро аз намояндагони худ омӯзанд.

**Чорчӯбаи 20 Ташкили қитъаҳои озмоишӣ/хоҷагиҳои омӯзишӣ**

Ташкили қитъаҳои озмоишӣ/хоҷагиҳои омӯзишӣ (Непал, Руанда, Эфиопия, Африқои Ҷанубӣ, Зимбабве)

<Чаро?> Таҷрибаи ҳукуматҳо пешниҳод менамояд, ки деҳқонон дар он сурат технологияҳои навро аз худ карданд, ки онҳои истофодаи технологияҳои мазкурро диданд ва онҳоро бори аввал дар қитъаҳои озмоишӣ истифода намуданд.



<Чӣ хел?> Татбиқкунандагон дар ҷамоати гурӯҳи деҳқонони зерҳадаф қитъаи озмоиши таъсис дода, ба онҳо усулҳои навро омӯзонданд. Ҳангоми машғулиятҳои озмоиши деҳқонон корҳоро оид ба омодасозии замин барои кишт то ҷамъоварии ҳосил анҷом доданд. Дар бархе аз кишварҳо, ҳукумат аз ташкилотҳои бахши хусуси даъват намуд, то ки онҳо қитъаҳои озмоиширо таъсис диҳанд.

Расм: Кения

<Натиҷа?> Баъд аз шинос шудан бо натиҷаи истифодаи қитъаҳои озмоишӣ/хоҷагиҳои омӯзишӣ, деҳқонон ба қабул ва истифода намудани усулҳои нав, ки онҳо ҳангоми иштирок дар омӯзиш аз худ намуданд, шурӯъ карданд.

## Чорчӯбаи 21 Ҳамкорӣ бо кормандони бахши хусусӣ оид ба хизматрасониҳои машваратӣ

**Ҳамкорӣ бо кормандони бахши хусусӣ оид ба хизматрасониҳои машваратӣ (Лесотто, Африқои Ҷанубӣ, Зимбабве)**



Расм: Кения

<Чаро?> Хизматрасониҳои машваратии бахши хусусӣ, аз қабили хизматрасониҳои аз ҷониби ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ассотсиатсияҳои маҳсулотҳо, ширкатҳои таъминкунандаи тухмӣ, содироткунандагон ва ғ. дар баъзе кишварҳо мавҷуданд. Онҳо ба деҳқонон дар самти истеҳсоли растаниҳо хизматрасониҳои машваратӣ пешниҳод мекунанд.

<Чӣ хел?> Татбиққкунандагон ташкилотҳои бахши хусусиро бо мақсади ташкили сессияҳои омӯзишӣ барои деҳқонон ҳамчун як қисмати омӯзишҳои саҳроӣ даъват мекунанд.

<Натиҷа?> Ҳукумат барои ташкил ва баргузор намудани омӯзишҳо захираҳои мавҷудбудаи маҳаллиро сафарбар намуд ва баъзе сессияҳои омӯзишҳо бо суръати баланд татбиқ карда шуданд.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО - Роҳҳои ҳалл барои масъалаҳои зуд-зуд бамиёноянда**

**С: Деҳқонон дар фаҳмидан душворӣ мекашанд** – Бархе аз деҳқонон дар фаҳмидани усулҳои истеҳсол, ки барои онҳо нав аст, ба мушкилӣ дучор мешаванд. Чӣ тавр ман метавонам ба онҳо кӯмак намоям?

**Ҷ:** Кӯшиш намоед, то ки омӯзишро то ҳадди имкон ба таври амалӣ гузаронед. Масалан, аз забоне, ки барои онҳо фаҳмо аст, истифода баред, маводҳои ба онҳо мувофиқро интихоб кунед, назар ба машғулиятҳои назариявӣ, вақти зиёдро дар истифодаи усулҳои иҷрои корҳои амалӣ ва озмоишӣ сарф кунед. Чунин усулҳои таълимро таҳлил кунед ва аз ҳама муҳимаш аз деҳқонон пурсед, ки чӣ тавр гузаронидани омӯзишҳо барои онҳо писанд аст.

**С: Деҳқонон машғул буда, барои иштирок дар омӯзишҳо вақт надоранд** – Гарчанде деҳқонон хоҳиш баланди иштирок кардан дар омӯзишҳоро нишон доданд, ҳоло онҳо бо корҳои кишоварзӣ хеле машғуланд ва барои иштирок дар сессияҳои омӯзишӣ вақт надоранд. Фоизи иштирок на он қадар баланд аст.

**Ҷ:** Тавсия дода мешавад, ки омӯзишҳо оид ба усулҳои истеҳсол ё парвариш бояд қабл аз он, ки деҳқонон ба парвариш намудани сабзавотҳои зерҳадаф шурӯъ мекунанд, гузаронида шаванд, то ки онҳо бо хоҳиши зиёд дар омӯзишҳо иштирок намуда, дарҳол усулҳои азхуднамударо дар хоҷагиҳои деҳқонии худ татбиқ намоянд. Агар ташкили чунин омӯзишҳо имконнопазир бошад, кӯшиш намоед, ки омӯзишҳоро вақте гузаронед, то шумораи зиёди деҳқонон иштирок карда тавонанд.

## Сутуни 5 Маводҳои таълимии гуногун барои азхудкунии усулҳои истеҳсолӣ

Маводҳои таълимӣ барои истеҳсоли зироатҳои растанипарварӣ дар бештар кишварҳои мухталифи татбиққунандаи равиши SHEP таҳия гардиданд. Маводҳо ба тавре таҳия карда шуданд, ки ҷовобгӯи эҳтиёҷоти деҳқонони ҳар як кишвар мебошанд. Дар зер намунаҳо оварда шудаанд.

**1.Камишибай (карточкаҳои дар расми А4 ламинатсиякардашуда) дар Кения**

Камишибай калимаи ҷопонӣ буда, маънои лавҳаҳои (панелҳо) саргузашт бо расмҳоро ифода мекунад, ки ба монанди флипчартҳо мебошанд. Кения як намуди маводи камишибайро бо рангҳои пурра ва ламинатсиякардашуда таҳия намуд, ки барои истифодабарӣ дар ҳама обу ҳаво мувофиқ мебошад. Саҳифаи аввал барои деҳқонон буда, расмҳои зиёде дорад. Дар саҳифаи қафо тавсифи расмҳо мавҷуд аст, то ки машваратчиён тавонанд онҳоро бо овози баланд барои деҳқонон хонанд.

**3.10.4 Касалҳои асосӣ ва иллатҳои физиологӣ**



**Саҳифаи аввал**

**3.10.4 Касалҳои асосӣ ва иллатҳои физиологӣ**




**Саҳифаи баръакс**

Расми 9: Камишибайи дар Кения таҳиягардида

**2. Буклетҳо ва варақаҳо дар Непал, Фаластин, Руанда ва Эфиопия**

Кишварҳо, аз ҷумлаи Непал, Фаластин, Руанда ва Эфиопия буклетҳо ё варақаҳоро оид ба истеҳсоли зироат таҳия намуданд. Татбиққунандагони равиши SHEP дар ин кишварҳо маводҳоро миёни деҳқонони зерҳадаф паҳн менамоянд, то ки деҳқонон ин маводҳоро ба хона бурда, дар он ҷо баъд аз омӯзиш аз назар гузаронанд. Деҳқонони камсавод, ки ин маводҳоро дастрас намуданд, дар хона аз аъзоёни босаводи оила хоҳиш мекунанд, ки ҳангоми зарурат барои онҳо хонда диҳанд.



Варақаҳо дар Руанда



Варақаҳо дар Непал



Варақаҳо дар Эфиопия

Расми 10: Варакаҳои таҳиягардида дар Руанда, Непал ва Эфиопия

**3. Плакатҳо дар Фаластин**

Татбиқкунандагони равиши SHEP дар Фаластин плакатҳо ва варақаҳои иттилоотиро таҳия намуданд. Плакатҳо ҳангоми омӯзиш истифода мешаванд ва инчунин дар идораҳои давлатӣ намоиш дода мешаванд, ки деҳқонон ҳангоми боздид аз ин утоқҳои корӣ плакатҳороо ба осонӣ дида метавонанд.




Расми 11: Лавҳа дар Фаластин

**4. Мавҷудияти маводҳои электронӣ ва махзани онлайнии маълумотҳо дар Африқои Ҷанубӣ**

Африқои Ҷанубӣ маводҳои электронӣ ва махзани онлайнии маълумотҳоро оид ба истеҳсоли зироатҳо бо номи "Барномаи машваратии онлайнӣ" хеле хуб таъсис додааст. Истифодабарандагони ин низом, аз ҷумла татбиқкунандагон ва машваратчиёни маҳаллӣ, метавонанд аз платформаи онлайнӣ маводҳои гуногуни таълимиро боргирӣ намоянд. Бинобар ин, ба ҷои аз сифр таҳия намудани маводҳо, албатта танҳо барои равиши SHEP, татбиқкунандагон дар Африқои Ҷанубӣ метавонанд аз ин маводҳо истифода кунанд.

## 5. Машғулиятҳо оид ба пайгирӣ ва мониторинг (аз ҷумла Тадқиқоти ҷамъбастии муштарак)

| Чор қадам | Машғулиятҳо |
|---|---|
| 1: Фаҳмондани мақсад/ҳадаф ба деҳқонон | - Семинарҳои шиносоӣ |
| 2: Дониши деҳқонон оид ба равиши мазкур баланд бардошта шуд | - Тадқиқоти муштараки базавӣ<br>- Форуми ҷонибҳои манфиатдор (интихобӣ)<br>- Тадқиқоти бозор |
| 3: Деҳқонон қарорҳо қабул мекунанд | - Интихоби зироати зерҳадаф<br>- Таҳияи тақвими кишти зироат |
| 4: Деҳқонон малакаҳои навро аз худ мекунанд | - Омӯзишҳои саҳроӣ |
| **Мониторинг ва баҳодиҳӣ (аз ҷумла тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ)** | Мо дар ин ҷо |

## БАРОИ ЧӢ - Ҳадафҳо

Боздидҳо оид ба пайгирӣ ва мониторинг ба деҳқонони зерҳадаф бо мақсади таъмини истифодаи воқеии усулҳо ва донишҳои омӯхташудаи деҳқонон амалӣ карда мешаванд. Сафарҳо на танҳо таҷрибаи истеҳсолии деҳқононро пайгирӣ ва таҳлил менамоянд, балки пешрафти маркетингӣ ва дигар корҳои аҳлонаи (коллективии) онҳоро низ ҳамчун як гурӯҳ баҳо медиҳанд.

## ЧӢ - Шарҳ

Боздидҳо оид ба пайгирӣ ва мониторинг давра ба давра бо мақсади боварӣ ҳосил намудан, ки оё деҳқонон донишҳои дар доираи омӯзишҳои равиши SHEP азхуднамударо татбиқ намуда истодаанд ё не, анҷом дода мешаванд. Татбиқкунандагон, инчунин рафти амалишавии машғулиятҳое, ки дар тақвими кишти зироати гурӯҳ дарҷ гардидаанд, назорат (мониторинг) мекунанд. Пас аз мӯҳлати муайяни вақт Тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ (ниҳоӣ) бо истифода аз ҳамон шаклҳои (форматҳо) Тадқиқоти мушатараки базавӣ гузаронида мешавад. Маълумоти дар доираи тадқиқот бадастомада бо мақсади муқоиса намудани натиҷаҳои тадқиқоти базавӣ, таҳлил карад мешавад.

**Чӣ тавр?** - **Маслиҳатҳои калидӣ оид ба татбиқ**

Баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандӣ

- Боздидҳо оид ба фаъолияти минбаъда ва мониторинг бояд ба тарзе гузаронида шаванд, ки ба гурӯҳи деҳқонон кӯмак намояд, то ки **онҳо деҳқонони мустақил гардида, тавонанд бо ташаббусҳои худ ба кишоварзии ба бозор нигаронидашуда машғул шаванд (Расми 12).**
- Тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ (ниҳоӣ) бояд ба деҳқонон имкониятҳо фароҳам оварад, то онҳо тасдиқ намоянд, ки то чӣ андоза тавассути таҷрибаи иштирок дар чорабиниҳои равиши SHEP донишҳои онҳо тақвият ёфтааст.



Ҳангоми боздидҳои пайгирӣ ва мониторингӣ оид ба ҳадафи равиши SHEP моро хотиррасон намуданд. Мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, то ба ҳадафҳои худ расем ва деҳқонони муваффақ шавем.

Дастгирии мухторият



Ҳангоми тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ (ниҳоӣ), фаҳмидем ки мо аз ҷиҳати малакаҳои техникӣ ва малакаҳои маркетингӣ хеле рушд намудем. Мо аз ин пешравиҳои худ хеле хушҳолем.

Дастгирии салоҳият




Расми 12: Таъмини парвоз тавассути пайгирӣ ва мониторинг

**ҚАДАМ** - **Тартиботи татбиқ (вақти лозимӣ: 2-3 соат)**

1. Машавартчиён ва гурӯҳи татбиқкунандагон бо мақсади додани маслиҳатҳои зарурӣ ва мониторинги рафти татбиқи машғулиятҳо давра ба давра аз гурӯҳҳои деҳқонон дидан менамоянд.
2. Ба натиҷаҳои "Қисмати 2-и Тадқиқоти базавӣ – Усулҳои кишоварзӣ" нигаред ва муайян намоед, ки деҳқонон то чӣ андоза ҷиҳати қабул ва татбиқи усулҳои кишоварзӣ рушд намудаанд. Агар дар фаъолияти онҳо то ҳол заифӣ ба назар расад, ба он деҳқононе, ки дар қабул ва татбиқи усулҳои нав ба мушкилиҳо дучор гардидаанд, кӯмак намоед.
3. Ба тақвимҳои кишти зироати аз ҷониби деҳқонони зерҳадаф таҳиягардида нигаред ва рафти амалишавии машғулиятҳои онҳоро мониторинг намоед. Дар ҳолати зарурӣ ба онҳо машварат диҳед.
4. Оид ба самти гендерӣ маълумоти сифатӣ ҷамъоварӣ намоед, яъне таърихи муваффақиятҳо, то ки муайян намоед то чӣ андоза баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон ба амалишавии ҳадафи гурӯҳҳо саҳм гузоштааст.
5. Пас аз як давраи муайяни вақт чӣ тавре, аз ҷониби гурӯҳи татбиқ пешбинӣ карда шуда буд, Тадқиқоти муштараки ҷамъбастӣ (ниҳоӣ) бо истифода аз (1) қисмати 1-и

Тадқиқоти ҷамъбастӣ (ниҳоӣ) – истеҳсол, даромад ва хароҷот, (2) қисмати 2-и Тадқиқоти ҷамъбастӣ – усулҳои кишоварзӣ, ки ба мисли форматҳои тадқиқоти базавӣ мебошанд, гузаронида мешавад, ба истиснои сутунҳое, ки дар онҳо аз деҳқонон талаб карда мешавад, то маълумотро оид ба чӣ тавр фаъолияти онҳо баъд аз иштирок дар чорабиниҳои SHEP тағйир ёфтааст, нависанд.

6. Маълумот аз ҷониби татбиққунандагон ворид, таҳрир, коркард ва таҳлил карда мешавад. Машваратчиён хулосаҳои худро, махсусан оид ба пешравии деҳқонон ва беҳбудии фаъолияти онҳо пас аз гузаронидани тадқиқоти базавӣ, пешниҳод менамоянд.




Расм: Зимбабве

**ШАКЛ (ФОРМАТ) - Пурсишномаҳои тадқиқоти ҷамъбастӣ (ниҳоӣ)**

Шаклҳо (форматҳо)-и пурсишномаҳои Тадқиқоти ҷамъбастӣ (ниҳоӣ) ба мисли форматҳои тадқиқоти базавӣ мебошанд, ба истиснои сутунҳое, ки дар онҳо аз деҳқонон талаб карда мешавад, то маълумотро оид ба чӣ тавр фаъолияти онҳо баъд аз иштирок дар чорабиниҳои SHEP тағйир ёфтааст, нависанд.

**ВАРАҚАИ САНҶИШӢ (ЧЕКЛИСТ) - Масъалаҳое, ки пас аз гузаронидани ин машғулият бояд тасдиқ карда шаванд**

- ☐ Деҳқонони зерҳадаф ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии худро дарк мекунанд ва ба онҳо барои минбаъд беҳтар кардани истеҳсолот ва фаъолияти маркетингӣ дастуру маслиҳатҳои мушаххас дода мешаванд.
- ☐ Деҳқонони зерҳадаф дарк мекунанд, ки кай ва чӣ тавр онҳо метавонанд омӯзишҳои равиши SHEP –ро "хатм" намоянд.
- ☐ Гурӯҳҳои зерҳадаф розиянд ва мехоҳанд машғулиятҳоро ба монанди тадқиқоти бозор, интихоби зироати зерҳадаф, тартиб додани тақвими кишти зироат ва дар оянда ба таври доимӣ истифода намудани усулҳои истеҳсолро амалӣ намоянд.
- ☐ Таносуби иштироки мардону занон таъмин карда мешавад.
- ☐ Сифати иштироки мардону занон баррасӣ карда мешавад.
- ☐ Маълумоти аз рӯи гендер ҷудошуда дар тадқиқоти ниҳоӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил карда мешавад.
- ☐ Тағйирот дар нақшҳои гендерӣ миёни зану мард таҳлил карда мешавад.
- ☐ Тағйирот дар қабули қарорҳо миёни зану мард таҳлил карда мешавад.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО - Роҳҳои ҳалл барои масъалаҳои зуд-зуд бамиёноянда**

**С: Нокомӣ дар парвариши зироат боиси рӯҳафтодагӣ мегардад?** – Чӣ бояд кард, агар деҳқонон бинобар нокомӣ дар парвариши зироат рӯҳафтода шаванд?

**Ҷ:** Равиши SHEP эҳтиёҷоти психологии деҳқононро оид ба мустақилият, аз миёни дигар эҳтиёҷоти психологӣ дастгирӣ менамояд, ва ба онҳо кӯмак менамояд, ки дар пешбурди тиҷорати кишоварзӣ доимо фаъол бошанд. Тариқи истифодаи таҷрибаи азхуднамудаи худ оид ба равиши SHEP, деҳқонон эҳсос менамоянд, ки онҳо тамоми раванди банақшагирӣ, қабули қарор, таваккал кардан ва андешидани тадбирҳои мушаххас оид ба истеҳсоли зироатҳо ва маркетинги онҳоро дар “ихтиёр” доранд. Бинобар ин, онҳо ба осонӣ рӯҳафтода намешаванд, чунки аллакай сатҳи ҳавасмандии онҳо хеле қавӣ мебошад ва онҳо бо душвориҳои маъмулӣ рӯҳафтода намешаванд, ба монанди нокомии кишти зироат, ки худ мутаассиршаванда аст.

**С: Усулҳои истеҳсол ба таври кофӣ қабул нагардиданд –** Ҳангоми машғулиятҳои минбаъда (пайгирӣ) ман мушоҳида намудам, ки бархе аз гурӯҳҳои деҳқонони зерҳадаф усулҳои истеҳсолиеро ман ба онҳо дар тренингҳо омӯзондаам, то ҳол ҷорӣ накардаанд.

**Ҷ:** Раванд ва вақти талабкардашуда барои деҳқонони алоҳида ҷиҳати ҷорӣ намудани усули нав вобаста ба шахсият ва муҳити атроф фарқ мекунад. Дар назар ба дигарон, барои бархе аз деҳқонон ҷиҳати дарки дақиқ ва ҷорӣ намудани усули нав вақти зиёд лозим аст. Дидани таърихи муваффақиятҳои деҳқонони ҳамсоя яке аз воситаҳои муассири бовар кунондан деҳқонон ҷиҳати муаррифӣ ва ҷорӣ намудани малака ва усулҳои нав мебошад. Мо бояд кӯшиш намоем, ки таърихи муваффақиятҳо дошта бошем ва барои деҳқонон имкониятҳо фароҳам орем, ки аз онҳо омӯзанд. Ҳадафи машғулиятҳои минбаъда ё пайгирӣ аз он иборат аст, ки ба чунин деҳқонон кӯмак намоем, то ки онҳо рушд кунанд. Онҳоро пайваста рӯҳбаланд созед ва аз онҳо сабабҳоро пурсед ва вобаста ба зарурат ба онҳо дастури иловагӣ диҳед ё онҳоро роҳнамоӣ намоед.

**С: Гурӯҳ пароканда шудааст. Мо дар ин бора чӣ кор карда метавонем?**

**Ҷ:** Лутфан маълум намоед, ки дар куҷо камбудӣ шудааст. Инчунин, таҳқиқ намоед, ки гурӯҳ чӣ тавр барои ба даст овардани даромади бештар, саҳми худро бо дигарон тақсим мекунад. Муҳим аст, то ки деҳқонон дарк намоянд, ки нигоҳ доштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагиҳои деҳқонии хурд барои баланд бардоштани сатҳи даромаднокии тиҷорати кишоварзӣ омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Аъзогии гурӯҳро аз нав дида бароед, агар пас аз ин ҳама муҳокимаҳо эҳсос намоед, ки зарурати аз нав ташкил намудани гурӯҳ ба миён омадаст.



Расм: Мониторинги машғулиятҳои SHEP, ноҳияи Ёвон Тоҷикистон

## Тадқиқоти ибтидоӣ, қисми 1. -Истеҳсолот, даромад ва хароҷот (☐ хоҷагии деҳқонӣ / ☐ замини наздиҳавлигӣ)

| | |
|---|---|
| Сана: | |

| | |
|---|---|
| Н о м и ноҳия/шаҳр | |
| Н о м и ҷамоат: | |
| Н о м и хоҷагии деҳқонӣ: | |
| Масоҳати умумии хоҷагии деҳқони (га): | |

| | |
|---|---|
| Н о м и деҳқон: | |
| Мақом дар хоҷагӣ: | ☐ Р о ҳбар / ☐ Аъзо |
| Ҷинс: | ☐ М а р д / ☐ Зан |
| Синну сол: | |
| Тел. No.: | |
| Масоҳати киштшаванда (га): | |

Лутфан маълумоти соли гузаштаро оиди зироатҳои кишоварзӣ нишон диҳед.

| 1. Номи зироат ва навъи он | 2. Майдони кишти зироат, га | 3. Маҳсулоти дар бозор/ харидорон фурухташуда, кг | 4. Маҳсулоте, ки дар бозор ва харидорон аз як гектар фурӯхта мешавад, га | 5. Нархи миёна барои 1 кг/сом. | 6. Даромади умумӣ, сом. | 7. Арзиши умумии маҳсулот, сом. (аз ҷумла. хароҷот, нақлиёт, қувваи корӣ ва ғ.) | 8. Доромади соф, сом. (фоида) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 = 3 / 2 | 5 | 6 = 3 x 5 | 7 | 8 = 6 – 7 |
| 1--юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 2-юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 3-юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 4-ум зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |

Лутфан хисоби воҳидҳо ва ҳама гуна қайдҳоро дар ҷойи холигии зер нишон диҳед.

## Тадқиқоти ибтидоӣ, қисми 1. -Истеҳсолот, даромад ва харочот (☐ хочагии деҳқонӣ / ☐ замини наздиҳавлигӣ)

| | |
|---|---|
| Сана: | Н о м и деҳқон: |
| | Мақом дар хочагӣ: ☐ Р о ҳбар / ☐ Аъзо |
| Н о м и ноҳия/шаҳр | Чинс: ☐ М а р д / ☐ Зан |
| Н о м и чамоат: | Синну сол: |
| Н о м и хочагии деҳқонӣ: | Тел. No.: |
| Масоҳати умумии хочагии деҳқони (га): | Масоҳати киштшаванда (га): |

Лутфан маълумоти соли гузаштаро оиди зироатҳои кишоварзӣ нишон диҳед.

| 1. Номи зироат ва навъи он | 2. Майдони кишти зироат, га | 3. Маҳсулоти дар бозор/ харидорон фурухташуда, кг | 4. Маҳсулоте, ки дар бозор ва харидорон аз як гектар фурӯхта мешавад, га | 5. Нархи миёна барои 1 кг/сом. | 6. Даромади умумӣ, сом. | 7. Арзиши умумии маҳсулот, сом. (аз чумла. харочот, нақлиёт, қувваи корӣ ва ғ.) | 8. Доромади соф, сом. (фоида) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 = 3 / 2 | 5 | 6 = 3 x 5 | 7 | 8 = 6 – 7 |
| 1-ум зироат: Помидор Новичок | 0,2 га | 2000 кг | 10000 кг/га | 12 сомонӣ | 24000 сомонӣ | 7500 сомонӣ | 16500 сомонӣ |
| 2-юм зироат: | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 3-юм зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |
| 4-ум зироат | га | кг | кг/га | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ | сомонӣ |

Лутфан ҳисоби воҳидҳо ва ҳама гуна қайдҳоро дар чойи холигии зер нишон диҳед.

(Масалан) 1 дона тарбуз = 10 кг, 1 дона каллакарам = 2 кг

## Тадқиқоти базавӣ: Қисми 2 – Усулҳои кишоварзӣ

Қисми 1-и Тадқиқоти базавӣ – Истеҳсол, даромад ва хароҷот

Сана:_____/______/_______

Номи ноҳия: _______________________/номи ҷамоат_________________

Ному гурӯҳи деҳқонон:_______________

Ному насиби деҳқонон:___________________________Мард/зан_____________Рақами телефон:_______

* Лутфан ба саволҳои зерин ҷавобҳои “ҲА” ё “НЕ”-ро интихоб намоед.  Маълумоти иловагиро дар  ҳошия нависед.

| Марҳилаҳои пеш аз кишт ва баъд аз кишт | | Давраҳо | Усулҳои кишоварзие, ки барои қабул тавсия дода мешаванд | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Омодагии пеш аз кишт | Семоҳаи 1 | Оё Шумо тадқиқоти бозорро барои муайян кардани зироат(ҳо)-и  барои парвариш ҳар мавсим мегузаронед? | | |
| | | Семоҳаи 2 | Оё Шумо дар асоси натиҷаи тадқиқоти бозори  гузаронидаатон тақвими кишти зироатро таҳия ва истифода мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 3 | Оё Шумо на камтар аз як маротиба дар ду сол барои парвариши сабзавот/гулҳои яксола санҷиши хок мегузаронед; ё пеш аз шинондани дарахтони мевадиҳанда/растаниҳои бисёрсола? | | |
| | | Семоҳаи 4 | Оё Шумо аз  таҷрибаи истифодаи нуриҳои тавсияшуда тавассути маводҳои органикӣ ҷиҳати таъмини маводи ғизоии асосӣ: нитроген (N), фосфор (P) ва калий (K) ҳангоми тайёр кардани пору (компост) истифода мебаред? | | |
| | | Семоҳаи 5 | Оё Шумо мавод(ҳои) тавсияшудаи ниҳолшинонии дорои як ё якчанд хусусиятҳои зеринро истифода мебаред: мубориза ба бемориҳо ва таҳаммулпазирӣ, ҳосили баланд, пухта расидани барвақт, таъми беҳтар, ҳаҷм ва мӯҳлати нигоҳдории дарозтар? | | |
| 2 | Омодасозии замин | Семоҳаи 6 | Оё Шумо як ё якчанд таҷрибаҳои зерини тавсияшудаи омодасозии заминро дар мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва бемориҳо истифода мебаред: хатари нурҳои офтоб, шудгори саривақтӣ, чуқурии мувофиқи шудгор ва коҳиш додани ҳаракати хок барои тафтиш кардани ҳашароти зараррасон ва касалиҳои аз хок паҳншаванда? | | |
| | | Семоҳаи 7 | Оё Шумо боқимондаи зироатро на камтар аз ду моҳ пеш аз кишт ба хоҷагӣ ҳангоми шудгор барои беҳтар кардани коркарди маводи ғизоӣ дохил мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 8 | Оё Шумо на камтар аз 1-2 ҳафта пеш аз шинонидан нурӣ/пору ё нуриҳои органикиро ҳамчун барномаи базавӣ дохил мекунед? | | |
| 3 | Ташкили парвариши зироатҳои кишоварзӣ (шинондан/кӯч онидан) | Семоҳаи 9 | Оё Шумо  таҷрибаҳои тавсияшударо дар парвариши кӯчатҳои сабзавотҳо/гулҳои яксола  ё  истифодаи кӯчатҳои дарахтони мевадиҳанда/растаниҳои бисёрсола, ки дар парвардахона парвариш карда шудаанд? | | |
| | | Семоҳаи 10 | Оё Шумо фосилаи тавсияшударо оид ба шинонидан/кӯчондани растаниҳо истифода мебаред? | | |
| | | Семоҳаи 11 | Оё Шумо растаниҳо  бо истофода аз меъёри тавсияшуда мешинонед/мекӯчонед. | | |
| 4 | Идоракунии парвариши зироат | Семоҳаи 12 | Оё Шумо эҳтиёҷоти обии зироатро тавассути як ё якчанд усулҳои зерини обёрӣ ба назар мегиред: обпошак, болоӣ, қатрагӣ ва ҷӯйборӣ барои қонеъ кардани талаботи ҳадди ақали оби зироат? | | |
| | | Семоҳаи 13 | Оё Шумо сари вақт барои нест кардани алафҳои бегона мубориза мебаред ва  барои мубориза бо алафҳои бегона асбобҳои мувофиқро истифода мекунед? | | |
| | | Семоҳаи 14 | Оё Шумо таҷрибаҳои мувофиқи порӯдиҳиро иҷро мекунед: ҷадвал, намуд ва меъёри тавсияшудаи истифода ва усули истифода? | | |
| | | Семоҳаи 15 | Оё Шумо ҳадди ақкал ду таҷрибаҳои зерини мубориза бар зидди  ҳашароти зараррасонро (IPM) истифода мебаред: фарҳангӣ, биологӣ, физикӣ ва кимиёвӣ? | | |
| | | Семоҳаи 16 | Оё Шумо истифодаи зерини бехатар ва самараноки пеститсидҳоро риоя мекунед: вояи мувофиқ, пеститсидҳои тавсияшуда ва фосилаи пеш аз ҳосил (PHI)? | | |
| 5 | Ҷамъоварии ҳосил | Семоҳаи 17 | Оё Шумо ҳадди ақал яке аз ин идексҳои ҷамъоварии ҳосилро риоя мекунед: ранг, андоза, шакл ва мустаҳкамӣ? | | |
| 6 | Коркард баъд аз ҷамъоварии ҳосил | Семоҳаи 18 | Оё Шумо аз маводҳои стандартии басту банд/нигоҳдорӣ/ҳамлу нақли хусусиятҳои зериндошта истифода мекунед: хуб нигоҳдошта, осон тозашаванда ва ҳамвор, ки зарарро кам мекунад? | | |
| | | Семоҳаи 19 | Оё Шумо яке аз ин усулҳои тавсияшудаи арзиш: тозакунӣ, ба навъҳо чудокунӣ, андозагирӣ, банду баст ё коркарди маҳсулот истифода мебаред? | | |
| 7 | Таҳлили даромад ва хароҷот | Семоҳаи 20 | Оё Шумо хароҷоти истеҳсол ва фурӯшро қайд мекунед, даромад ва хароҷотро таҳлил менамоед? | | |
| 8 | Амалиёти коллективона (аҳлона) | Семоҳаи 21 | Оё Шумо харидории маводҳои кишоварзиро ба монанди тухмӣ, нуриҳо минералӣ ва  маводҳои химиёвӣ дар гурӯҳ анҷом медиҳед. | | |
| | | Семоҳаи 22 | Оё Шумо ҳамлу нақл ё фурӯши маҳсулотро анҷом медиҳед (фурӯши гурӯҳӣ)? | | |
| | | Семоҳаи 23 | Оё Шумо ҳамчун гурӯҳ зироатҳои мақсаднокро интихоб мекунед ва стратегияҳои истеҳсол/маркетингро якҷоя бо аъзоёни гурӯҳ ба нақша мегиред? | | |

Лутфан нависед, ки пас аз иштирок дар омӯзишҳои равиши SHEP дар фаъолияти кишоварзиатон чӣ тағйирот даровардед (мисол. Омода намудани нуриҳо (компост) оғоз кардед. Пешбурди қайдҳоро оғоз кардед.)

## 6. Намунаи омӯзиш оид ба баланд бардоштани донишҳои гендерӣ

Дар Кения омӯзиш бо номи Баланд бардоштани донишҳои гендерӣ яке аз қисматҳои омӯзишҳои равиши SHEP буда, барои ҳамаи гурӯҳҳои деҳқонии зерҳадаф[4] ташкил карда шуданд. Омӯзиш оид ба баланд бардоштани донишҳои гендерӣ дар Кения дар ин ҷо ҳамчун мисол[5] оварда шудааст. Омӯзишҳои гендерии равиши SHEP дар Кения муштарак буда, аз чор машғулияти асосӣ иборат аст: (1) нақш ва ӯҳдадориҳо, (2) дастрасӣ ва идораи захираҳо, (3) тақвими машғулиятҳои ҳаррӯза, ва (4) банақшагирии буҷаи хоҷагии оилавӣ. Дар асоси амалишавии масъалаҳои гендерӣ дар доираи ин чор машғулият, деҳқонон бояд (5) нақшаи амали гендериро таҳия намуда, онро татбиқ намоянд.

*Маслиҳат!* *Агар бинобар сабаби меъёрҳои иҷтимоии маҳаллӣ, баррасии масъалаҳои гендерӣ душвор бошад, кӯшиш намоед ба раванди омӯзишҳо пешвоёни афкори маҳаллиро, аз қабили пешвоёни динии ҷамоатҳоро ҷалб намоед. Онҳо бояд пешакӣ огоҳ карда шаванд, то онҳо аз моҳияти омӯзиши гендерӣ огоҳ бошанд.*

*Маслиҳат!* *Ҳангоми муҳокимаи гурӯҳӣ фароҳам овардани муҳити дӯстона хеле зарур аст, то ки деҳқонон тавонанд бо якдигар бароҳат сӯҳбат намоянд, бе гунаҳкор кардани дигарон ва баҳс намудан оиди масъалаҳои мушаххас, ки ин ё он нафар ухдадор аст.*

### (1) Машғулият оид ба нақш ва ӯҳдадориҳо

Деҳқонони мард ва зан дар гурӯҳҳо алоҳида-алоҳида кор карда, муайян мекунанд, ки кадом вазифаи истеҳсолӣ (дар ин маврид, парвариши растаниҳо) ва вазифаи репродуктивиро (корҳои хоҷагӣ) кадом ҷинс (мард ё зан) бо гузоштани чор аломати кайд дар як катор иҷро мекунад. Пас аз анҷоми кор дар гурӯҳ бо истифода аз форматҳои дар зер нишондодашуда, гурӯҳҳои мардон ва гурӯҳҳои занон натиҷаҳои муҳокимаи худро пешниҳод намуда, муқоиса мекунанд, ки чӣ тавр мардон ва занон нақшҳои гендериро аз нуқтаи назари худ дар кори ҳаррӯзаи истеҳсолӣ ва репродуктивӣ қабул доранд. Сипас онҳо муҳокима хоҳанд кард, ки чӣ гуна тағйиротро дар нақшҳои гендерӣ барои самаранoктар идора кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва оилаҳо ба амал овардан мумкин аст. Агар иштирокчиёни камсавод зиёд бошанд, дар қуттиҳои фаъолият ба ҷои ҳарфҳо расмҳоро истифода баред (гузоред).

**Нақшҳои истеҳсолӣ <Мисол>**

| Р/Т | Машғулиятҳо | Мард | Зан |
|---|---|---|---|
| 1. | Ташкили тухмипошак | ✓ | ✓✓✓ |
| 2. | Омодасозии замин | ✓✓✓ | ✓ |
| 3. | Кӯчаткунӣ | ✓✓ | ✓✓ |
| 4. | Истифодаи нуриҳо | ✓ | ✓✓✓ |
| 5. | Истифодаи пестисидҳо | ✓✓✓✓ | |
| 6. | Хишовакунӣ | | ✓✓✓✓ |

[4] Азбаски дар хоҷагиҳои деҳқонии оилавии ҳадафӣ дар Кения қариб, ки ҳамеша ҳам шавҳарон ва ҳам занҳо ба парвариши зироатҳо машғул мешаванд, гузаронидани омӯзишҳои гендерӣ дар баробари дигар тренингҳои маркетингӣ ва истеҳсолӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандии деҳқонон ва баланд бардоштани самаранокии тиҷорати кишоварзии онҳо муфид мебошад.

[5] Лутфан барои дастрас намудани барнома ва маводҳои пурраи омӯзиши дар Кения таҳиягардида ба наздиктарин идораи JICA муроҷиат намоед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7. | Ҳосилғундорӣ | ✓ | ✓✓✓ |
| 8. | Тозакунӣ, андозабандӣ ва бастабандӣ | ✓ | ✓✓✓ |
| 9. | Маркетинг (фурӯш) | ✓✓✓ | ✓ |
| 10. | Назорати даромадҳо | ✓✓✓✓ | |

**Нақшҳои репродуктивӣ <Мисол>**

| Р/Т | Машғулиятҳо | Мард | Зан |
|---|---|---|---|
| 1. | Ошпазӣ | | ✓✓✓✓ |
| 2. | Шустушӯй | | ✓✓✓✓ |
| 3. | Овардани ҳезум | ✓ | ✓✓✓ |
| 4. | Овардани об | | ✓✓✓ |
| 5. | Нигоҳубини фарзандон | ✓ | |
| 6. | Нигоҳубини беморон | ✓ | ✓✓✓ |
| 7. | Майда кардан | | ✓✓✓ |
| 8. | Таъмири хона | ✓✓✓ | ✓ |
| 9. | Таъмини амният | ✓✓✓✓ | |

### (2) Машғулият оид ба назорат ва дастрасӣ ба захираҳо[6]

Гурӯҳҳои мардон ва занони барои пур намудани ду формати дар зер овардашуда корҳоро идома медиҳанд. Онҳо муайян мекунанд, ки кадом ҷинс ба захираҳои муҳим барои корҳои гуногуни репродуктивӣ дастрасӣ дорад. Инчунин, онҳо муайян мекунанд, ки кадом ҷинс (мард ё зан) ҳамон захираҳоро назорат мекунад. Натиҷаи муҳокимаи занон ва мардҳо муқоиса карда мешаванд. Онҳо муҳокима хоҳанд кард, ки чӣ гуна маҳдудияти гендерӣ барои дастрасӣ ё назорат аз болои захираҳои муҳим метавонад ба ҳаёти хоҷагиҳо таъсири манфӣ расонад. Агар иштирокчиёни камсавод зиёд бошанд, дар қуттиҳои захираҳо ба ҷойи ҳарфҳо расмҳоро истифода бурдан мумкин аст.

**Дастрасӣ[7] ба захираҳо <Мисол>**

| Р/Т | Машғулиятҳо | Мард | Зан |
|---|---|---|---|
| 1. | Замин | ✓✓ | ✓✓ |
| 2. | Асбобу анҷоми кишоварзӣ | ✓✓✓ | ✓ |
| 3. | Нигоҳубинӣ гови ширдеҳ | ✓✓✓ | ✓ |
| 4. | Бузи маҳаллӣ | ✓ | ✓✓✓ |
| 5. | Мурғи маҳаллӣ | ✓ | ✓✓✓ |
| 6. | Омӯзиш оид ба кишоварзӣ | ✓✓✓ | ✓ |
| 7. | Помидор (ҳамчун зироати асосӣ) | ✓✓ | ✓✓ |
| 8. | Қаламфур (ҳамчун зироати асосӣ) | ✓✓ | ✓✓ |

[6] Захира: ҳар як чизе, ки деҳқонон доранд ва истифода менамоянд, аз ҷумла замин,асбобу анҷом, зироатҳо, ҳайвонот, ва ғ.барои гирифтани фоида аз он.
[7] Дастрасӣ: имконияти истифода намудани захираҳо.

## Назорати[8] захираҳо

| Р/Т | Машғулиятҳо | Мард | Зан |
|---|---|---|---|
| 1. | Замин | ✓✓✓✓ | |
| 2. | Асбобу анҷоми кишоварзӣ | ✓✓✓✓ | |
| 3. | Нигоҳубинӣ гови ширдеҳ | ✓✓✓ | ✓ |
| 4. | Бузи маҳаллӣ | ✓✓✓ | ✓ |
| 5. | Мурғи маҳаллӣ | ✓✓ | ✓✓ |
| 6. | Омӯзиш оид ба кишоварзӣ | ✓✓✓✓ | |
| 7. | Помидор (ҳамчун зироати асосӣ) | ✓✓✓✓ | |
| 8. | Қаламфур (ҳамчун зироати асосӣ) | ✓✓✓✓ | |

### (3) Машқҳо оид ба машғулиятҳои ҳаррӯзаи тақвим

Ҳам мардон ва ҳам занон тақвимҳои машғулияти ҳаррӯзаи худро дар мисоли як рӯзи муқаррарии корӣ тартиб медиҳанд. Машғулиятҳо корҳои хоҷагии деҳқонӣ, корҳои хонагӣ, аз қабили пухтупаз ва рӯбучин, инчунин истироҳат, хоб ва ғайраро дар бар мегиранд. Дар муҳокимаи умумӣ мардон ва занон календарҳои фаъолияти ҳаррӯзаи худро муқоиса карда, дар бораи беҳтар истифода бурдани вақт барои ҷуфтҳо фикр мекунанд.

**Тақвими машғулиятҳои ҳаррӯзаи мардон (намуна)**




**Тақвими машғулиятҳои ҳаррӯзаи занон (намуна)**




---

[8] Назорат: иқтидор ҷиҳати қабули қарор оид ба истифодаи захираҳо, яъне кӣ (зан ё мард) ба захираҳо дастрасӣ дорад, кай онҳо фурӯхта мешаванд.

### (4) Машғулият оид ба банақшагирии оилавии буҷаи хоҷагии деҳқонӣ

Гурӯҳҳои занон ва мардон дар алоҳидагӣ кор карда, ҷадвали хароҷотҳоро барои ҳар моҳ дар “Варақаи банақшагирии оилавии буҷаи хоҷагии деҳқонӣ” дар асоси сохтори махсуси хароҷоти солона пур менамоянд. Агар деҳқонон бинобар сабаби мушкилиҳои саводнокӣ ҳангоми пур намудани рақамҳо ба мушкилӣ дучор шаванд, татбиққунандагон метавонанд аз онҳо хоҳиш намоянд, ки барои нишон додани миқдори муайяни пул аз қандҳо, сангҳои хурд ва ғ. истифода намоянд. Ҳангоми ба итмом расондани машғулият, гурӯҳҳои зан ва мард ба якдигар варақаҳои худро нишон медиҳанд ва масъалаҳоеро муҳокима менамоянд, ки дар натиҷаи надоштани муошират байни зану шавҳар оид ба банақшагирии буҷаи оила, истифодаи бесамари захираҳои молиявӣ ва ғ. ба миён омадаанд. Тавассути ин раванд, гурӯҳ роҳнамоӣ карда мешавад, то ки таҳқиқ намоянд, ки онҳо барои идораи самараноки буҷаи оила чӣ кор карда метавонанд.

**Варақаи банақшагирии оилавии буҷаи хоҷагии деҳқонӣ**

| Р/т | Моддаи хароҷот | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сенятбр | Октябр | Ноябр | Декабр | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | | | | | | | |
| | Ҷамъ | | | | | | | | | | | | | |



Расм: Тренинги деҳқонон дар ноҳияи Файзобод, Тоҷикистон

**(5) Нақшаи амали гендерӣ**

Татбиқи бесамари нақшҳои гендерӣ, номутаносибии қувваҳои қарорқабулкунанда, нобоварӣ ва норасоии муоширaт миёни зану шавҳар муҳокимаҳои ояндаи гурӯҳиро ба миён меорад, ки ҳангоми муҳокимаҳо гурӯҳҳо муайян намоянд, ки чӣ тавр роҳҳои ҳалли ин масъалаҳоро ёфт. Барои кӯмак расонидан ба онҳо дар андешидани тадбирҳои мушаххас дар асоси донишҳои азхуднамудаи онҳо, Нақшаи амали гендерӣ, ки дар зер нишон дода шудааст, таҳия карда мешавад. Нақша аз вазифаҳои амалӣ иборат буда, ба ҳалли баъзе мушкилоти муайяншуда тавассути чор машқи қаблӣ кӯмак мерасонанд. Интизор меравад, ки гурӯҳҳои деҳқонӣ нақшаи чорабиниҳоро тавассути татбиқи равиши SHEP амалӣ месозанд.

**Нақшаи амали гендерӣ <Намуна>**

| Ҳадаф | Аз ҳама кори дилгиркунанда | Машғулиятҳо | Захираҳо | Ҷадвал | Татбиққунанда | Нишондиҳандаи мониторингӣ | Мониторинг | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сарбори и корҳои вазнини занон кам карда шуд | Овардани ҳузем | Харидории плитаи замонавӣ | Пул (Ksh.800) Қувваи меҳнатӣ барои сохтани ошхона | Декабри 2018 | Ҳар як аъзои гурӯҳ | Зиёда аз 70% аъзоёни гурӯҳ татбиқ намуданд | Фасилитаторони гурӯҳ Кумитаи ичроия | Вақте, ки фурӯши маҳсулот и кишоварзӣ дар мавсими оянда анҷом дода мешавад |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

**Пешниҳод: ташкили сессияҳои муҳокимавӣ бо истифода аз латифаҳо**

Модулҳои омӯзишие, ки аз (1) то (5) шарҳ дода шудаанд, модулҳои омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани донишҳои гендерӣ мебошанд, ки дар Кения гузаронида шуданд. Аммо, бархе аз кишварҳо бинобар сабаби норасоӣ ё маҳдудияти захираҳои инсонӣ ва молиявӣ дар гузаронидани чунин сессияҳои омӯзишӣ ба мушкилӣ дучор мешаванд. Дар ин сурат, ба ҷои ташкил ва гузаронидани омӯзиши гендерӣ бо усули кениягӣ, баргузории вохӯриҳои мубоисавӣ барои додани донишҳо оид ба мавзӯъҳои калидии гендерӣ ба деҳқонони зерҳадаф мувофиқи мақсад мебошад. Мисоли баргузории чунин вохӯрӣ шиносоии деҳқонон бо баъзе саргузаштҳои воқеии ҳаётии латифанамо мебошад, то ки деҳқонон тавонанд ба осонӣ дарк намоянд, то чӣ андоза иштироки фаъоли ҳам занон ва ҳам шавҳарон дар қабули қарорҳо оид ба идоракунии хоҷагии деҳқонӣ муҳим аст. Агар татбиққунандагон тавонанд пас аз шиносоии ин саргузаштҳо, сессияҳои муҳокимавӣ ташкил намоянд, чунин ҳолат метавонад барои деҳқонон як имконияти хуби баланд бардоштани донишҳои онҳо гардад.

## Сутуни 6 Қиссаи шавҳар дар як хоҷагии деҳқонии оилавӣ



Як рӯз ман саҳар аз хона баромадам, то бозоре барои фурӯхтани ҳосили помидорамҳоям ҷустуҷӯ кунам, ки аллакай пухта расида ва барои ҳосилғундорӣ тайёр буд. Вақте, ки ман машғули ҷустуҷӯи бозор будам, як харидор ба хонаам омад ва занамро дар хона пайдо кард. Харидор пурсид, ки оё ҳамсарам метавонад помидорҳоро ба ӯ фурӯшад, аммо азбаски вай ҳеҷ гуна салоҳияти қабули қарорро надошт ва ҳеҷ гоҳ нақшаҳои маро намедонист, ҳамсарам дархости ӯро рад кард.
Ҷустуҷӯи ман дар бозор бенатиҷа анҷом ёфт ва ман ба хона баргаштам, ки ҳамсарам воқеаро ба ман нақл кард. Ман дар ҳақиқат худро бад ҳис кардам ва ҳосили помидорҳоям вайрон шуд, зеро ман ҷойи фурӯши онҳоро ёфта натавонистам.

Аз деҳқонон пурсед:

- ✓ Чунин ҳолат ба Шумо шинос аст ?
- ✓ Ба фикри Шумо барои чӣ ин мушкилот ба миён омад?
- ✓ Ба фикри Шумо чӣ тавр метавон ин гуна вазъиятро пешгирӣ намуд?

## Сутуни 7 Қиссаи як зан дар як хоҷагии деҳқонии оилавӣ

Шавҳарам ба ман гуфт: “Ман шунидам, ки гулкарам фоидаовар аст. Биёед дар тамоми заминамон гулкарам мекорем». Ман ба ӯ зид баромада, гуфтам «Бале, аммо танҳо дар нисфи заминамон гулкарам мекорем, на дар тамоми замин», зеро ман бисёр деҳқонони дигарро медонистам, ки аллакай гулкарам кишт карда буданд ва аз бисёриҳо шунидам, ки онҳо гулкарам коштан мехоҳанд. Ман медонистам, ки вақте ки мо ҳосили онро ҷамъоварӣ мекунем, нарх паст мешавад. Шавҳарам ба гапи ман гӯш надода, ҳар чӣ ки дилаш мехост, кард. Мо дар охири мавсим зарари калон дидем. Аммо, пас аз ин таҷрибаи талх, шавҳарам аз ман пурсид: «Ба фикри ту кадом зироат барои ин мавсим хуб аст?».



Расм: Африқои Ҷанубӣ

Аз деҳқонон пурсед:

- ✓ Чунин ҳолат ба Шумо шинос аст ?
- ✓ Ба фикри Шумо барои чӣ ин мушкилот ба миён омад?
- ✓ Ба фикри Шумо чӣ тавр метавон ин гуна вазъиятро пешгирӣ намуд?


Ман пулҳои худро одатан дар ташноб пинҳонӣ ҳисоб мекардам.
Лекин Шумо ҳоло шавҳари беҳтар шудаед, масъалаҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва ҳисобу китоби оилавиро бо ман муҳокима мекунед.
Дуруст.  Ман аз якҷо бо ту кор кардан лаззат мебарам. Мо ба якдигар ҳамчун даста боварӣ дорем.

# ҚИСМИ 3. РОҲНАМОӢ

**Қисми “РОҲНАМОӢ” маълумоти иловагии барои татбиқи равиши SHEP**

**1. Саволҳои зиёд пурсидашаванда (СЗП)**

Дар зер саволҳои зиёд пурсидашавандаи татбиққунандагони равиши SHEP дар саросари ҷаҳон оварда шудааст. Дар асоси таҷрибаи мухталифи татбиққунандагони равиши SHEP ва банақшагирандагони Кения ва берун аз он, ҷавобҳо омода гардиданд, ки дар зер инъикос ёфтаанд. Бояд гуфт, ки ба ин гуна саволҳо ҷавоби ягона вуҷуд надорад. Ба хонандагон тавсия дода мешавад, ки тавассути кор бо деҳқонон дар маҳал ҷавобҳои худро пайдо кунанд.

**1.1 Саволҳо оид ба татбиқпазирӣ ва методҳои равиши SHEP**

**С 1.** Оё равиши SHEP танҳо барои растанипарварӣ аст? Оё онро метавонем дар дигар машғулиятҳои соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла парвариши ғалладона ва чорво татбиқ намоем?

**Ҷ 1.** Равиши SHEP-ро инчунин метавонем дар дигар зербахшҳои кишоварзӣ татбиқ намоем. JICA равиши SHEP-ро дар дигар зербахшҳои мухталифи кишоварзии дигар кишварҳо, берун аз Африқо татбиқ намуда истодааст. Мисол, лоиҳаи парвариши биринҷ дар Мадагаскар, ки равиши SHEP-ро истифода бурда истодааст. Дар Намбия, пешбурди чорводорӣ бо истифода аз равиши SHEP ба нақша гирифта шудааст. Деҳқонони зерҳадаф дар Покистон кӯшиши намуда истодаанд, то ки эҳтиёҷоти бозорро оид ба парвариши чорво дарк намоянд ва таҷрибаи тиҷоратии худро дар самти чорводорӣ мутобиқ ба талабот ва тавсияҳои бозор беҳтар намуда истодаанд. Дигар зербахшҳо аз қабили навъҳои гуногуни ғалладона, моҳипарварӣ ё коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (агросаноатӣ) бахшҳои эҳтимолӣ барои татбиқи равиши SHEP маҳсуб меёбанд, ки ин як ташаббус дар самти аз байн бурдани норасоии иттилоот миёни истеҳсолкунандагон ва ҷонибҳои манфиатдори бозор (иштирокчёни бозор) тавассути ҳавасмандгардонии иштирочиёни дахлдор мебошад. Дар ҳақиқат, бештари деҳқонони зерҳадафи равиши SHEP донишҳои дар доираи омӯзишҳои равиши мазкур азхуднамудаи худро дар машғулиятҳо оид ба гирифтани даромад, аз ҷумла чорводорӣ ва коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ бе кӯмаки кормандони ҳукуматӣ истифода бурда истодаанд.

**С 2.** Оё деҳқонон пас аз ба анҷом расидани омӯзишҳои равиши SHEP рӯҳафтода намешаванд? Ман чӣ тавр метавонам ҳавасмандии онҳоро дар сатҳи баланд пас аз татбиқи омӯзишҳои равиши SHEP нигоҳ дорам?



Расми: Такеши Куно/JICA, Кения

**Ҷ 2.** Он деҳқононе, ки омӯзишҳои равиши SHEP -ро «хатм» кардаанд, одатан рӯҳафтода намешаванд. Дуруст аст, ки баъд аз ташкил ва багузор намудани курсҳои омӯзишии равиши SHEP машваратчиён ба гурӯҳҳои деҳқонон камтар меоянд. Аммо, азбаски муносибати байни гурӯҳҳои деҳқонон ва машваратчиён нисбат ба пештара хеле устувортар аст, онҳо метавонанд зуд-зуд тавассути телефон бо якдигар муошират намуда, як муносибати наздик дошта бошанд. Ғайр аз он, азбаски гурӯҳҳои деҳқонон бо харидорон, таъминкунандагони маводи кишоварзӣ, ширкатҳои коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, муассисаҳои молиявӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва ғайра тавассути иштироки худ дар машғулиятҳои

равиши SHEP шабакаҳои тиҷоратӣ таъсис додаанд, онҳо метавонанд робита ва муомилоти тиҷоратии худро бо онҳо, бе кӯмаки машваратчиён идома диҳанд. Барои татбиққунандагони равиши SHEP муҳим аст, ки ба деҳқонони зерҳадаф дар оғози омӯзиш фаҳмонанд, ки SHEP ин равиш оид ба ноил шудан ба дасторвардҳои тиҷоратии кишоварзӣ бо истифода аз нерӯи худ мебошад.

**С 3.** Равиши SHEP чӣ тавр аз дигар равишҳо, аз қабили Мактаби тиҷорати фермерӣ (МТФ) фарқ мекунад? Оё ҳар ду ин равиш кишоварзии ба бозор нигаронидашударо дастгирӣ менамоянд?

**Ҷ 3.** Дуруст аст, ки ҳам SHEP ва ҳам МТФ пешбурди фаъолияти "кишоварзии ба бозор нигаронидашуда"-ро дастгирӣ менамоянд. МТФ намояндагонро аз гурӯҳҳо даъват намуда, ба онҳо сессияҳои омӯзишии интенсивиро пешниҳод менамояд. Намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ пас аз иштирок дар сессияҳои омӯзишии МТФ бояд донишҳои дар давоми омӯзишҳо азхуднамударо ба дигар аъзоёни гурӯҳ интиқол диҳанд. Аз дигар тараф, SHEP барои ҳама аъзоёни гурӯҳ имкониятҳои омӯзиширо пешниҳод менамояд ва ба онҳо кӯмак мекунад, ки донишҳоро аз худ намоянд ва малакаҳои навро бо истифода аз методи "омӯзиш тавассути амалия" таҷриба кунанд. Бинобар ин, корҳо дарҳол пеш мераванд. Бархе аз татбиққунандагони равиши SHEP инчунин иброз намуданд, ки равиши мазкур деҳқонон ва машваратчиёнро бо ҳамдигар наздик намуда, миёни онҳо бовариро ба вуҷуд меорад, ки яке аз афзалиятҳои дигари равиши SHEP мебошад. Охирин, аммо аз ҳама муҳимтар, SHEP на танҳо кишоварзии ба бозор нигаронидашударо дастгирӣ менамоянд, балки ҷиҳати амалӣ намудани он дар асоси Назарияи худмуайянкунӣ, ҳавасмандии деҳқононро бештар месозад. Ин нуқта барои равиши SHEP беназир аст.

**С 4.** Чӣ хел равиши SHEP аз Равиши рушди занҷираи арзиш фарқ мекунад?

**Ҷ 4.** Ҳарду равиш кӯшиш мекунанд, ки ба иқтисоди бозаргонии муассир тавассути барқарор кардани робитаҳои қавитари тиҷоратӣ миёни ҷонибҳои манфиатдор вобаста ба занҷираи арзиши маҳсулотҳои махсус, ноил шаванд. Гарчанде, Равиши рушди занҷираи арзиш аксар вақт ба пешниҳоди платформаҳое нигаронида шудааст, ки дар онҳо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор вобаста ба занҷираи арзиш муколама дошта метавонанд, Равиши SHEP ба рушди иқтидори деҳқонон диққати махсус медиҳад, то худи деҳқонон тавонанд ҷонибҳои манфиатдори бозорро дар занҷираи арзиш муайян кунанд, ки ба тиҷорати хоҷагии онҳо бештар мувофиқанд ва бо ташаббуси худ бо ин ҷонибҳои манфиатдор шабакаҳои тиҷоратӣ таъсис диҳанд. Хулоса, тамаркузи SHEP ба дастгирии ҳавасмандии мустақилияти деҳқонон ва малакаҳо ҷиҳати рушд ва истифодаи занҷираи арзиш аз ҷониби онҳо равона мегардад.



Расм: Сенегал

**С 5.** Фарқият миёни тадқиқоти бозор ва форуми ҷонибҳои манфиатдори бозор дар чист, дар он сурат, ки ҳарду ҳадафи чорабиниҳо аз байн бурдани норасоии маълумот миёни деҳқонон ва фаъолони бозор мебошад?

**Ҷ 5.** Ҳадафи ин ду чорабинӣ асосан ҳалли масъалаи асимметрияи иттилоот мебошад. Бо вуҷуди ин,

татбиққунандагон ва деҳқонони кишварҳои татбиққунандаи равиши SHEP баъзе фарқиятҳоро муайян карданд: (1) одамон барои муҳокимаи муфассал ва мутамарказонидашуда дар муҳити ором ҳангоми баргузории Форуми ҷонибҳои манфиатдор, назар ба тадқиқоти бозор вақти бештар доранд, (2) азбаски тадқиқоти бозорро бояд худи деҳқонон гузаронанд, деҳқонон метавонанд онро вобаста ба хоҳиши худ зуд-зуд, дар асл ба таври доимӣ ва бе кӯмаки давлат баргузор намоянд, ҳол он ки Форуми ҷонибҳои манфиатдор одатан дар як сол як маротиба ё камтар аз он, ки бо назардошти мавҷудияти захираҳои давлатӣ гузаронида мешавад. Аз ин рӯ, ин ду чорабинӣ афзалиятҳо ва мушкилоти гуногун доранд.

### 1.2. Саволҳо оид ба мушкилоти маркетингӣ

**С 1.** Оё беҳтар нест, ки бо мақсади ба гирифтани фоидаи бештар ба деҳқонон тавсия диҳем, то “бе воситаи” миёнаравҳо, маҳсулоти худро ба яклухтфурӯшон ё чаканафурӯшон мустақиман фурӯшанд, нисбат ба он ки онҳоро ташвиқ намоем, ки бо миёнаравҳо муносибати хуби тиҷоратӣ барқарор намоянд?

**Ҷ 1.** Дуруст аст, ки ҳолатҳое ҳастанд, ки гурӯҳи деҳқонон бе ҷалб намудани миёнаравҳо ба раванди фурӯши маҳсулот, сатҳи даромадашонро зиёд намуданд. Аммо, барои он деҳқононе, ки дар ноҳияҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, масъалаи ҳамлу нақл (нақлиёт) як мушкилоти калон ба ҳисоб меравад ва бинобар ин онҳо ҷиҳати дар куҷо фурӯхтани маҳсулот интихоб ё имконияти маҳдуд доранд. Интихоби ягонаи онҳо, ин фурӯхтани маҳсулоти худ ба миёнаравҳо мебошад. Дар чунин ҳолатҳо ба онҳо маслиҳат дода мешавад, ки бо миёнаравҳо робитаи хуби тиҷоратӣ барқарор намоянд, нисбат ба он, ки робитаро бо онҳо қатъ мекунанд. Инчунин, ҳолатҳои дигаре мавҷуд аст, ки гурӯҳи деҳқонон ду сенарияро дар асоси маълумоте, ки дар ҷараёни тадқиқоти бозор ҷамъоварӣ кардаанд, муқоиса мекунанд: (1) фурӯхтани маҳсулот ба миёнаравҳо аз даргаҳи хоҷагии деҳқонӣ ё (2) кашондани ҳосил ба бозор ва фурӯхтани он ба яклухтфурӯшҳо дар бозор. Пас аз муқоисаи ду сенария, онҳо метавонанд дар охир фурӯши маҳсулотро ба миёнаравҳо интихоб намоянд, зеро сатҳи даромаднокӣ баланд ва хавф кам аст. Муҳим он аст, ки деҳқонон оид ба ҷонибҳои манфиатдори бозор ва интихоби онҳо огаҳ мешаванд.

**С 2.** Яке аз проблемаҳои асосии хоҷагиҳои деҳқонии хурд ин надоштани имконияти таъмини доимии бозор бо маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Чӣ тавр деҳқонони равиши SHEP ин проблемаро бартараф мекунанд?

**Ҷ 2.** Азбаски равиши SHEP бо гурӯҳҳои деҳқонон корбарӣ менамояд, равиши мазкур тамоми ин равандро ба танзим медарорад. Дар робита ба масъалаи таъмини доимии маҳсулот, гурӯҳҳои муваффақи деҳқонон вақтҳои ҷамъоварии ҳосилро миёни аъзоёни гурӯҳ ба нақша гирифта, ҳамоҳанг менамоянд, то онҳо тавонанд ҳосили худро ба бозор ба таври доимӣ пешниҳод намоянд. Равиши SHEP ба онҳо дар ташкили ин раванд тавассути омӯзондани онҳо оид ба чӣ тавр тартиб додани Тақвими кишти зироат кӯмак мекунад.

**С 3.** Чӣ тавр хоҷагиҳои деҳқонии хурд раванди таъмин намудани маҳсулоти худро ба супермаркетҳо оғоз менамоянд?

**Ҷ 3.** Дар бештари ҳолатҳо, бинобар сабаби талаботи баланди супермаркетҳо ба сифат, таъмин намудани супермаркетҳо бо маҳсулот барои хоҷагиҳои деҳқонии хурд осон нест. Дар ин маврид, деҳқонон корро бо бозорҳои маҳаллӣ оғоз намуда, тадриҷан малакаҳои истеҳсолии худро беҳтар мекунанд, то ки маҳсулоти онҳо ба талаботи супермаркетҳо ҷавобгӯ бошад. Қадам ба қадам ба роҳ мондани корҳо дар ин самт ба мақсад мувофиқ аст.

### 1.3. Саволҳо оид ба намудҳои кӯмак

**С 1.** Оё равиши SHEP воқеан сатҳи баланди иштироки деҳқононро ба даст оварда метавонад, гарчанде дар доираи он ба деҳқонон ягон кӯмаки молиявӣ ва моддӣ расонида намешавад? Ман метарсам, ки бо мурури замон сатҳи иштироки деҳқонон кам мегардад.



Расми: Такеши Куно/JICA, Кения

**Ҷ 1.** Тибқи назарияи худмуайянкунӣ, гуфтани "ба омӯзиш биёед ва кӯмаки моддӣ мегиред" равиши хуб нест, зеро эҳтиёҷоти равонии деҳқонон ба мухторият сарфи назар гардида, онҳо танҳо барои гирифтани варақаҳои иттилоотӣ ба омӯзиш меоянд. Барои татбиқкунандагон хеле муҳим аст, ки пеш аз оғоз намудани машғулиятҳои равиши SHEP ба деҳқонон ба таври возеҳ фаҳмонанд, ки SHEP танҳо аз омӯзишҳо оид ба рушди иқтидор иборат аст ва ҳеҷ гуна кӯмаки моддӣ намерасонад. Пас аз шунидани ин шарҳ, ҳангоми интихоби деҳқонон боварӣ ҳосил намоед, ки он деҳқононеро интихоб мекунед, ки бе гирифтани кӯмаки моддӣ, омодаанд дар машғулиятҳои равиши SHEP иштирок кунанд. Бо вуҷуди ин, набояд гуфт, ки равиши SHEP дар ҳалли проблемаҳои норасоии молиявии деҳқонон кӯмак намекунад. Албатта SHEP ба деҳқонон кӯмак менамояд, ки онҳо ба кӯмакҳои молиявӣ ва моддӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Ин корҳо тавассути барпо намудани алоқа бо ҷонибҳои манфиатдори мувофиқ, ба мисли ташкилотҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳои молиявӣ ва раёсату шуъбаҳои ҳукуматӣ ва ташкили Форуми ҷонибҳои манфиатдор ва гузаронидани тадқиқоти бозор анҷом дода мешаванд. Муҳим он аст, ки деҳқонон худ бояд дар бастани алоқа бо ҷонибҳои манфиатдор, ки метавонанд ба онҳо кӯмакҳои гуногуни моддӣ расонанд, ташаббус нишон диҳанд, чунки равиши SHEP эҳтиёҷоти равонии деҳқононро ба мустақилият дастгирӣ менамояд.

**С 2.** Баъзан расонидани кӯмаки моддӣ барои пешбудри зиндагии сокинони деҳа муҳим аст. Аммо равиши SHEP кушиш мекунад, ки ба деҳқонон кӯмаки молиявӣ ва моддӣ надиҳад. Оё SHEP расонидани кӯмаки башардӯстонаро рад мекунад?

**Ҷ 2.** Кӯмаки башардӯстона барои ҳолатҳои фавқулодда, аз қабили офатҳои табиӣ ва низоъҳо комилан зарур аст. Равиши SHEP барои татбиқ на дар чунин ҳолатҳои фавқулодда, балки дар вазъияти муқаррарӣ таҳия карда шудааст, зеро ҳадафи SHEP пурзур намудани иқтидори деҳқонон барои пешбурди устувори тиҷорати кишоварзӣ мебошад. Инчунин, SHEP ба деҳқононе, ки сатҳи зиндагӣ ва даромади каме баландтар доранд, нигаронида

шудааст. Ба ибораи дигар, онҳо барои сармоягузорӣ ба тиҷорати кишоварзӣ то ҳадде имкони молӣ доранд ва барои ҳукумат ҷиҳати оғоз намудани фаъолияти SHEP ба онҳо зарурати расонидани кӯмаки моддӣ нест. Дар хусуси деҳқонони сатҳи зиндагии пастдошта бошад, онҳоро бо дигар равиши аз SHEP фарккунанда дастгирӣ кардан лозим аст.

**С 3.** Деҳқонон аз норасоии инфрасохтори асосӣ барои пешбурди итсеҳолоти кишоварзӣ танқисӣ мекашанд ё ба сармоягузорӣ ҷиҳати васеъ намудани тиҷорати кишоварзӣ ниёз доранд. Ба онҳо зарур аст, ки ҷиҳати пешбурди фаъолияти худ қарзҳо гиранд. Оё дар доираи SHEP ба деҳқонон қарзҳо дода мешавад?



Хоҷагии деҳқонӣ дар ҷамоати Меҳнатободи ноҳияи Кушониён дар машғулиятҳои SHEP иштирок намуд, Тоҷикистон

**Ҷ 3.** Мустақиман не. Аммо, тариқи Форуми ҷонибҳои манфиатдор ё тадқиқоти бозор, деҳқонон имкон доранд, то бо банкҳо, муассисаҳои қарзии молиявии хурд ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки ба онҳо қарзҳо медиҳанд, алоқа барқарор намоянд. Бисёре аз деҳқонон дар Кения аз чунин муассисаҳо барои васеъ намудани тиҷорати кишоварзии худ қарзҳо мегиранд.

**С 4.** Оё равиши SHEP ба содирот ва коркард нигаронида намешавад, то дар баланд намудани арзиши зироатҳо мусоидат намояд?

**Ҷ 4.** Содироткунандагон ва ширкатҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро метавонед ба Форуми ҷонибҳои манфиатдор ё ба тадқиқоти бозор даъват намоед. Деҳқонон дар Кения воқеан дар содироти сабзавотҳо ба Аврупо муваффақ гардиданд. Аммо, бояд дар хотир дошт, ки ҳадафи SHEP ҷалби деҳқонон ба содирот ва илова намудаи арзиш ба зироатҳо нест. То он даме, ки деҳқонон тиҷорати кишоварзии худро беҳтар мекунанд, муҳим нест, ки даромади онҳо аз содирот ё аз фурӯши дохилӣ ба даст меояд. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ба деҳқонон дар пайдо кардани роҳи пешбурди тиҷорат, ки ба шароити онҳо бештар мувофиқ бошад, кӯмак расонем.

### 1.4. Саволҳо оид ба ҳадаф

**С 1.** Оё мо равиши SHEP-ро татбиқ карда метавонем, агар бештари деҳқонон камсавод бошанд?

**Ҷ 1.** Албатта, мо метавонем. Дар асл, бисёре аз кишварҳо/минтақаҳое, ки равиши SHEP-ро татбиқ карда истодаанд, шумораи зиёди баҳрабардорони онҳоро деҳқонони камсавод ташкил медиҳанд. Аммо татбиққунандагонро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани душвориҳое, ки аз камсаводӣ ба миён меоянд, усулҳои гуногунеро таҳия намоянд, масалан, тартиб додани маводҳои аёнии таълимии шавқовар ва хоҳиш намудани деҳқонони босавод, то ки ба аъзоёни камсаводи гурӯҳ дар хондану навиштан ёрӣ расонанд.

**С 2.** Оё SHEP метавонад як гурӯҳи калони деҳқононро, ки зиёда аз 100 аъзо дорад, мавриди ҳадаф қарор диҳад?

**Ҷ 2.** Мумкин аст, ки як гурӯҳи зиёда аз 100 нафарро ҳамчун як гурӯҳи зерҳадаф дошта бошед. Бо вуҷуди ин, мо бояд оид ба ин масъалаҳо, аз қабили паҳн кардани иттилоот дар байни аъзоён ва таъмини демократии қабули қарорҳо, хеле бодиққат бошем. Аз ин хотир, Шумо метавонед аз гурӯҳ хоҳиш кунед, ки ҳангоми машғулиятҳои сессияҳои омӯзишӣ барои мақсадҳои амалӣ, бе вайрон намудани ҳисси ягонагии онҳо ҳамчун як гурӯҳ, худро ба якчанд зергурӯҳҳо тақсим кунанд.

**С 3.** Чӣ бояд кард, агар дар минтақаи зерҳадаф гурӯҳҳои деҳқонон ташкил карда нашуда бошанд?

**Ҷ 3.** Гурӯҳ набояд як гурӯҳи расмӣ бошад. Гурӯҳҳои ба қайд нагирифташуда ё ғайрирасмӣ метавонанд мавриди ҳадафи равиши SHEP қарор гиранд, дар ҳоле ки миёни аъзоёни гурӯҳ ҳисси ягонагӣ мавҷуд аст. Инчунин, метавон SHEP-ро миёни деҳқонони инфиродӣ татбиқ намуд, агар деҳқонон дар ин минтақа ба таври инфиродӣ фаъолият намоянд ва ба ягон гурӯҳ таалуқ надошта бошанд. Дар чунин ҳолатҳо, ҳангоми банақшагирии машғулиятҳои гурӯҳи оид ба тартиб додани Тақвими кишти зироат метавон ба душворӣ дучор гардид. Татбиққунандагон бояд деҳқононро рӯҳбаланд созанд, то онҳо нақшаи худро ба таври инфиродӣ дар алоҳидагӣ тартиб диҳанд.

### 1.5. Саволҳо оид ба ҳайати машваратчиён ва низом (система)

**С 1.** Оё SHEP сарбории ҳайати машваратчиёнро зиёд мекунад?



Расм: Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар, вилояти Хатлон, Тоҷикистон

**Ҷ 1.** Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки сарбории ҳайати машваратчиён каме зиёд карда мешавад, алалхусус, вақте, ки онҳо машғулиятҳои навро дар самти маркетинг анҷом медиҳанд. Аммо, машваратчиён мегуянд, ки корҳои онҳо осонтар шудааст, чунки деҳқонон ба онҳо камтар занг зада, аз онҳо намепурсанд, ки ҳангоми ҷамъоварии ҳосил, маҳсулоти худро дар куҷо фурӯшанд. Машваратчиён аз кори худ дар назар ба пештара қаноатмандии бештар пайдо мекунанд, чунки онҳо мушоҳида доранд, ки деҳқонон сатҳи зиндагии худро беҳтар намуда истодаанд ва меҳнати онҳо аз ҷониби деҳқонон қадр карда мешавад. Равиши SHEP воқеан, ҳам деҳқонон ва ҳам ҳайати машваратчиёнро ҳавасманд мегардонад.

**С 2**. Оё равиши SHEP-ро татбиқ кардан имконпазир аст, агар шумораи машваратчиён маҳдуд бошад?

**Ҷ 2.** Бале, то даме ки Шумо ба раванди татбиқи стандартӣ баъзе тағйирот ворид мекунед. Масалан, Руанда тавассути ҷорӣ намудани равиши машваратии аз деҳқон ба деҳқон барои паҳн кардани усулҳои истеҳсолот ин мушкилотро ҳалл намуд.

### 1.6. Саволҳо оид ба захираҳои молиявӣ

**С 1.** Оё татбиқи равиши SHEP имконпазир аст, агар захираҳои молиявии ҳукумат хеле маҳдуд бошанд?

**Ҷ 1.** Бале, имконпазир аст. Дастурамали мазкур маҳз барои чунин ҳолатҳо тарҳрезӣ гардидааст, он ҷое, ки захираҳои молиявӣ маҳдуданд. Агар Шумо дастурҳои ин Дастурамалро пайгирӣ намоед, Шумо дарк мекунед, ки машғулиятҳо оддӣ ва бо як тартиби содда гузошта шудаанд ва бинобар ин амалисозии онҳо буҷаи калонро талаб намекунад. Дар асл, равиши SHEP-ро бе захираҳои зиёди молиявии иловагӣ ба корҳои ҳаррӯзаи машваратӣ дохил кардан мумкин аст.

### 1.7. Саволҳо оид ба маъсъалаҳои гендерӣ

**С 1.** Гендерӣ ин як масъалаи ҳассос мебошад. Оё деҳқонон хоҳиши муҳокима намудани ин масъаларо доранд?

**Ҷ 1.** Таҷрибаи Кения нишон медиҳад, ки деҳқонон, ҳам занон ва мардҳо аз машғулиятҳои равиши SHEP оид ба масъалаҳои гендерӣ хеле хушҳоланд. Гендерӣ яке аз мавзуъҳои машҳури омӯзишҳо миёни деҳқонони зерҳадафи SHEP дар Кения мебошад. Ба деҳқонон мавзӯи омӯзиши гендерии SHEP писанд аст, чунки он ҳамеша ба беҳтарсозии тиҷорати кишоварзӣ равона мегардад, на ба танқиди якдигар роҷеъ ба масъалаҳои гендерӣ.

## 2. Манбаъҳои истифодагардида

Бо мақсади тарғиби равиши SHEP, JICA адабиёт/маводҳои таълимии гуногунро омода намудааст. Дар зер номгӯи баъзе маводҳо, ки Шумо метавонед онҳоро аз интернет дастрас намоед, оварда шудаанд. Барои маълумоти иловагӣ, лутфан ба дафтари кории JICA дар кишвари худ муроҷиат намоед.

►Сомонаи SHEP

https://www.jica.go.jp/english/our_work/thematic_issues/agricultural/shep/index.html




►Саҳифаи SHEP дар Facebook

https://www.facebook.com/jicashep/



► Навори видеоии SHEP дар Youtube “Хоҷагиҳои деҳқонии хурд барои ба даст овардани муваффақиятҳо дар бозор дар фаъолияти худ тағйирот ворид мекунанд- равиши SHEP дар саросари Африқо истифода гардида истодааст”

https://www.youtube.com/watch?v=idGw6xLljH8&feature=youtu.be




► Маводи таълимии мултимедиявии JICA-Net оид ба Равиши SHEP (шакли кӯтоҳкардашуда 6 дақиқа, шакли пурра 26 дақиқа)

https://jica-net-library.jica.go.jp/jica-net/user/lib/contentDetail.php?item_id=10064



▶ Замима бозии SHEP “Fun Fun Farming!”

https://jica-net-library.jica.go.jp/jica-net/user/lib/contentDetail.php?item_id=10035




▶ Китобча (брошюра) “Шиносоӣ бо психологияи ҳамкории байналмилалӣ”

http://libopac.jica.go.jp/images/report/12092193.pdf



▶ Китобчаи (брошюра) SHEP “Бренди ҷопонии SHEP (Сентябри соли 2016)”

https://www.jica.go.jp/english/publications/brochures/c8h0vm0000avs7w2-att/japan_brand_08.pdf




▶ Китобчаи (брошюра) SHEP “Буклети SHEP (Марти соли 2013)”

https://www.jica.go.jp/english/our_work/thematic_issues/agricultural/c8h0vm00009ul5bk-att/shep_04_en.pdf



▶ Брошюраи SHEP “Таърихи SHEP (Феврали соли 2014)”

https://www.jica.go.jp/english/our_work/thematic_issues/agricultural/c8h0vm00009ul5bk-att/shep_05_en.pdf


SHEP Approach Brings Change to Smallholder Horticultural Farmers

It all begins right here at the MARKET.

▶ Брошюраи SHEP “Технологияи Do-nou – Беҳтарсозии роҳҳои маҳаллӣ”
https://www.jica.go.jp/english/our_work/thematic_issues/agricultural/shep/c8h0vm0000bm5dqa-att/Do-Nou.pdf


Successful cases of community "Do-nou" Technology projects in Kenya

Better Rural Access Roads, Better Farmers Life!

"Do-nou" Technology

Навори видеоии SHEP дар Youtube, Технологияи DO-NOU Technology " Беҳтарсозии роҳҳои маҳаллӣ " Кения SHEP-UP (2012)

https://www.youtube.com/watch?v=zcG7cdKXKxU

